Не менее важным направлением является развитие гуманитарного и просветительского измерения водной дипломатии. Повышение экологической культуры населения, вовлечение молодежи, образовательных учреждений и общественных организаций в водные инициативы формирует новое поколение ответственных граждан, осознающих ценность воды как основы жизни и устойчивости общества.

Таким образом, вода выступает не только природным ресурсом, но и инструментом формирования мира, взаимного доверия и сотрудничества. Эффективное использование водных ресурсов, внедрение инновационных технологий, развитие научного обмена и создание общего институционального пространства становятся фундаментом новой модели регионального взаимодействия. Эта модель отражает суть водной дипломатии XXI века, где интересы устойчивого развития и коллективной безопасности преобладают над конкуренцией и разделением.

В перспективе именно вода может стать основой мирного сосуществования и экономического процветания Центральной Азии. Согласованная политика в области водных ресурсов, основанная на

принципах партнерства, научного подхода и экологической ответственности, обеспечит регионам будущее, в котором сотрудничество станет главным источником устойчивого развития, социальной стабильности и общего благополучия.

АДАБИЁТ

1. Role of Hydropower in Sustainable Development of Tajikistan. Asian Development Bank, 2021 // https://www.adb.org/projects/46418-001/main (Санаи мурочиат: 25.10.2025).

2. Tajikistan's Initiatives in Water Diplomacy. Central Asia Policy Review, 2022 // https://mfa.tj/en/tajembankara/view/11367/review-of-global-initiatives-of-tajikistan-in-the-water-sector (Санаи мурочиат: 24.09.2025).

3. Арифов Ҳ. Афғонистон лоиҳаҳои истифодаи захираҳои обии худро дар соҳили дарёи Ому оғоз кардаст // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷаллаи "Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният", №2 (10), 2024. –С.128-141.

4. Вода для Центральной Азии // http://www.cawater-info.net/library/rus/water_in_central_asia.pdf (Санаи мурочиат: 29.03.2025)

5. Эмомалӣ Рахмон ва дипломатияи об: аз қадами аввал то шарокати глобалӣ. Аснод, суханрониҳо ва матолиби солҳои 1999– 2024 // Муаллиф–гирдоварда Сирочиддин Муҳриддин**.** – Душанбе: Ирфон, 2024. – 404 с.

6. Суханронии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 78-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид. 19 сентябри соли 2023 // https://www.un.org (Санаи мурочиат: 15.11.2024).

7. Суханронии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 79-уми Маҷмаи Умумии СММ. Нью-Йорк 24.09.2024 // https://www.un.org (Санаи мурочиат: 12.09.2025).

8. Глазков Н.И. Устойчивое развитие и зеленая дипломатия: перспективы Центральной Азии. Вестник международных исследований, 2023, №4, с. 45-62.

9. Муҳаммадзода П.А. Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили рушд ва таҳкими сиёсати ҳамсоягии нек дар Осиеи Марказӣ дар шароити муосири муносибатҳои байналмилалӣ // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. –№1(5), 2023. –С.17-23.

10. Сафолзода М.Қ. Дипломатияи обӣ дар "Стратегияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" // Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. №4 (8), 2023. –С.53-63.

ОБ ҲАМЧУН ОМИЛИ КАЛИДИИ РУШДИ УСТУВОР ДАР ШАРОИТИ ҶАҲОНИШАВӢ

ҚУРБОНЗОДА ЗУЛФИЯ МАҲМАДНАБӢ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, муовини якуми директор оид ба илм ва инноватсияи Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди “сабз”-и Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734000, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯч. Ҳофизи Шерозӣ, бинои 7;
тел: +(992)979-66-00-10; e-mail:: zulkurbonova@gmail.com

Дар мақола масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи оби кишварҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ шудааст. Осиёи Марказӣ монанди бисёр минтақаҳои дигар дар ҷаҳон низ талош дорад механизмҳои самаранок ва ҳамгироёнаи идоракунии захираҳои маҳдуди обиро таҳия намояд, ки ин масъала аҳаммияти баланд ва замонавии мавзуъро таъкид мекунад.

Навовариҳои илмии пажуҳиш дар он ифода меёбанд, ки дар мақола ҷанбаҳои амалии ҳамоҳангсозии истифодаи об байни кишварҳои минтақа ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии муштараки захираҳои фаромарзии об мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар мақола зарурати татбиқи назари фарогир, ки ҳамоҳангии байни бахшҳои обу энергетика ва рушди ҳамфаҳмӣ ва ҳамкориро байни давлатҳо дар бар мегирад, таъкид мешавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои такмил додани таҷрибаи идоракунии захираҳои обӣ дар сатҳҳои гуногун, аз байнидавлатӣ то миллӣ ва маҳаллӣ истифода шаванд. Аз ҷумла аҳаммияти мубодилаи ошкорои иттилоот байни ҷонибҳои манфиатдор, зарурати мониторинги мунтазам ва арзёбии самаранокии чораҳо, идоракунии оқилонаи истифодаи об ва тақвияти иқтидори институтсионалӣ ва роҳбарӣ ҳамчун пояи муваффақияти ҳамкорб дар соҳаи об таъкид мегардад.

Калидвожаҳо*: Тоҷикистон, минтақаи Осиёи Марказӣ, масъалаҳои об, идоракунии захираҳои оби фаромарзӣ, идоракунии маҷмуи захираҳои об, истифодаи самараноки захираҳои об.*

WATER AS A KEY FACTOR FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

QURBONZODA ZULFIYA MAHMADNABI,
Doctor of Political Sciences, Professor, First Deputy Director for Science and Innovation, Research Institute for Sustainable Development and Green Economy, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734000, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Хафиз Ширози, дом 7;
тел: +(992)979-66-00-10; e-mail:: zulkurbonova@gmail.com

This article is devoted to the issue of water cooperation among the countries of Central Asia. Like many other regions of the world, Central Asia seeks to develop effective and integrated mechanisms for managing limited water resources, which highlights the relevance of this topic.

The scientific novelty of the research lies in examining practical aspects of coordinating water use among the countries of the region and identifying ways to improve the efficiency of joint management of transboundary water resources. The article emphasizes the need for a comprehensive approach that includes coordination between the water and energy sectors, as well as the development of mutual understanding and partnership among states.

The results of the study can be used to improve water resource management practices at various levels, from intergovernmental to national and local. Among the key findings are the importance of open information exchange among stakeholders, the need for systematic monitoring and evaluation of implemented measures, rational water use management, and the strengthening of institutional capacity and leadership as a foundation for successful water cooperation.

Keywords: *Tajikistan, Central Asian region, water issues, transboundary water management, integrated water resources management, efficient use of water resources.*

УДК: 101.1:323.28+327

БОЗТОБИ РАСОНАЙ ВА ШИНОХТИ ИЛМИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ ДАР ТОҶИКИСТОН

АЗИЗӢ РУСТАМ АНВАРЗОДА,
номзади илмҳои фалсафа, докторанти Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
e-mail: rustamazizi1986@gmail.com,

РИЗОЁН ШЕРАЛӢ ШУКРУЛЛОЗОДА,
номзади илмҳои сиёсӣ, сармутахассиси Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Шоҳтемур 27;
e-mail: sherali.rizoyon@gmail.com,

Дар мақола бозтоби расонаӣ ва шинохти илмии экстремизм ва терроризм дар фазои ҷамъиятии Тоҷикистон таҳлил мегардад. Муаллифон нишон медиҳанд, ки гуфтумонҳои муқовимат ба экстремизм дар муҳити расонаӣ ва академӣ аксаран бидуни мутобиқсозӣ ба воқеияти иҷтимоӣ такрор мешаванд. Моделҳо ва мафҳумҳои берунӣ бештар бидуни дарназардошти хусусиятҳои фарҳангӣ ва шароити маҳаллӣ татбиқ мегарданд, дар ҳоле ки қолабҳои куҳнаи тафсирӣ идома меёбанд. Дар натиҷа миёни таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибаи зиндаи ҷомеа гусастагӣ ба вуҷуд меояд. Таваҷҷуҳи махсус ба он равона шудааст, ки чӣ гуна тафсирҳои оммавӣ тасаввурот дар бораи таҳдид, диндорӣ, ҳувият ва рафтори ҷоизро шакл медиҳанд, аз ҷумла дар заминаи муҳоҷирати корӣ ва нақши давлат дар идоракунии хавфҳо. Таъкид мегардад, ки пас аз моҳи августи соли 2021 муҳити хавфҳои минтақавӣ ва иттилоотӣ тағйир ёфт, аммо гуфтумонҳои ҳукмрон ҳамоно бо қолабҳои пешин идома доранд. Муаллифон зарурати бознигарии таҳлили илмӣ ва таҳияи модели мутобиқ ба воқеияти иҷтимоии Тоҷикистонро таъкид менамоянд.

Калидвожаҳо: *таҳлили гуфтумон, экстремизм, муқовимат ба экстремизм, фазои расонаӣ, тафсири илмӣ, ҳувият, муҳоҷирати корӣ, хавфҳои иҷтимоӣ, пешгирӣ, Тоҷикистон.*

Солҳои охир масъалаи шинохт ва пешгирии экстремизм ва терроризм дар Тоҷикистон ба мавзуи фаъоли баҳс дар муҳити расонаӣ, илмӣ ва коршиносӣ табдил ёфтааст. Баррасии мавод нишон медиҳад, ки аксари

дидгоҳҳо бо чанд вижагии муштарак тавсиф мешаванд ва миёни таҳлилҳои назариявӣ ва воқеияти зиндаи ҷомеа фосила эҷод мекунанд:

– такрори ривоятҳо бемутобиқсозӣ ба воқеияти кишвар;

– пешниҳоди моделҳои хориҷӣ номувофиқ ба шароити кишвар;

– талоши шарҳи падида аз меъёрҳои ҷомеаҳои дигар;

– корбурди рӯйкардҳои пешин ва барҷастасозии гуфтумонҳои маҳдуд ҳамчун роҳҳал.

Ҳангоми баррасии гуфтумонҳои мавҷуд пажуҳишгар ба арзёбии нуктаҳое рӯ ба рӯ мешавад, ки дар воқеияти кишвар ба таври густарда дида намешаванд. Мувофиқ набудани «ривоятҳои матраҳ» бо равандҳои зинда ҳолати гусастагӣ ба вуҷуд меорад, яъне фарқи назаррас миёни вазъи воқеӣ ва гуфтумони шинохт дида мешавад. Мусаллам аст, ки “ба таври механикӣ иқтибос намудани таҷрибаи байналмилалӣ бидуни мутобиқсозӣ ба вижагиҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ниҳодии Тоҷикистон самаранок нест ва метавонад ба гусастагӣ миёни сиёсати пешгирӣ ва воқеияти иҷтимоӣ оварда расонад”. [1.105] Аз ин рӯ, мо дар ин матлаб танҳо он гуфтумонҳоро мавриди баррасӣ қарор додем, ки метавонанд дар пешгирии экстремизм дар Тоҷикистон нақши амалӣ дошта бошанд.

Маводи илмӣ, таҳлилӣ ва расонаӣ асосан, вазъи то моҳи августи соли 2021-ро инъикос мекунанд, ҳол он ки баъди 15 августи ҳамон сол моҳияти хавфу таҳдидҳои экстремизм ва терроризм барои Тоҷикистон тағйир ёфт. Дар натиҷа, байни тағйири воқеии вазъ ва гуфтумонҳои мавҷуда номувофиқӣ ба вуҷуд омад ва таҳдидҳои нав ҳамоно бо қолабҳои пешин шарҳ дода мешаванд. Аз ин рӯ, зарурати нақди гуфтумонҳои маъмул ва бознигарии онҳо бо дарназардошти шароити имрӯза ба миён меояд, то масъалаҳои мубрам ба таври воқеъбин ва муассир арзёбӣ гарданд.

Гуфтумони пешгирии экстремизм ва терроризм дар фазои расонаӣ

Дар муҳити расонаҳои Тоҷикистон бинобар мубрам будани масъалаи экстремизм ва терроризм, таваҷҷуҳи хос зоҳир мекунанд. Таҳлили муҳтавоӣ (content analysis) нишон медиҳад, ки бештари матлабҳо барои иттилооърасонӣ ва огоҳибахшӣ таҳия шуда, ба масъалаи мавриди назари мо, яъне, ба роҳҳои пешгирии экстремизм кам диққат дода шудааст. Таҳлили муҳтавои матлабҳои расонаҳои тоҷикӣ дар солҳои 2018–2020 нишон медиҳад, ки аксари навиштаҳоро дар ин бора шахсони ғайрикасбӣ менависанд ва он ҳам бештар аз вокуниш иборат буд. Ин ҳолат дарки гуфтумони пешгириро печида мекунад, чун аз як тараф, матлабҳои зиёд мавҷуданд, вале сифати онҳо ба дард намехӯрад. Ба таври хулоса метавон гуфт, ки “ифротишавӣ натиҷаи омилҳои ҷудогона нест, балки маҳсули ҳамбастагии нобаробарии иҷтимоӣ, буҳрони ҳувият ва заъфи лифтҳои

иҷтимоӣ мебошад, ки аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ моҳирона истифода мешаванд” [1, 121].

Дар натиҷаи таҳлили муҳтавои матлабҳои расонаҳои кишвар, аз қабили “Asia-Plus”, “Ҷумҳурият”, “Озодӣ” ва “Фараж” кӯшиш намудем [муфассал ниг. 2], ки баъзе аз паҳлуҳои баҳси пешгирии экстремизмро дар муҳити расонаҳо бозкушоӣ кунем. Дар давраи мавриди назар (аз соли 2016 то ҳол) расонаҳои ватанӣ ба паҳлуҳои гуногуни пешгирии экстремизм таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ба назар бояд гирифт, ки барои инъикоси воқеии вижагиҳои муҳтавои расонаҳои Тоҷикистон дар самти пешгирии экстремизм истифодаи барномаҳои махсус лозим аст, то таҳлил комилу фарогир бошад. Аз ин рӯ, бо истифода аз равиши дастӣ (manual method) 10 намунаро интихоб кардем. Ин равиш то андозае барои таҳлили гуфтумони матраҳи мавзуъ мусоидат мекунад ва ҳар кадоми онро дар шакли алоҳида нақду баррасӣ менамоем:

1. Экстремизм дар муҳити муҳоҷирони корӣ. Дар фазои расонавии Тоҷикистон андешае роиҷ аст, ки муҳоҷирони корӣ бештар дар шароити будубоши хориҷӣ ба доми гурӯҳҳои экстремистӣ меафтанд. Ин дидгоҳ бо мавқеи масъулини давлатӣ, ривоятҳои расонаҳо, гузоришҳои созмонҳои байналмилалӣ, матолиби коршиносӣ ва ҳамчунин, изҳороти худи муҳоҷирон шакл гирифтааст. Солҳои 2015–2017 ин гуфтумон дар навишта ва баҳсҳои расмӣ хеле фаъол буд. Дар баробари вуҷуди далелҳои муайян, таъкиб ба масъалаи муҳоҷирати корӣ ҳамчун омили асосии ифротишавӣ ниёз ба бознигарӣ дорад, зеро пазируфтани он як қатор саволҳои ҷиддиро ба миён меорад:

Якум, агар ифротишавӣ дар шароити муҳоҷирати корӣ сурат гирифта бошад, магар дар зодгоҳи онҳо чунин мушкил ба назар намерасад? Пайдо кардани посух ба ин суол мушкил аст, чун то ҷойе иртибот байни ифротишавии муҳоҷирон ва макони иқомати онҳо мавҷуд мебошад, вале боз ҳам намунаҳое ҳастанд, ки ифротишавӣ бидуни ба муҳоҷирати корӣ рафтан сурат гирифтааст.

Дуюм, барои чӣ ифротишавӣ дар шаҳрҳои Тоҷикистон нисбат ба деҳот баландтар аст? Агар дар ин маврид таносуби табиӣ ва шумораи аҳолӣ байни шаҳру деҳотро ба инобар гирем ҳам, посухи мантиқӣ ба даст намеояд. Чунки мувофиқи натиҷаҳои пешакии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар кишвар, ки соли 2020 аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, **б**еш аз 2 млн 528 ҳазор нафар ё 26,2%-и аҳолӣ шаҳрнишин ва 7 млн 133 ҳазор нафар ё 73,8%-ро аҳолии деҳот ташкил медиҳанд [3]. Гузашта аз ин, сокинон аз деҳоти мамлакат аксаран ба муҳоҷирати корӣ мераванд.

Сеюм, магар барҷастасозии омили “муҳоҷирати корӣ” як навъе масъулиятро аз гардани худ соқит кардани масъулини маҳал нест? Чун дар рафти пажуҳишҳо аксар маврид масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва намояндаҳои созмонҳои ҷамъиятӣ зикр мекарданд, ки бошандагони онҳо дар шароити муҳоҷирати корӣ экстремист шуданд. Ин шароит масъулияти онҳоро кам намекунад, чун будани масъала пайдокунии роҳҳалҳоро талаб дорад.

Паҳн шудани гуфтумони “ифротишавӣ дар муҳоҷират” ва барҷастасозии муҳоҷирони корӣ ҳамчун “ифротиёни эҳтимолӣ” дорои хавф аст, зеро метавонад ба коҳиши эътимоди онҳо ба ниҳодҳои давлатӣ оварда расонад. Дарвоқеъ, ягон гурӯҳи иҷтимоӣ аз таъсири таблиғоти экстремистӣ пурра дар амон нест. Аз ин рӯ, чораҳои пешгирикунӣ бояд фарогир буда, ба тамоми қишрҳои ҷомеа равона шаванд.

2. Роҳандозии чораҳои маърифатӣ (дар шаклу навъҳои гуногун). Дар муҳити расонаии Тоҷикистон анҷоми корҳои маърифатӣ ҳамчун яке аз василаҳои асосии пешгирии экстремизм пайваста таъкид мешавад, аммо моҳияти ин чораҳо аксаран норӯшан мемонад. Ин дидгоҳ бештар ба таҷрибаи замони Шуравӣ такя дорад, ки дар он шароити ташаккули афкори ҷамъиятӣ мутамарказ ва зери назорати давлат қарор дошт. Дар шароити имрӯза чунин модел амалан корношоям аст, зеро гуногунфикрӣ кафолат дода шуда, фазои расонаӣ фарогир ва рақобатпазир гаштааст. Аз ин рӯ, кӯшиши татбиқи рӯйкардҳои куҳна ба воқеияти нав номувофиқ менамояд ва бештар ба “бо ғалбер об овардан” шабоҳат дорад. Ҳадаф рад кардани кори маърифатӣ нест, балки мутобиқ сохтани рӯйкард, абзор ва муҳтавои он ба шароити муосир ва талаботи ҷомеа мебошад, то самаранокӣ ва рақобатпазирии он таъмин гардад.

3. Риояи адолати иҷтимоӣ ҳамчун василаи муҳимтарини пешгирии экстремизм. Ин омил ҳамчун яке аз василаҳои калидии пешгирии экстремизм бештар дар муҳити илмию коршиносӣ таъкид мешавад. Мубаллиғони гурӯҳҳои ифротӣ нобаробарӣ ва осебпазирии иҷтимоиро ба нафъи худ истифода мебаранд, аз ин рӯ, таъмини ҷойи кори муносиб, зиндагии шоиста ва фаъолияти муассири болобарҳои иҷтимоӣ аҳаммияти вижа дорад. Ҳамзамон, барои муассир будани чунин чораҳо тафсири оммафаҳми мафҳуми «адолати иҷтимоӣ» дар шароити Тоҷикистон зарур аст, зеро норавшании ин истилоҳ метавонад заминаро барои сӯистифода аз он фароҳам оварад.

4. Фарқгузорӣ миёни “экстремистҳои воқеӣ” аз “гумроҳшудагон” ва раво надидани ҷазои сахт нисбат ба охирон аз андешаҳои коршиносон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бармеояд. Ин рӯйкард, ки бар таҷрибаи ҷаҳонӣ такя дорад, муносибати мақсаднокро пешбинӣ карда, имкони ислоҳи

ифротиҳоро бештар мекунад. Ҳарчанд ин масъала бевосита ба пешгирӣ камтар рабт дорад, омӯзиши фарогири он метавонад дар оянда ба коҳиш ва пешгирии экстремизм мусоидат намуда, самаранокии чораҳои маърифатиро тақвият бахшад.

5. Коҳиши истифодаи забони нафрат ҳамчун василаи пешгирии экстремизм. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки "душмантарошӣ" ва "қаҳрамонсозӣ"-и экстремистҳо хатарбор мебошад. Чун агар "душмантарошӣ"-и зиёд сурат гирад, барои гурӯҳе онҳо "ҷабрдида" ва ё "мазлум" шиносоӣ мешаванд. Агар "қаҳрамонсозӣ" сурат гирад, пас доираи муайяни мардум барои татбиқи хостаҳои худ ба ин роҳ шояд раванд. Ҳамзамон, таҳлили муҳтавои матлабҳои расонаҳои тоҷикӣ маълум мекунад, ки забони нафрат дар навиштаҳои зиддиэкстремистӣ зиёд ба назар мерасанд.

6. Густариши арзишҳои таҳаммулгароӣ ва гуногунандешӣ ҳамчун василаи пешгирии экстремизм. Ин нукта низ бештар дар муҳити нишастҳои таҳлилӣ аз ҷониби кормандони соҳаи илму таълим садо дода, агар аз диди консептуалӣ дуруст таҳия шавад, чораҳои пешгирикунандаро ниҳоят қавӣ мекунад.

7. Гузаронидани корҳои маърифатӣ дар байни ҷавонон. Таҳлили муҳтавои расонаҳо нишон медиҳад, ки даъват барои анҷоми корҳои маърифатӣ дар байни ҷавонон бештар садо додааст, вале механизми равшани чӣ гуна анҷом додани онро мушоҳида накардем. Дар мавриди роҳандозии чораҳои маърифатӣ дар боло муфассал навиштем. Нозукии рӯйи даст гирифтани чунин чора дар муҳити ҷавонон дар он аст, ки онҳо зуд ба майлонҳои нав унс мегиранд. Аз ин ҷо, рӯйкарду афори кори маърифатӣ бо онҳо ҳамеша ба такмил ниёз дорад.

8. Шинохти решаҳо ва омилҳои пайдоиши экстремизм ва андешидани тадбирҳои бартарафсозӣ. Ин нукта низ дар ҳамоишҳои илмию таҳлилӣ ва дар мусоҳибаи алоҳидаи коршиносон садо додааст. Расидан ба ин ҳадаф мушкил мебошад, чун роҳандозии пажуҳиши чандсатҳаро талаб мекунад. Агар амалӣ шавад, ба пешгирии экстремизм метавонад таъсири мусбат расонад.

9. Ҷалби ҷавонон ба китобхонӣ ҳамчун василаи пешгирии экстремизм. Аз беҳтарин андешаҳое ҳаст, ки дар муҳити расонаҳо садо додааст. Чун он механизми амалии пешгирии экстремизм низ мебошад. Гумони ғолиб дар муҳити расонаии Тоҷикистон ин аст, ки агар инсон таҳсилдида бошад, имкони ҷалб шуданаш ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ кам мешавад. Барои муассир шудани иқдоми "китобхонӣ ҳамчун василаи пешгирии экстремизм" бояд механизми амалии он мутобиқ ба шароити Тоҷикистон таҳия шаванд. Роҳандозии озмунҳои ҷумҳуриявӣ таҳти унвони "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст", "Илм–фуруғи маърифат", "Тоҷикон" – оинаи таърихи миллат"

ва ғайра заминаи қавиро дар эҳёи фарҳанги китобхонӣ дар кишвар ба вуҷуд оварданд.

10. Густариши ақлгароӣ ҳамчун василаи пешгирии экстремизм. Аз андешаҳои ҷолиб мебошад, чун мушоҳида нишон медиҳад, ки аксари мардуми кишвар аз набудани амалкарди мувофиқ ба ақлгароӣ зарар дидаанд. Як василаи ҷалб шудан ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ ин сатҳи пасти андешаи интиқодӣ мебошад. Аз ин рӯ, агар дар самти амалисозии ин андеша – чораҳои мутобиқ ба шароити Тоҷикистон таҳия шаванд, бешубҳа, ба пешгирии экстремизм метавонад сабаб шавад.

Гуфтумони пешгирии экстремизм ва терроризм дар муҳити илмӣ

Дар муҳити илмию пажуҳишии Тоҷикистон ба масъалаи пешгирии экстремизм таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад. Дар аксари матлабҳои илмӣ зарурати ҷустуҷӯйи роҳу равишҳои пешгирӣ таъкид мегардад [масалан ниг. 4 ва 5], аммо мафҳуми худи “пешгирии экстремизм” одатан, ба таври равшан шарҳ дода намешавад. Муаллифон бештар ба василаҳо ва рӯйкардҳо ишора мекунанд ва ин мафҳум аксаран ҳамчун ибораи умумӣ ё ҳадафи таҳлил истифода мешавад, бе он ки муҳтавои дохилии он дақиқ гардад. Таҳлили гуфтумони “пешгирии экстремизм”-ро дар шакли нуктаҳои алоҳида дар зер меорем:

1. Муҳим будани нақши маориф дар пешгирии экстремизм дар муҳити наврасон ва ҷавонон. Дар мақолаҳои илмӣ возеҳ баён шудааст, ки яке аз роҳҳои бартараф кардани мушкилоти мазкур рушди соҳаи маориф аст. Чун ҷаҳонбинии шаҳрвандро аз овони наврасӣ дар руҳияи инсондустӣ ва таҳаммулпазирӣ метавонад шакл диҳад;

2. Таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба тарбияи ҷавонон дар муҳити хонавода. Чун агар дар оила дуруст тарбия ёбанд, ба сафи гурӯҳҳои экстремистӣ шомил намешаванд ва то ҷойе рӯйкарди “пешгирикунанда” ҳам аст. Аммо вожаи тарбияи “дуруст” норавшан аст, чун маълум нест, ки зери он чиро дар назар доранд.

3. Барои пешгирии экстремизм роҳандозӣ кардани иқдомҳои муассири иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, то талабу эҳтиёҷи мавҷудаи шаҳрвандонро қонеъ созад. Баланд бардошти сатҳи некуаҳволии аҳолӣ низ муҳим шуморида шудааст.

4. Анҷом додани пажуҳишҳои касбӣ дар самти маълум кардани чора, васила ва рӯйкардҳои пешгирикунандаи мутобиқ ба шароити Тоҷикистон;

5. Барои пешгири экстремизм лозим ба назар мерасад, ки решаҳои идеологии ба вуҷуд омадани он дақиқ пажуҳиш шавад;

6. Ҳамчун василаи пешгирии экстремизм шакл додани афкори зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористӣ дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ;

7. Яке аз сабабҳои рӯ овардани шаҳрвандон ба ақидаҳои экстремистӣ – ҳошияравӣ (marginalism) ва ё надоштани имкон барои татбиқи тавонмандиҳои худ аст. Аз ин рӯ, пажуҳиш ва баррасии чунин падидаҳо ва пешниҳоди роҳандозии дурусти фаъолияти болобарҳои иҷтимоӣ бисёр муҳим арзёбӣ шудаанд.

8. Омӯзондани ҷавонон ба илму фановариҳои муосир ва малакаҳои зарурии ҳаётӣ, ки василаи пешгирии шомилшавӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ мебошад.

9. Роҳандозии пажуҳишҳои бисёрсоҳавӣ ва байнисоҳавӣ дар самти таҳияи барномаҳои амалӣ барои пешгирии экстремизм дар шароити Тоҷикистон;

10. Роҳандозии барномаҳо бо хонаводаи ифротиҳо ва худи ифротиҳои собиқ барои пешгирии экстремизм дар муҳити онҳо;

11. Роҳандозии ҳамкории амиқ бо руҳониён барои пешгирии ақидаҳои экстремистӣ дар байни аҳолӣ, ҷалби онҳо ба корҳои маърифатӣ ва ғайра.

12. Роҳандозии барномаҳо барои пешгирии андешаҳои экстремистӣ дар муҳити шабакаҳои иҷтимоӣ–беҳтарсозии фарҳанги истифодаи фановариҳои иттилоотию иртиботии муосир.

Арзёбиии пешгирии экстремизм ва терроризм пас аз қудратгирии “Толибон”

Қудратгирии “Толибон” моҳияти хавфу таҳдидҳоро барои Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таври ҷиддӣ дигар кард ва аҳаммияти зиракии сиёсӣ ва дарки воқеияти муосирро дучанд сохт. Пас аз чанд соли ҳокимияти Толибон ба эътидол омадани вазъ дар Афғонистон эҳтимоли кам дорад ва баръакс, хатари шаклгирии “бесуботии пойдор” афзоиш ёфтааст. Номуайян будани паёмадҳои ин вазъ барои кишварҳои ҳамсоя, ҳузури даҳҳо гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон ва буҳрони умумии низоми равобити байналмилалӣ таъмини суботу амниятро ба яке аз масъалаҳои калидии пешгирии экстремизм табдил додаанд. Аз ин рӯ, дар иртибот ба андешаҳои боло ба чанд нукта ишора мекунем, ки барои пешгирии экстремизм аз аҳаммият холӣ нестанд:

Якум, омили шохаи Хуросони “Давлати исломӣ”. Падидаи “Давлати исломӣ” нишон дод, ки як созмони экстремистию террористӣ метавонад дар фурсати кӯтоҳ ба унсури таъсиргузори геополитикӣ табдил ёбад ва қишрҳои ҳошияравро аз кишварҳои гуногун ҷалб кунад. Бо дарназардошти он ки “табиат халоро намепазирад”, метавон интизор дошт, ки ба ҷойи созмонҳои “пиршуда” гурӯҳҳои нави экстремистӣ пайдо мешаванд. Пас аз қудратгирии “Толибон”, франшизаи “Давлати исломӣ” дар шакли “Шохаи

Хуросони “Давлати исломӣ” тобиши нав гирифта, боз ба яке аз манбаъҳои ҷиддии таҳдид табдил ёфт.

Моҳи апрели соли 2022 андешакадаи амрикоӣ Center for Preventive Action гузориши таҳлилиро таҳти унвони “Countering a Resurgent Terrorist Threat in Afghanistan” [6] (Муқовимат ба таҳдиди эҳёшавандаи террористӣ дар Афғонистон) нашр кард. Хулосаи таҳлилгарони амрикоӣ ин буд, ки Толибон имкони муқовимат бо гурӯҳҳои террористиро надоранд ва дар давраи қудратгирии онҳо ҷойгоҳу тавонмандиҳои Ал-Қоида, Шохаи Хуросони “Давлати исломӣ” ва ғайра боз ҳам қавӣ шудааст... Ҳамзамон, дар санадҳои СММ оид ба афзоиши таҳдидҳои террористӣ аз Афғонистон сухан мерафт [7].

Пас аз нашри гузориши андешакадаи амрикоӣ “Давлати исломӣ” дар Афғонистон фаъол гардид ва расонаҳои нави худро сохт. Дар ҳамлаҳои террористии Шохаи Хуросони “Давлати исломӣ” аз шаҳрвандони Тоҷикистон истифодаи абзорӣ шуд. Дар расонаҳо ду ҳамлаи террористӣ ба ибодатгоҳи Шоҳчароғи шаҳри Шерози Эрон (26 октябри соли 2022 ва 13 августи соли 2023), инфиҷори маргталабона дар маросими ёдбуди фармондеҳ Қосим Сулаймонӣ дар шаҳри Кирмони Эрон (3 январи соли 2024); ҳамла ба калисои католикии Марияи Муқаддас дар шаҳри Истанбули Туркия (28 январи 2024) ва ҳамлаи террористӣ ба толори маҷмааи Крокус Сити Ҳол дар шаҳри Маскави Русия (22 марти соли 2024) кори дасти зодагони кишвар эълон шуд.

Дар шароити таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ аз Афғонистон роҳандозии иқдомҳои муштараки кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти таъмини суботу амният зарур аст, зеро танҳо худи кишварҳои минтақа манфиатдори амнияти пойдор мебошанд. Дар ин замина, тақвияти ҷиддии корҳои маърифатии рӯй ба зеҳнҳо аҳаммияти роҳбурдии дарозмуддат дорад. Барои ҳифзи суботу амният пайгирии доимии таҳаввулоти ҷаҳону минтақа ва ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва манфиатҳои ҳаётан муҳим бояд ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳ қарор гирад.

Дуюм, тағйири таҳдидҳои экстремизми динӣ ба сиёсию динӣ. Падидаи экстремизм ва тундгароӣ дар ҳоли фаргашт қарор дорад ва қудратгирии Толибон ба он такони ҷиддӣ бахшид. Аз ин рӯ, эҳтимол унсури динии он поён равад ва ҷояшро экстремизми сиёсӣ мегирад. Дар сурати рушди эҳтимолии экстремизми сиёсӣ иқдомҳои имрӯза ба такмил ниёз пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, барои пешгирии чунин экстремизм таҳияи созаҳои (constructs) зеҳнӣ ба роҳ монда шаванд, то дар дарозмуддат заминаи густариши ин падидаи номатлубро аз байн барад.

Сеюм, бесилоҳсозии экстремистҳо аз унсури муҳимми пешгирӣ ва муқовимат ба шумор меравад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки гурӯҳҳои

экстремистӣ барои ҷалби шаҳрвандон аз “адолати иҷтимоӣ” суйистифода мекунанд ва осебпазир будани онро ҳамчун далели қавии ҷалбсозии шаҳрвадон ба кор мегиранд.

Чорум, густариши андешаи кишвардорӣ. Таваҷҷуҳ ба густариши андешаи кишвардорӣ дар байни шаҳрвандон бисёр муҳим аст, чукни ба эҳсоси давлатмеҳварии шаҳвардон таъсири амиқ мерасонад ва ба таҳкими суботу амният дар ҷомеа ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон таъсири мустақим дорад.

Панҷум, омили фановариҳои муосири иттилоотӣ. Дар ояндаи наздик рушди густурдаи фановариҳои иттилоотӣ ва ҳуши маснуъ васеъ ба назар хоҳад расид. Ҳамзамон, ҷавон шудани корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ низ пешбинӣ мешавад. Дар ин ҳолат шакл додани афкори ҷамъиятӣ бо абзорҳои суннатӣ мушкил шуда, зарурати ба вуҷуд овардани пойгоҳҳои қавӣ ва рақобатпазири таҳлилию иттилоотиро ҳатмӣ мегардонад.

Дар фарҷом, таваҷҷуҳ ба густариши солими фазои расонаӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нуктаи меҳварӣ аст, то тавонмандиҳои миллӣ имкони пешрафтро дошта бошад ва худи онҳо тавонанд дар рақобату муқовимат пояҳои андешаҳои экстремистиро дар ҷомеа решакан ё сатҳи онро паст кунанд.

АДАБИЁТ

1. Азизи Р. Радикализация в Центральной Азии: вызовы и внутренние факторы уязвимости в контексте Таджикистана // Din Araşdırmaları Jurnalı (Журнал религиоведческих исследований). – 2025. – № 8 (1).–С. 104–125.– ISSN 2618-0030.–e-ISSN 3006-2772.–DOI: 10.30546/3006-2772.1011.030.

2. Салимов Ф.Н., Азизи Р.А., Ризоён Ш.Ш. Вопросы экстремизма в медиапространстве Таджикистана: анализ СМИ и социальных медиа // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –2023. -№10-1. -С.280-291.

3. В Таджикистане за 10 лет численность населения увеличилась более чем на 2 млн человек [Электронный ресурс]. – 12.10.2021. – Режим доступа: https://asiaplustj.info/en/node/303780 (дата обращения: 10.01.2026).

4. Ризоён Ш.Ш. Опыт Таджикистана в профилактике экстремизма: проблемы и перспективы //Противодействие идеологии терроризма: концепции и адресная профилактика: материалы Всероссийской научно-практической конференции. -Уфа: 2019. -С.15-24.

5. Ризоён Ш.Ш., Гиёсов М.Ф. Афганистан до и после возвращения Талибан. -Душанбе, 2023. 508с.

6. Countering a Resurgent Terrorist Threat in Afghanistan [Electronic resource]. – 14.04.2022. - Mode of access:

https://www.cfr.org/report/countering-resurgent-terrorist-threat-afghanistan (date of access: 10.01.2026).

7. Четырнадцатый доклад Генерального секретаря об угрозе, которую ИГИЛ создает для международного мира и безопасности [Электронный ресурс]. – 28.01.2022. – (Режим доступа: https://goo.su/jgZxR. (Дата обращения: 10.01.2026).

МЕДИЙНОЕ ОТРАЖЕНИЕ И НАУЧНОЕ ОСМЫСЛЕНИЕ ЭКСТРЕМИЗМА И ТЕРРОРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ

АЗИЗИ РУСТАМ АНВАРЗОДА,
кандидат философских наук, докторант Института философии и политических наук им. А. Баховаддинова НАНТ
734025, Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33;
e-mail: rustamazizi1986@gmail.com;

РИЗОЁН ШЕРАЛИ ШУКРУЛЛОЗОДА,
Кандидат политических наук, главный специалист отдела анализа и перспективного анализа внешней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025,Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемура 27;
e-mail: sherali.rizoyon@gmail.com;

В статье анализируются медийное отражение и научное осмысление экстремизма и терроризма в общественном пространстве Таджикистана. Авторы показывают, что дискурсы противодействия экстремизму в медийной и академической среде часто воспроизводятся без адаптации к социальной реальности. Внешние модели и концепции нередко применяются без учета культурных особенностей и местных условий, сохраненяя устаревшие интерпретационные схемы. В результате возникает разрыв между теоретическими анализами и живым опытом общества. Особое внимание уделяется тому, как публичные интерпретации формируют представления об угрозе, религиозности, идентичности и допустимом поведении, в том числе в контексте трудовой миграции и роли государства в управлении рисками. Подчеркивается, что после августа 2021 года региональная и информационная среда рисков изменилась, однако доминирующие дискурсы продолжают воспроизводиться в прежних формах. Авторы обосновывают необходимость пересмотра научного анализа и разработки модели, адаптированной к социальной реальности Таджикистана.

Ключевые слова: *дискурс-анализ, экстремизм, противодействие экстремизму, медиапространство, научная интерпретация, идентичность, трудовая миграция, социальные риски, профилактика, Таджикистан.*

MEDIA REPRESENTATION AND ACADEMIC INTERPRETATION OF EXTREMISM AND TERRORISM IN TAJIKISTAN

AZIZI RUSTAM ANVARZODA,
Candidate of Philosophy, doctoral student at the A. Bahovaddinov Institute of Philosophy and Political Science of the National Institute of NAST,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 33;
e-mail: rustamazizi1986@gmail.com

RIZOYON SHERALI SHUKRULLOZODA,
Candidate of Political Sciences, Chief Specialist of the Department of Analysis and Prospective Analysis of Foreign Policy of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shotemur 27;
e-mail: sherali.rizoyon@gmail.com

The article analyzes the media representation and academic interpretation of extremism and terrorism in the public sphere of Tajikistan. The authors argue that discourses on countering extremism in media and academic environments are often reproduced without adaptation to social realities. External models and concepts are frequently applied without consideration of cultural specificities and local conditions, while outdated interpretative frameworks persist. As a result, a gap emerges between theoretical analyses and the lived experience of society. Special attention is given to how public interpretations shape perceptions of threat, religiosity, identity, and acceptable behavior, including in the context of labor migration and the role of the state in managing risks. It is emphasized that after August 2021 the regional and informational risk environment changed, yet dominant discourses continue to operate within previous frameworks. The authors highlight the need to reconsider academic analysis and to develop a model adapted to the social realities of Tajikistan.

Keywords: *discourse analysis, extremism, countering extremism, media space, academic interpretation, identity, labor migration, social risks, prevention, Tajikistan*

УДК: 004.056:32:316.77

ТАЪСИРИ РАВАНДҲОИ ИТТИЛООТӢ БА РУШДИ ҶОМЕА ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

АБДУСАЛОМЗОДА АНЗУРАТ,
муовини Раиси вилояти Хатлон, унвонҷӯйи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Ҳувайдуллоев 1;
тел.: 88-84-44-30-38; e-mail: a.abdusalomzoda@mail.ru

Мақолаи мазкур ба таҳлили мавқеъ ва нақши равандҳои иттилоотӣ дар ҷомеа дар шароити муосир бахшида шудааст. Қайд мегардад, ки равандҳои иттилоотӣ дар ҷомеаи муосир ҷузъи таркибии равандҳои сиёсӣ ба шумор мераванд. Онҳо қудрати таъсиррасонӣ ба рафти раванду ҳодисоти сиёсиро дошта, ҳамчун захираи қавӣ барои субъектҳои он хизмат мекунад. Иттилоот қудратест, ки дар шароити муосири шиддат гирифтани бархурдҳои иттилоотӣ, неруҳои гуногуни сиёсӣ аз он фаъол истифода мебаранд. Вобаста ба ин, масъалаи ҳифзи иттилоот ва таъмини амнияти иттилоотӣ ҳам аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дар робита ба ин, кишварҳоро зарурат пеш меояд, ки стратегияҳои комили таъмини амнияти иттилоотиро таҳия ва татбиқ намоянд.

Калидвожаҳо: *раванди иттилоотӣ, иттилоот, амнияти иттилоотӣ, ҳифзи иттилоот, коркарду паҳн намудани иттилоот, шабакаи иҷтимоӣ, технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, стратегияи муқовимати иттилоотӣ, ҷанги иттилоотӣ, назарфиребӣ.*

Равандҳои иттилоотӣ дар шароити муосир ҷузъи таркибии равандҳои сиёсии ҷомеа маҳсуб меёбанд. Қабул, нигоҳдошт, коркард, паҳннамоӣ ва истифодаи иттилоот ҷараёни мунтазаму пайвастае мебошад, ки дар суръатбахшии равандҳои сиёсӣ аҳаммияти хосса дорад. Ҳаёти имрӯзаи ҷомеа худ инъикоси татбиқи ҳамарӯзаи амали мазкур мебошад. Шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва элитаи сиёсӣ фаъолони раванди мазкур мебошанд. Ҳар кадоми онҳо дар доираи манфиату мақсадҳои худ дар фазои иттилоотӣ ба дарёфту қабул ва коркарду паҳннамоии иттилооте мебошанд, ки баҳри ба даст овардани ҳадафҳои гузошташуда ба онҳо кумак мерасонанд.

Таҳаввули таърихие, ки дар масъалаи равандҳои иттилоотӣ тайи мавҷудияти инсон ба вуҷуд омадааст, аз рушди бесобиқаи самти мазкур далолат мекунад. Агар дар таърихи раванди мазкур ба вуҷуд омадани хатро ҳамчун инқилоби якуми иттилоотӣ ва ба роҳ мондани чопи китобро инқилоби дуюми иттилоотӣ маънидод намоянд, пас ташаккули шабакаҳо ва интернетро ҳамчун марҳалаи сеюми инқилоби иттилоотӣ эътироф

мекунанд. Ин аз нигоҳи имкониятҳои техникию технологӣ яке аз дастовардҳои муҳимми инсоният маҳсуб меёбад.

Дар робита ба вазъи муосири рушди равандҳои иттилоотӣ қайд намудан зарур аст, ки таъсири онҳо ба ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бесобиқа калон мебошанд. Хусусан, ҳаёти сиёсии ҷомеаро бе равандҳои иттилоотӣ тасаввур кардан номумкин аст. Сиёсат дар замони имрӯза аз иттилоот ҳамчун василаи муҳимми таъсиррасонӣ истифода менамояд. Он ба сифати захираи муҳимми ҳокимият низ баромад мекунад. Аз ин рӯ, ҳифзи он яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Бо ин мақсад дар адабиёти сиёсӣ мафҳуми «амнияти иттилоотӣ» истифода мешавад, ки онро муҳаққиқон ба таври гуногун таъриф мекунанд. Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки бисёре аз муаллифон тафсири истилоҳи «амнияти иттилоотӣ»-ро пешниҳод кардаанд, ки дар он ҷанбаҳои гуногуни ин мафҳум мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифта, меъёрҳои гуногуни таъриф истифода мешаванд. Масалан, «амнияти иттилоотӣ– дастрасӣ, қобилияти гирифтани хидмати иттилоотии заруриро дар вақти мувофиқ; якпорчагӣ ва мутобиқати иттилоот, ҳифзи он аз нобудшавӣ ва тағйироти беиҷозат; махфият–муҳофизат аз дастрасии беиҷозат ба иттилоотро дар бар мегирад” [1, 18]. Бо ин маъно амнияти иттилоотӣ дар фаҳмиши умумӣ амнияти иттилоот, каналҳои иттилоотӣ ва дастрасии озоди ҳар як шаҳрванд, давлат ва созмонҳои ғайридавлатӣ ба манбаъҳои иттилоот мебошад.

Муҳаққиқ Е.Камишев масъалаи амнияти иттилоотиро баррасӣ намуда, менависад, ки “барои таъмини амнияти иттилоотӣ ва рушди озоди шахсият, оила ва давлат шароит фароҳам овардан зарур аст. Ин имкон медиҳад, ки ба раванди таърихӣ, вазъи воқеии ҷаҳон, кишвар, минтақа ба таври объективӣ баҳо дода, дар асоси иттилооти муосир, боэътимод, огоҳии амалӣ ва ҷаҳонбинии илмии тамоми доираи донишҳои гуманитарӣ, ки ташаккули ҷомеаи ҷаҳониро ба вуҷуд меоранд, таҳия ва қабули қарорҳои мустақилона имконпазир гардад” [2, 11]. Ба таври дигар, агар маънидод намоем, амнияти иттилоотӣ ин ҳолати ҳифзи фазои иттилоотӣ аз иттилооти барои ҷомеа зараровар низ мебошад.

Ҳамин тариқ, мо метавонем тахмин кунем, ки амнияти иттилоотӣ дараҷаи амнияти иттилоотӣ, устувории соҳаҳои гуногуни рушди ҷомеа дар робита бо таъсири иттилоотие мебошад, ки манфиатҳои ҷомеа ва давлатро поймол мекунанд. Вазифаи асосии амнияти иттилоотӣ муайян ва безарар гардонидани таъсири манфии иттилоот ба рушди ҷомеа мебошад.

Дар кишварҳои рӯ ба инкишоф, ки Тоҷикистон низ ба онҳо дохил мешавад, дар танзими таъмини иттилоотии равандҳои сиёсии ҳокимияти сиёсӣ нақши махсус дорад. Чунонки пажуҳишгар М.Хидирзода қайд менамояд: «Таъминоти иттилоотӣ, ба ақидаи мо, фаъолият доир ба таҳия,

коркард, ҷамъоварӣ ва паҳн намудани иттилоот оид ба самти муайяни равандҳои сиёсӣ дар ҷомеа буда, мавҷудияти сатҳи баланди касбият ва василаҳои техникиеро талаб мекунад, ки тавассути онҳо иттилоот ба қабулкунандаи он, яъне ҷомеа расонида мешавад. Ба таври дигар, онро фаъолияти коммуникативию иттилоотӣ низ меноманд» [6, 54].

Бояд тазаккур дод, ки гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ дар ҳар як кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон, дар асоси хусусиятҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ сурат мегирад. Гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, рушди инфрасохтори иттилоотӣ барои таъмини амнияти иттилоотии кишвар зарур аст, ки аз манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Ба эътиқоди бисёре аз муаллифон, бидуни андешидани чораҳои зарурӣ ва мувофиқ дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ҳамеша таҳдидҳо ба амнияти миллӣ вуҷуд доранд.

Дар шароити кунунӣ фароҳам овардани шароит барои рушди инфрасохтори иттилоотӣ дар Тоҷикистон вазифаи зарурӣ мебошад, ки дар асоси он ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд доир ба қабул ва истифодаи иттилоот амалӣ мегарданд, рушди сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва якпорчагии кишвар, рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва тартиботу қонуният таъмин карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар Тоҷикистон баъзе мушкилот дар соҳаи иттилоот вуҷуд доранд. «Дар замони авҷ гирифтани ҳуҷумҳо ва ҷангҳои иттилоотӣ идоракунии ин захираи бузург бояд дар асоси стратегияи муайян амалӣ карда шавад, зеро он фаъолиятест, ки дар ду ҷабҳа–ҳам ҷабҳаи мудофиа ва ҳам ҳуҷум, таъсирнокии ҳамлаҳои иттилоотии рақибро камранг намуда метавонад. Вобаста ба ин, дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ идоракунии самараноки он метавонад баҳри ба ҳадаф расидан мусоидат намояд» [6,55-56]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар замони шиддати бархурдҳои иттилоотӣ маҳз иттилоот ҳам василаи набард ҳасту ҳам василаи мудофиа.

Дар робита ба ин масъала пажуҳишгар Қ.Сафиев қайд мекунад, ки «барои амалӣ намудани идоракунии самараноки иттилоотӣ фаъолияти ҳамоҳанги тамоми шохаҳо ва сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ дар таҳия ва паҳн намудани технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт, дар соҳаи идоракунии давлатӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ зарур мебошад. Бояд тазаккур дод, ки самтҳои асосии амнияти иттилоотӣ дар Тоҷикистон дар “Консепсияи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян шудаанд, ки фаъолияти мақомоти давлатиро дар таҳия ва паҳн намудани технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, идоракунии давлатӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ танзим менамояд» [4, 38] .

Сиёсати иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли чунин мушкилот, аз қабили такмили заминаи ҳуқуқии танзими равандҳои

иттилоотӣ, рушди хадамоти иттилоотӣ, такмили технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, гузариш ба иқтисоди рақамӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки дар доираи ҳифзи амнияти иттилоотӣ ҳифзи инфрасохтори иттилоотӣ низ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Иттилоот натанҳо рушди иҷтимоиро метезонад, балки масъалаҳои вобаста ба амнияти дохиливу минтақавӣ ва ҷаҳониро низ ба вуҷуд меорад. Созмонҳои гуногуни радикалӣ ва террористӣ дар баробари созмонҳои давлатӣ аз дастовардҳои инноватсионии технологӣ васеъ истифода мебаранд. Чунин гурӯҳу ташкилотҳо аз воситаҳои техникии озод истифода бурда, ҳамчун объекти инфрасохтори иттилоотии давлатӣ баромад мекунанд. Ҳамин тариқ, ин созмонҳо тавассути технологияҳои иттилоотӣ андешаҳои худро дар байни аҳолӣ паҳн мекунанд. Бояд тазаккур дод, ки созмонҳои террористӣ аз чунин воситаҳо фаъолона истифода мекунанд. Гурӯҳҳои мухталифи муташаккили ҷиноӣ ва созмонҳои ифротӣ низ аз воситаҳои иттилоотию иртиботӣ истифода мекунанд (масалан, таҷрибаи паҳннамоии маводи мухаддир тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ).

Ба андешаи мо, маҳз паҳншавии ақидаҳои ифротгароӣ тавассути технологияҳои коммуникатсионӣ ба рафтори шаҳрвандон таъсир мерасонад. Сатҳи нобаробари шуури сиёсӣ ва фарҳанги сиёсии ҷавонон имкон намедиҳад, ки ба чунин иттилоот ҷавоби сазовор дода шавад. Ин бошад, дар умум, ба вазъи фазои иттилоотӣ ва идеологӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, имрӯз татбиқи барномаи давлатии таъмини амнияти иттилоот дар Тоҷикистон як иқдоми зарурист.

Муқовимат бо истифодаи муносиби фанноварихои иттилоотӣ ба муқобили гурӯҳҳои мухталиф дар ояндаи наздик дар Тоҷикистон авлавият дорад. Ба назари мо, ҳифзи иттилоот шарти муайянкунандаи системаи амнияти иттилоотӣ мебошад. Дар Тоҷикистон “Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ” амалӣ шуда истодааст, ки дар он роҳу воситаҳои асосии муборизаи бо таҳдидҳое, ки ба амнияти давлатии ҷумҳурӣ зарар мерасонанд, инъикос ёфтаанд.

Яке аз воситаҳои асосии дастрасӣ ба иттилоот ва истифодаи он интернет мебошад, ки ба раванди сиёсии ҳар як давлати мушаххас таъсири хеле амиқ дорад. Таҳлили адабиёт нишон медиҳад, ки интернет ба саҳнаи сиёсӣ ба осонӣ ворид шуда, сабаби тағйироти ҳаёти сиёсӣ мегардад. Дар асоси таъсири иттилоот баъзе ниҳодҳои сиёсӣ тағйир ёфта, ба он мутобиқ шудаанд.

Бояд қайд кард, ки зери таъсири интернет субъектҳои равандҳои сиёсӣ моделҳои нави рафторро эҷод мекунанд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки фазои иттилоотии интернет яке аз унсурҳои асосӣ ва таъсиррасон ба раванди сиёсӣ мебошад. Таваҷҷуҳ ба интернет рӯз то рӯз

афзоиш хоҳад ёфт, бахусус, дар кишварҳои рӯ ба инкишоф. Метавон гуфт. ки дар чунин кишварҳо назорати давлатии шабакаи ҷаҳонии интернет хеле заиф аст. Аз ин рӯ, маълумоти бардурӯғ ва муошрати шабакавӣ дар ин асос метавонад боиси зиддият ва таҳдидҳои нав дар ҳаёти сиёсии ин кишварҳо шавад.

Дар робита ба омилҳои номбаршуда пажуҳишгар В.Коровин қайд мекунад, ки «муошрати шабакавӣ яке аз василаҳои самараноки ҷалби ҷонибдорон ба ин ё он маъракаи сиёсӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз дар ҷаҳон ягон маъракаи сиёсӣ бе истифода аз технологияҳои шабакавӣ намегузарад. Аз хурдтарин флеш-мобҳо, то исёну шуриш ва табадуллоти давлатӣ ҳама аз ин шабакаҳо васеъ истифода мебаранд. Инқилобҳои «фейсбукӣ»-ву «твитерӣ» воқеияти ҷаҳони имрӯза буда, онҳо таконбахшандаи ҳама гуна носуботиҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мераванд. Ба касе пӯшида нест, ки мавҷудияти шабакаи умумиҷаҳонии интернет заминаи рушди шабакаҳои дигари иҷтимоӣ буда «user»-ҳои гуногун қудрат доранд, фаъолияти дилхоҳи худро амалӣ намоянд» [3,122]. Яъне, сатҳи таҳдидҳои шабакавӣ то он дараҷа баланданд, ки ҳатто ягонагӣ ва ҳастии бархе аз кишварҳоро метавонанд зери суол мононанд.

Ба гуфтаи бисёре аз муаллифон, шабакаи ҷаҳонии интернет ҳамчун бозори ҷаҳонии иттилоот пешрафт мекунад ва рӯз то рӯз шумораи корбарон бештар мешавад. Аммо, сарфи назар аз душвориҳо, дар баъзе мамлакатхо, барои дастнорас гардонидани ахбори реаксионӣ ва тафриқаандозии идеологӣ тартиби махсуси назорати давлатӣ аз болои шабакаи умумиҷахонӣ ташкил карда шуда истодааст (масалан, Ҷумҳурии Мардумии Чин).

Бояд тазаккур дод, ки дар шабакаи глобалӣ иттилооти бе ягон асос тартиб додашуда ҷойгир карда мешавад ва чунин маълумот боиси сар задани низоъҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ мегардад. Шабака метавонад иттилоотеро интиқол диҳад, ки барои як гурӯҳи муайяни одамон пешбинӣ шудааст. Хусусияти дигари интернет махфӣ будани корбарон аст, аз ин рӯ дар аксари мавридҳо барои расидан ба ҳадафҳои худ корбаронро бо номҳои номаълум истифода мебаранд. Маҳз корбарон бо мақсади татбиқи ҳадафҳои ғаразноки худ арзишҳои бегона ва зарароварро дар ҷомеа паҳн мекунанд ё ташвиқ мекунанд.

Бисёре аз муаллифон бар ин назаранд, ки иттилооти иғвоангези шабакаи ҷаҳонӣ ба нашрияҳои даврӣ ворид шуда, метавонад сарчашма ва сабаби тағйироти сиёсӣ шавад. Дар Тоҷикистон бархе аз сомонаҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ таъсис дода шудаанд, маълумоти иғвоангез паҳн мекунанд, ки ба табиати равандҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Шабакаи глобалӣ имкон медиҳад, ки ҳама ба маълумоти зарурӣ дар бораи рӯйдодҳои гуногуни кишвар ва ҷаҳон дастрасӣ пайдо кунанд. Бар асоси ин маълумот ҳар кас метавонад вазъи сиёсии кишвари худ ва ҷаҳонро таҳлил кунад. Коршиносони сиёсӣ ва таҳлилгарон барои таҳлили вазъи сиёсӣ аз шабакаи ҷаҳонии интернет васеъ истифода мебаранд. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки ҷой додани маълумоти нодуруст ва беасос метавонад боиси таҳлили нодурусти вазъи сиёсии кишвар ва ҷаҳон гардад. Мутаассифона, амали мазкур дар тачрибаи муосир ба ҳукми анъана даромада, назарфиребӣ ва дурӯғафканӣ ҳамчун василаи муборизаҳои сиёсӣ хеле васеъ истифода мешавад.

Ҳамагон эътироф мекунанд, ки шабакаи ҷаҳонӣ воситаи ташаккули ғояҳои ҷамъиятӣ, рушди ниҳодҳо (институтҳо), муносибатҳои сиёсӣ дар кишвар мебошад. Бояд таъкид кард, ки шабакаи ҷаҳонии интернет мақомоти давлатӣ ва сохтори сиёсии ҷомеаро нисбат ба тағйирпазирии фазои иттилоотӣ бетараф намегузорад. Дар асоси тағйирпазирии иттилоот талаботи шаҳрвандон ба иттилоот низ тағйир меёбад.

Бисёре аз муаллифон бар ин назаранд, ки дар заминаи шабакаи ҷаҳонии интернет омезиши иртибот байни ҳукумат ва шаҳрвандон ба назар мерасад, танзими намояндагии манфиатҳо ва ниёзҳои одамон тағйир меёбад. Аз ин рӯ, шаҳрвандон тавассути шабакаи ҷаҳонии интернет эҳтиёҷоти иҷтимоию сиёсии худро нишон дода, кӯшиш мекунанд, ки барои ҳифзи манфиатҳои гурӯҳии худ аз қувваҳои сиёсӣ истифода кунанд. Тачрибаи мазкур, ки ҳамчун хизматрасониҳои давлатии шабакавӣ муаррифӣ мешавад, дар Тоҷикистон ҳам марҳала ва марҳала амалӣ шуда истодааст.

Ҳамин тариқ, дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ, бахусус интернет, демократияи электронӣ ташаккул ёфта, иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар ва дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ зоҳир мегардад.

Рушди технологияҳои коммуникатсионӣ ва равандҳои иттилоотӣ ҷанбаҳои манфии ҳудро низ дорад. Рушди воситаҳои муосири иттилоотӣ барои омодагӣ ва амалисозии амалҳои террористӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Бо истифода аз воситаҳои ахбори оммаи муосир созмонҳои террористӣ ба афкори ҷамъиятӣ, ба руҳия ва эҳсоси одамон таъсири бештар мерасонанд. Тактикаи созмонҳои террористӣ аз он иборат аст, ки кирдорҳои онҳо дар байни аҳолӣ ба таври васеъ маълум ва паҳн карда шуда, тарсу ҳарос ва эътирози оммавиро ба вучуд оваранд.

Бояд гуфт, ки дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва дар шиддат гирифтани ҷангҳои иттилоотӣ таъсир расонидан ба фаъолияти иттилоотии созмонҳои террористиву экстремистӣ мушкил арзёбӣ мешавад. Онҳо пайваста тартиби корбарии шабакавии худро тағйир медиҳанд,

равандҳои иттилоотиро тавре ташкилу роҳандозӣ менамоянд, ки пайгирӣ ва муқовимат ба онҳо мушкил мешавад. Дар ин самт бидуни таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ ба натиҷаҳои муассир ноил шудан ғайриимкон аст.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки созмонҳои террористӣ мафкураи динӣ ва дигар ақидаҳоеро, ки ба муборизаи онҳо мувофиқ аст, барои ташкили минбари идеологӣ дар фаъолияти худ истифода мебаранд. Дар шароити кунунӣ чунин фаъолияти идеологӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон низ мушоҳида мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мубориза бо ин гуна созмонҳои террористӣ фаъолона кор бурда истодааст. Ин созмонҳо бо истифода аз сабтҳои аудио ва видео, интернет, брошюра ва дигар адабиёти гуногун идеологияи терроризмро васеъ тарғиб карда, ба одамон таъсири равонӣ мерасонанд. Унсури равонӣ дар таъсиррасонии идеологии онҳо мавқеи қавӣ дорад.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки фазои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан ором аст, вале баъзе нуктаҳои баҳсбарангезе низ ҳастанд. Хусусан, дар контенти тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ иттилооти мухталифмазмунро дарёфт намудан мумкин аст, ки имкони таъсиррасонӣ ба фазои мафкуравии ҷомеаро дорад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Ф.Холиқов: «Таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чанд омил вобаста мебошад: аз рушди инфрасохтори иттилоотии ҷомеа, аз рушди соҳаҳои гуногуни мамлакат, аз маданияти иттилоотии шаҳрвандони кишвар ва аз сиёсати иттилоотию иттилоотонии давлат. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки рушди ҳамаи соҳаҳо аз дараҷаи тараққиёти инфрасохтори иттилоотии ҷомеа вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ, тавсеаи истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаи интернет, омода намудани мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият ба таври васеъ мавриди истифода қарор додани технологияҳои мазкур имкон медиҳанд, ки амнияти иттилоотӣ кишвар таъмин карда шавад. Ҳамзамон, сатҳу сифати сиёсати иттилоотӣ ва иттилоотонии ҷомеа низ омили муҳимми таъмини амнияти иттилоотӣ мебошад. Махсусан, васоити ахбори оммаи ватанӣ дар тарғибу ташвиқи анъанаҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои давлату ҳукумат фаъолона ширкат варзанд. Роҳу усулҳои нави ҷалби хонандагону бинандагонро бояд пайдо созанд. Дар маҷмуъ, онҳо бояд талаботи иттилоотии ҷомеаро қонеъ карда тавонанд» [7, 4].

Бояд таъкид кард, ки бархе аз гурӯҳҳо бо истифода аз матбуоти озод ғояҳои динию миллии дигар кишварҳоро таблиғ мекунанд, ки ба ташаккули афкори умум таъсири манфӣ мерасонанд. Ба андешаи мо, ташвиқи

ҷараёнҳои мухталифи динӣ боиси пайдо шудани шохаҳои воқеии ин ҷараёнҳо дар ҳаёти сиёсии кишвар хоҳад шуд. Дар фаъолияти ин гуна ҷараёнҳои динӣ асосан ҷавонон ҷалб шудаанд. Аз ин рӯ, пешгирии паҳншавӣ ва таҳкими ақидаҳои бегона дар равандҳои сиёсии кишвар вазифаи зарурии мақомоти давлатӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки мақомоти давлатӣ дар байни аҳолӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ мегузаронанд. Онҳо дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳо, дар барномаҳои телевизионӣ масъаларо фаҳмонида, нақши ҷавононро дар ташкилу мустаҳкам намудани давлати соҳибистиқлол ташвиқу тарғиб мекунанд.

Ташаккули сиёсати давлатии иттилоотӣ қадами ҷиддӣ дар роҳи танзими муносибатҳо дар соҳаи иттилоот мебошад. Андешидани чораҳои институтсионалӣ дар ин самт баҳри тақвияти минбаъдаи равандҳо дар ин ҷода зарур мебошад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ дар ҷумҳурӣ” соли 2021 қайд намуданд, ки *«дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор меравад. Татбиқи барномаҳои қабулнамудаи мо барои гузаштан ба ин раванд қонеъкунанда нестанд ва зарур аст, ки чораҳои ба ташаккули шароит барои тақвияти соҳаи рақамикунонӣ мусоидаткунанда андешида шаванд.*

Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани ҳукумати электронӣ ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд» [5]. Иқдоми мазкур баҳри дар сатҳи сифатан нав татбиқ шудани барномаҳои давлатӣ дар соҳаи иттилоот ва рақамикунонии идоракунии давлатӣ низ такони ҷиддӣ дод. Таъсиси мақомоти зикргардида дар солҳои охир баҳри гузариш ба низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо, пешкаши хизматрасониҳои давлатӣ ва ғайра мусоидат намуда истодааст.

Ҳамин тариқ, дар заминаи маводи зиёди илмию иттилоотӣ доир ба мавзуи нақши иттилоот дар суръатбахшии равандҳои сиёсӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки иттилоот дар замони муосир унсури таркибии равандҳои сиёсӣ ба ҳисоб рафта, дар низоми муосири муносибатҳои ҷамъиятӣ мавқеи муассирро ишғол мекунад.

Таъмини иттилоотии равандҳои сиёсӣ талабу тақозои замони муосир мебошад. Натиҷабахшӣ ва самаранокии равандҳои сиёсӣ ба сатҳи

таъминоти иттилоотии онҳо сахт вобастагӣ дорад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти мубрамии масъала дар Тоҷикистон сиёсати томи иттилоотӣ ташаккул ёфта истодааст, ки он заминаҳои устувори меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалию ташкилӣ дорад.

Марҳалаи кунунӣ давраи рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Дар чунин ҷомеа ахбор сарчашмаи асосии тараққиёт, воситаи асосии истеҳсолот ва самаранокии фаъолият мегардад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ дастрасии шахс ба ҳама гуна манбаи иттилоот таъмин мегардад, ки дар асоси қонунгузорӣ танзим карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Галтенко В.А. Основы информационной безопасности [Текст]/ В.А.Галтенко – М., 2003. – 208 с.

2. Камышев Е.Н. Информационная безопасность и защита информации [Текст]/ Е.Н.Камышев. – Томск, 2009. – 95 с.

3. Коровин, В. Третья мировая сетевая война. [Текст] / В.Коровин /– СПб.: Питер, 2014. – 352с.

4. Сафиев Қ.И. Амнияти иттилоот: мушкилот ва афзалиятҳои таъмини он. [Матн]/ Қ.И.Сафиев. – Душанбе, 2013. – 138с.

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ”. – Душанбе, 2021. – 47 с.

6. Хидирзода М.У. Унсури иттилоотӣ ва таъмини рушди босубот. [Матн]/ М.У.Хидирзода. – Душанбе, 2022. – 121с.

7. Холиқов Ф. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Автореф.дис.ном.илм.сиёсӣ [Матн]/ Ф.Холиқов. – Душанбе, 2022. – 71с.

ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ПРОЦЕССОВ НА РАЗВИТИЕ ОБЩЕСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

АБДУСАЛОМЗОДА АНЗУРАТ,
заместитель Председателя Хатлонской области, соискатель кафедры политологии и международных отношений Бохтарского государственного университета имени Н. Хусрава
735140, Таджикистан, город Бохтар, ул. Хувайдуллоева 1;
тел.: 8884443038. e-mail: a.abdusalomzoda@mail.ru

Данная статья посвящена анализу места и роли информационных процессов в обществе в современных условиях. Отмечается, что информационные процессы в современном обществе являются неотъемлемой частью политических процессов. Они обладают

способностью влиять на ход политических процессов и событий, выступая в качестве мощного ресурса для их субъектов. Информация – это сила, активно используемая различными политическими силами в современных условиях обострения информационных конфликтов. В этой связи особое значение приобретает также вопрос защиты информации и обеспечения информационной безопасности. В связи с этим странам необходимо разрабатывать и внедрять комплексные стратегии обеспечения информационной безопасности.

Ключевые слова: *информационный процесс, информация, информационная безопасность, защита информации, обработка и распространение информации, социальные сети, информационно-коммуникационные технологии, стратегия противодействия информации, информационная война, манипуляция.*

THE IMPACT OF INFORMATION PROCESSES ON THE DEVELOPMENT OF SOCIETY IN MODERN CONDITIONS

ABDUSALOMZODA ANZURAT,
Deputy Chairman of the Khatlon Region, PhD candidate in the Department of Political Science and International Relations at Bokhtar State University named after N. Khusrav
735140, Tajikistan, Bokhtar city, Khuvaydulloev street, 1,
tel.: 88-84-44-30-38; mail: a.abdusalomzoda@mail.ru

This article analyzes the place and role of information processes in modern society. It is noted that information processes in modern society are an integral part of political processes. They have the ability to influence the course of political processes and events, serving as a powerful resource for their participants. Information is a force actively used by various political forces in the current context of escalating information conflicts. In this regard, the issue of information protection and information security is also of particular importance. Therefore, countries need to develop and implement comprehensive information security strategies.

Keywords: *information process, information, information security, information protection, information processing and dissemination, social networks, information and communication technologies, information counteraction strategy, information warfare, manipulation.*

УДК: 327:316.7:81'272

ЭКСПАНСИЯИ ФАРҲАНГИЮ ЗАБОНӢ: ТАҲЛИЛИ ГЕОПОЛИТИКӢ

НАЗРИЕВ КАРИМ,
муовини сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
телефон: (992) -988-01-53-11; e-mail: nar.norov.79@mail.ru

Дар мақола сухан дар бораи экспансияи фарҳангию забонӣ меравад. Паҳлуҳои гуногуни масъалаи экспансияи фарҳангӣ баррасӣ гардида, пайвандии бевоситаи он бо геополитика асоснок мегардад. Муаллиф талош намудааст, то фаҳми нави ҳадафҳои геополитикиро дар пайвастагӣ бо «неруи нарм», дипломатияи фарҳангӣ пешниҳод намояд. Дар шароити муосир геополитика ба ба фаҳми классикиаш дарк нашуда, густариши фарҳанг ва таҳмили он объекти асосии геополитикаи навтарин гардидааст. Таҳлили воқеияти амалии экспансияи фарҳангию забонӣ дар мисоли Амрико, Чин, Русия ба амал бароварда шуда, афзалиятҳои геополитикии Тоҷикистон дар густариши фарҳанги миллӣ дар хориҷ арзёбӣ мегардад.

Калидвожаҳо: *геополитика, экспансия, экспансияи фарҳангию забонӣ, густариши фарҳанг, густариши забон, таҳмили фарҳанг, ҳифзи фарҳанги миллӣ, весттернизатсияи фарҳанг, сиёсати фарҳангӣ, дипломатияи фарҳангӣ.*

«Миллати куҳанбунёди тоҷик дар тули сарнавишти таърихии хеш заҳри идеологияи бегонапарастиро борҳо чашидааст. Маҳз бо ҳидояти ҳомиёни бегонапараст миллати мо борҳо гирифтори фоҷиаҳои талх гардида, қариб буд аз забони модарӣ, мероси таърихию фарҳангӣ ва дастовардҳои қадиму ҷадидаш маҳрум шавад».

Эмомалӣ Раҳмон

Ҳифзи манфиатҳои геополикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир аҳаммияти калон дошта, шинохти афзалиятҳои геополитикӣ ва асоснокнамоии илмии он тақозои замон аст. Шинохти вазъи геополитикии Тоҷикистон бояд бо ба эътибор гирифтани равандҳо ва тамоюлҳои ҳукмрони минтақавӣ ва ҷаҳонӣ сурат бигирад. Дар ҳоли ташхиси равандҳои муосири ҷаҳонӣ ва дарки дурусти «набзи олам» метавон ҳолати рушди раванди миллиро дида баромад. Геополитика ва аҳдофи геополитикӣ дар шароити муосир дар меҳвари сиёсати давлатии кишварҳо қарор гирифтааст. Шинохти ҳолати мазкур дидгоҳи коршиносӣ ва илмиро тақозо менамояд.

Геополитика дар фаҳми классикиаш соҳаи илмие маҳсуб мешуд, ки барои кишварҳои империалистӣ ва ғосиб хизмат мекард. Вазъи мазкур дар садсолаи гузашта ҳукмрон буд ва дар шароити навин аз он танҳо баъзе унсурҳо боқӣ мондааст. Дар замони муосир геополитика ва фаҳми он бо дидгоҳи классикӣ аҳаммияти хосса надорад, зеро ғасби кишвар аз ҷониби давлати дигар, дар навбати аввал, мухолифат бо ҳуқуқи байналмилалӣ дошта, сониян, имиҷи байналхалқии кишвари ғосибро коҳиш дода, тамомияти арзии кишвари ғасбшаванадаро халалдор мекунад. Аз ин рӯ, кишварҳои ҷаҳон вобаста ба ҳолати мазкур, ки он қабл аз ҳама, аз рушди технологияи таъсир вобаста аст, корбурди нави геополитикаро бо фаҳми нав ба миён гузоштаанд.

Дар фаҳми нави геополитика масъалаи асосӣ на ишғоли сарзаминҳо, балки «ғасби ақлҳо», «ишғоли қалбҳо», ки фарогири назорати афкори ҷамъиятӣ мебошад, маҳсуб мешавад. Дар фаҳми мазкур кишвари бузург фарҳанг ва забони худашро дар сарзаминҳои дигар густариш медиҳад, то фазои таъсираш бештар гардад. Маҳз васеънамоии фазои таъсир тавассути омили фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир масъалаи асосии кишварҳои абарқудрат гардидааст.

Дар баҳодиҳии илмӣ аз зовияи геополитикӣ густариши фарҳангиро «экспансияи фарҳангӣ» унвон менамоянд. Чун дар геополитикаи классикӣ «экспансия» масъалаи асосӣ буд, ҳоло талош мешавад, то густариши фарҳангиро ифода намояд. Дипломатияи фарҳангӣ ва истифодаи «неруи нарм» барои ҳақ баровардани эспансияи фарҳангӣ истифода мешавад.

Эксапансияи фарҳангию забонӣ таҳмили ғайримустақими идеологӣ, фарҳангӣ ва забонии як ё чанд кишваре дар муносибат ба дигар давлат ва гурӯҳи давлатҳо бо мақсади дар шуури аҳолӣ ҷойгирнамоии тарҳи фарҳангию забонии худ, поймол кардани асосҳои анъанавии мардум, тарбияи гурӯҳҳои содиқи аҳолӣ ва агентҳои таъсиррасонӣ, ташкил намудани «колоннаҳои панҷум» барои ба соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳарбии давлат ҳаматарафа дохил шудан маҳсуб мешавад.

«Экспансия» дар фаҳми амбивалентӣ истифода мешвад. Аз як тараф, ин амал «ғасб», «таҳдид»-ро дар назар дошта, аз ҷониби дигар инъикоси «тавсеа» мебошад. Худи истилоҳи экспансия (аз лотинии expansio – густариш) ин васеъшавии доираи қудрат, таъсиррасонӣ, паҳншавии чизе берун аз ҳудуди ибтидоиаш (масалан, экспансияҳои ҳудудӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ) мебошад. Экспансионизм сиёсати тачовузкоронаест, ки мақсад аз он забт кардани қалamрав ва бозорҳои хориҷӣ мебошад. Аз тарафи дигар, васеъшавӣ қувваи пешбарандаи давлат ва манбаи дохилии рушд аст. Зиёда аз ин, экспансионизм ҳамчун система омиле ба ҳисоб меравад, ки рафти раванд таърихии ҷаҳониро муайян мекунад. Ба гуфтаи муҳаққиқ

Б.Шапталов, экспансия муҳаррики эволютсияи инсон, «суръатдиҳандаи таърихи иҷтимоӣ» мебошад [11, 16].

Фарҳанг сатҳи таърихии инкишофи ҷамъият ва инсон, ки дар навъ ва шаклҳои ташкили ҳаёт ва фаъолияти одамон, инчунин, дар сарватҳои моддӣ ва маънавии онҳо ифода меёбад. Экспансияи фарҳангӣ ин васеъшавии доираи таъсири фарҳанги бартаридошта (миллӣ) аз ҳудуди аслӣ ё марзи давлатӣ мебошад. Ба гуфтаи пажуҳишгар Б. Шапталов, «васеъшавии фарҳангӣ маънои васеъшавии фазои як навъи фаъолияти ҳаётӣ – тарзи ҳаётро дорад» [11, 262]. Фарҳанг пояи ҷомеа аст ва ба ҳаёти тамоми халқ ҳаматарафа ворид карда шудааст. Аз ин лиҳоз, тавсеаи фарҳангии давлати таҷовузгар барои таҳмил кардани тарҳи фарҳангии худ ба давлати дигар нигаронида шудааст. Сухан дар бораи тағйир додани тарзи зиндагӣ, намуди ҷаҳонбинӣ, шаклҳои зиндагӣ, анъана ва арзишҳои як гурӯҳи этникӣ ва дар натиҷа, кодексҳои фарҳангӣ ва тамаддунӣ меравад. Ба ибораи дигар, экспансионизми фарҳангӣ барои эҷоди як гурӯҳи этникӣ ва давлати якхела – манбаи этноэнергия пешбинӣ шудааст.

Экспансияи фарҳангию забонӣ равандест, ки тавассути он татбиқи забон аз ҳисоби гуногунии лексикӣ ва фарҳангии он меафзояд. Аз ҷумла сухан дар бораи тақсимоти географии забон меравад. Мисолҳои татбиқи тавсеаи забонӣ дар дохили як давлат мавҷуданд, масалан, иваз кардани лаҳҷаҳо бо забони маъмул. Дар ҳама ҳолатҳои татбиқи экспансияи фарҳангӣ тарғиби як забон аз ҳисоби забонҳои дигар сурат мегирад [18].

Чор шакли экспансияи фарҳангию забониро таъкид кардан муҳим аст: 1) ҷорӣ намудани тарҳи фарҳангию забонӣ; 2) муҳоҷират (эмигратсия); 3) табақабандӣ (муҳайё кардани шароите, ки дар он тарҳи тавонои фарҳангию забонӣ бар тарҳи минтақавӣ бартарӣ дорад); 4) таъсир ба ҷомеа тавассути унсурҳои ҷолиби фарҳанг ва тарзи зиндагӣ.

Экспансияи фарҳангӣ раванди мураккаб, системавӣ ва бисёрҷанбаест, ки пеш аз ҳама, бо васеъ шудани доираи таъсири фарҳанги ҳукмрон аз ҳудуди ибтидоии таърихан муқарраршуда муайян карда мешавад; дуюм, амалияи пайгирона ва вусъатёфтаи истифодаи объектҳои рамзӣ, маънидор ва воситаҳои ифода дар ҳудудҳои нави пештар истифоданашуда мебошад. Ба қавли дигар, тавассути экспансияи фарҳангӣ кишвари таҳмилкунандаи фарҳанг ба таври хеле нозукона аз иконография ва коммуниктсия кор мегирад.

Таъсири экспансияи фарҳангӣ дар ҳоли татбиқ шудан ба чандин наслҳо таъсир карда, имкон дорад халқҳо фарҳангу забони худро гум намоянд, мушкилоти хештаншиносии миллӣ ва ҳувият ба вуҷуд биояд ва ё дар шакли бадтар дар ин бархурдҳои фарҳангӣ тамоман маҳв шаванд.

Таҳмили фарҳангӣ бе хатар буда наметавонад. Он ба тағйири тафаккури шахсият ва ҷомеа, парокандагии иҷтимоӣ–суст шудани

ҳамоҳангии амалҳо дар гурӯҳ ва аз тарафи аъзои он аз даст додани ҳисси мансубият ба гурӯҳ–худшиносӣ дар миқёси тамоми мамлакат ва ё минтақаҳои калони он оварда мерасонад. Шиддати таъсироти иттилоотӣ ва равонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ хусусияти экспансионистӣ дошта, ба авҷ гирифтани таҷовузҳои фарҳангӣ табдил меёбад. Ба ин хотир, онро бесабаб «ҷанги иттилоотӣ» номенамоманд. Асоси ин падидаро назарияи ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда тавассути амалҳои ғайримустақим, ки дар метафораи «неруи нарм» (softpower)-и муҳаққиқи маъруф Ҷ.Най инъикоси худро ёфтааст [19]. Таҳдиди нав ба давлатҳои миллӣ тавассути экспансияи фарҳангию забонӣ амалӣ мешавад

Экспансияи фарҳангӣ қонунҳои инкишофи фазоии давлат, ки Фридрих Ратсел таҳия кардааст, инъикоси худро ёфтааст. Ба гуфтаи ӯ, экспансияи фазоӣ, ки ба ассимилятсия ва азхудкунии давлатҳои камқудрат нигаронида шудааст, муҳаррики асосии рушди ҳар як давлат буда, механизме мебошад, ки худро ғизо медиҳад ва ба рушди соҳаҳои идеология, истеҳсолот, тиҷорат ва ғайра мусоидат мекунад. Экспансия як падидаи доимист, ки ба хоҳиши давлатҳо барои васеъшавӣ тавассути азхудкунии воҳидҳои сиёсии аҳаммияти камтардошта асос ёфтааст. Муҳимтарин шарти густариши миқёси фазоии давлатҳо инкишофи фарҳанги онҳо мебошад [1, 65-66].

Таҳлили воқеияти амалии экспансияи фарҳангию забонӣ ва корбурди мисолҳои мушаххас боиси бештар равашан ва дарк гардидани масъала мегардад. Дар шароити муосир дар меҳвари равандҳои вестернизатсия ва глобализатсия фарҳанги амрикоӣ қарор гирифтаст. Ҷаҳонишавӣ дар густариши фарҳанги амрикоӣ мусоидат мекунад.

Таъсири фарҳанги амрикоиро дар саросари сайёраи Замин дидан мумкин аст. Табиист, ки фарҳанги амрикоӣ дар ҳама ҷо пазируфта нашудааст ва дар сатҳи фарҳангӣ ва тамаддун боиси хусумат ва раддия гардида дар ин замина низоъҳоро ба вуҷуд меорад. Аммо, ин дар навбати худ, як навъ далели фаъолияти экспансияи глобалии ИМА мебошад.

Муҳаққиқони масъалаҳои дипломатияи фарҳангии ИМА, аз қабили олими амрикоӣ Ричард Палс ва муҳаққиқи олмонӣ Ҷессика Гиноу–Хехт ба ин назаранд, ки дар бораи «империализми фарҳангии» амрикоӣ сухан рондан, умуман, нодуруст аст. Ҳамзамон, онҳо байни мафҳумҳои фарҳанги амрикоӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ фарқ мегузоранд. Таъсири тамоюлҳои ҷаҳонии фарҳангӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико эҳсос гардида, ҷониби ИМА ба далели махсусиятҳои иҷтимоию фарҳангии худ ин маҳсулотро "аз нав бастабандӣ" мекунад ва онҳоро ба тамоми ҷаҳон интиқол медиҳад [10,19].

Аз нимаи дувуми асри XX фарҳанги амрикоӣ ҳамчун як василаи идеологии «ғайрирасмӣ»-и сиёсати хориҷии ҳукумати ИМА пайваста

густариш ёфта, ба шарофати рушди илм, техника ва технологияи олӣ дар охири солҳои 90-уми асри XX ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Мавриди ба тазаккур аст, ки ҷанбаи фарҳангии ҷаҳоншавӣ, ки аксаран бо империализми фарҳангии амрикоӣ шабоҳат дорад, дар солҳои 90-уми асри XX аҳаммияти бештар пайдо кардааст. Масъалаи мазкур объекти баҳсҳои мухталиф буда, пажуҳиши алоҳидаро тақозо мекунад. Сиёсати хориҷии фарҳангии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва густариши фарҳанги амрикоӣ бо раванди ҷаҳонишавӣ робитаи зич дошта, мутақобилан рушд менамоянд.

Сиёсати фарҳангии хориҷии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва содироти фарҳангии он ба рушди равандҳои ҷаҳонишавӣ кумак намуда, ҷаҳонишавӣ дар навбати худ ба татбиқи сиёсати хориҷии фарҳангии ИМА ва паҳн намудани фарҳанги амрикоӣ мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, ин падидаҳо дар ҳолати воридшавӣ ва таъсири мутақобила қарор дошта, яке аз ҷузъҳои асосӣ ва ҷудонашавандаи ҷаҳонишавии бисёрсатҳа мебошанд.

Дар шароити навин сиёсати фарҳангию хориҷии ИМА ва содироти фарҳанги амрикоӣ тааҳҳуд (чолиш) ба ҳувияти фарҳангии дигар давлатҳо, фарқ ва хосияти таърихӣ ва этнофарҳангии онҳо ва муҳимтар аз ҳама, истиқлоли сиёсиву иқтисодӣ мебошад. Барои исботи ин, ба ёд овардани мафҳумҳои ҷангҳои иттилоотӣ ва постулатҳои назариячиёни атлантизм, аз ҷумла аэрократия, эфирократия ва медиакратия кифоя аст.

Таъсири фарҳанги амрикоӣ дар маҷмуъ, аз ҷониби намояндагони қариб ҳамаи наслҳои ҳозира эҳсос мешавад. Таъсири он дар сатҳи рӯзмарра бештар аз таъсири дигар омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ, яъне «неруи сахт» аёнтар ва намоёнтар аст. Вақте ин абзорҳо моҳирона муттаҳид мешаванд, бо ҳам алоқаманданд ва ҳадафи ягонаи ниҳоӣ–ҳимояи манфиатҳои миллии ИМА ва нигоҳ доштани пешвоии ҷаҳонии онро пайгирӣ мекунанд.

Барномаҳои гуногуни таълимӣ ва фарҳангие, ки аз ҷониби Департаменти давлатии ИМА тавассути Бюрои корҳои таълимӣ ва фарҳангии он таҳия шудааст, дастраси ҳамагон аст. Барномаҳои Департаменти давлатӣ, ки дар якҷоягӣ бо фондҳои гуногуни хайрияи хусусӣ ва дигар ташкилотҳои шабеҳ амалӣ мешаванд, ба эҷоди симои мусбати ИМА дар хориҷа, паҳн кардани маълумоти мусбат дар бораи ин ҷомеа ба кишварҳои дигар ва ташаккули заминаи ҳамдигарфаҳмии байни кишварҳо ва фарҳангҳои гуногун нигаронида шудаанд. Илова бар ин, яке аз ҳадафҳои аслии ин барномаҳо бо грантҳо барои таҳсил дар донишгоҳҳои пешрафтаи ИМА ба олимону мутахассисони ҷавон мебошад.

Барномаҳои таълимӣ ба «фирори мағзҳо» ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мусоидат карда, ба сиёсати кадрӣ, манфиатҳои миллии онҳо мувофиқат мекунад ва самаранокии таъсири “қудрати нарм”-ро нишон

медиҳад. Гузашта аз ин, Амрико тавассути барномаҳои гуногуни таълимӣ ва фарҳангӣ, инчунин маблағҳо ва воситаҳои дигар, аксар вақт имкони таъсир расонидан ба вазъи сиёсии дохилии давлатҳоро ба даст овардааст.

"Идеалҳо ва арзишҳое, ки ИМА ба зеҳни беш аз ним миллион донишҷӯёни хориҷӣ, ки ҳамасола дар донишгоҳҳои Амрико таҳсил мекунанд ва сипас ба ватани худ бармегарданд, ё ба зеҳни соҳибкорони осиёӣ, ки пас аз таҷрибаомӯзӣ ё кор дар водии Силикон ба ватан бармегарданд, "содирот" мекунад, ба ин нигаронида шудааст, ки ба элитаи ҳукмрон дастёб гарданд. Масалан, аксари роҳбарони Чин писарон ё духтароне доранд, ки дар ИМА таълим гирифтаанд…» [9].

Чин дар даҳсолаҳои охир ба экспансияи фарҳангию забонӣ таваҷҷуҳи хосса дорад. Дар баробари афзун шудани қудрати иқтисодӣ, Чин муваффақ шудан дар бахши «неруи нарм»-ро муҳимтарин масъала дар сиёсати кабири худ медонад.

Паҳн кардани забон ва фарҳанги чинӣ ҳамчун манбаи муҳимми сиёсати хориҷӣ ва геополитикии Ҷумҳурии Мардумии Чин дар арсаи байналмилалӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Вазорати маорифи Чин гардид. Соли 1987 Идораи давлатии таблиғи забони чинӣ дар хориҷа (Ҳанбан)[1] таъсис ёфт. Дар робита ба афзоиши фаъолонаи таваҷҷуҳ ба омӯзиши забони чинӣ дар хориҷи кишвар, Чин бо истифода аз таҷрибаи Британия, Фаронса, Олмон ва Испания дар тарғиби забонҳои миллии худ, соли 2004 ба таъсиси як муассисаи давлатии ғайритиҷоратӣ бо мақсади тарғиби забон ва фарҳанги чинӣ дар кишварҳои хориҷӣ шурӯъ кард, ки он Институти Конфутсий унвон мешавад.

Соли 2004 дар конфронси байналмилалӣ бахшида ба 2555-солагии Конфутсий раиси Кумитаи миллии Шурои машваратии халқии Чин Тся Тсинлин таъкид карда буд, ки фарҳанги суннатии Чин – конфутсигароӣ бояд фаъолона ба ҷаҳониён муаррифӣ карда шавад [12].

Соли 2005 Чин мафҳуми дипломатияи фарҳангӣ–«ҷаҳони ҳамоҳанг»-ро ба миён гузошт, ки ғояи «бо ақидаҳои гуногун ҳамфикр будан»-ро дар фарҳанги суннатии Чин пурра ифода намуда, роҳи рушди сиёсати хориҷии Чинро нишон медиҳад. Дар нишасти бахшида ба 60-солагии Созмони Милали Муттаҳид дар моҳи сентябри соли 2005 раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ҳу Ҷинтао таҳти унвони «Талош барои сохтани ҷаҳони ҳамоҳанг бо сулҳи пойдор ва шукуфоии муштарак» суханронӣ кард. Вай таъкид кард, ки Чин барои эҷоди фазои байналмилалии сулҳу субот ва

[1] Ҳанбан (чинӣ: 国家汉办Guojia hanban) номи ихтисоршудаи Дафтари Шурои Байналмилалии забони чинӣ аст. Он бевосита дар ихтиёри Вазорати маорифи Ҷумҳурии Мардумии Чин буда, рисолаташ таъмини захираҳои таълимӣ ва хидматрасонӣ барои паҳн кардани забони чинӣ ва фарҳанги миллии Чин дар хориҷ мебошад.

шукуфоии муштарак саъю кӯшиш ба харҷ дода, собитқадамона роҳи сулҳ ва рушдро пеш хоҳад гирифт [13].

Дипломатияи фарҳангии Чин дар асри 21 фаъолона ва пайваста инкишоф меёбад. Дар гузориши анҷуманҳои 17 [14] ва 18-уми миллии Ҳизби Коммунистӣ [15] шиорҳо доир ба аз насл ба насл интиқол додани фарҳанги суннатии Чин ва таҳкими паҳнкунии он берун аз ҳудуди кишвар ба миён гузошта шуданд.

Ҳануз дар соли 2007 Котиби Генералии вақти КМ ҲКЧ, Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Ҷинтао дар Анҷумани 17-уми Ҳизби Коммунистии Чин изҳор дошта буд, ки ҳизб бояд "фарҳангро ҳамчун ҷузъи "қудрати нарм"-и Чин боло барад, то фарҳанги асосии мардуми Чин, ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳоро ҳифз кунад" [16]. Аз ин лиҳоз, ба ақидаи ӯ, ҳангоми рӯ ба рӯ шудан бо фарҳангҳои мухталиф дар ҷаҳони муосир бояд фарҳанги кишвари худ, асолат ва вижагиҳои онро инкишоф дод [3]. Дар тули солҳои роҳбарии ӯ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон Донишкадаҳои Конфутсий кушода шуданд ва шумораи бештари одамон ба омӯзиши забони чинӣ ва фарҳанги Чин шуруъ карданд. Ҳоло дар ҷаҳон 40 миллион нафар хориҷиён забони чиниро меомӯзанд

Аввалин андешаҳо дар бораи дипломатияи фарҳангии Чин бо пайдоиши Донишкадаҳои Конфутсий алоқаманданд, ки яке аз воситаҳои муҳимми пешбурди қудрати нарми Чин мебошанд. Тибқи оинномаи ин мактабҳо, ки аз ҷониби Дафтари Вазорати маорифи Чин таҳия шудааст, вазифаи асосии ин муассисаҳои таълимӣ таҳкими минбаъдаи донишҳои фарҳангӣ ва забонии Чин, рушди равобити дӯстона байни Чин ва дигар кишварҳо, мусоидат ба рушди гуногунии фарҳангҳои ҷаҳон ва саҳмгузорӣ дар бунёди ҷомеаи мутаносиб мебошад. Таъкид мешавад, ки Донишкадаҳои Конфутсий моҳияти сиёсӣ надоранд ва фаъолияти онҳо ба таҳкими ҳамкориҳо дар бахшҳои маориф, фарҳанг ва иқтисод дар Чин ва хориҷи кишвар нигаронида шудааст. Дар ҳоли ҳозир дар кишварҳои Осиё ҳудуди 100 Донишкадаи Конфутсий ва беш аз 30 курси забони чинӣ мавҷуд аст, ки ба кишварҳои АСЕАН 29 Донишкадаи Конфутсий ва 15 курси забономӯзӣ рост меояд [17]. Барои бисёре аз сокинони ин кишварҳо донистани забони чинӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки дар касбашон пеш раванд, зеро он ба забони аслии тиҷорат ва равобити тиҷоратӣ дар минтақа табдил мешавад.

Федератсияи Русия ба экспансияи фарҳангию забонӣ таваҷҷуҳи махсус дода, дар нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ, ки собиқан фазои зери таъсираш буданд, фаъолона фарҳанг, унсурҳои фарҳангишаро густариш медиҳад.

Сиёсати хориҷӣ-фарҳангии Русия дар қолаби дипломатии фарҳангӣ дар Осиёи Марказӣ махсус татбиқ мегардад. Русия дар таблиғ ва густриши

забон ва фарҳанги русӣ бо сабаби қаблан ҳузур доштанаш дар минтақа(Русияи подшоҳӣ, Иттифоқи Шуравӣ) ба дастовардҳои бузург ноил гардидааст. Ин як воқеияти объективист.

Бояд гуфт, ки масъалаи асосии дипломатияи фарҳангии Русия ҳифзи мақом ва нақши забони русӣ мебошад. Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Русия, ки таҳрири нави он 31 марти соли 2023 дар фасли «Ҳамкории байналмиллалии башардӯстона» нашр шудааст, банди 2-и моддаи 43 «паҳн намудани забони русӣ ва таҳкими мавқеи он ҳамчун забони муошрати байналмилалӣ, яке аз забонҳои расмии Созмони Милали Муттаҳид ва дар як қатор давлатҳои хориҷӣ (ИДМ) омӯзиши забони русӣ» қайд шудааст. Нигоҳдорӣ ва таҳкими мавқеи забони русӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ вазифаи стратегии дипломатияи фарҳангии Русия ба шумор меравад, зеро он натанҳо ба густариши робитаҳои фарҳангӣ, балки имкон медиҳад, ки ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳо, густариши савдои наздисарҳадӣ, иштироки фаъолонаи кишварҳои гуногунро дар лоиҳаҳои иқтисодии Русия таъмин намояд.

Айни замон забони русӣ дар Қазоқистон мақоми забони расмӣ (бо забони давлатӣ набояд омехта шавад) дорад, ки он дар фасли якуми моддаи 7-уми банди 2-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон [6] сабт шудааст. Бояд гуфт, ки дар кишвар тадриҷан гузариши забон аз алифбои кириллӣ ба лотинӣ (аз соли 2023 то соли 2031) дар назар аст. Дар Қирғизистон мақоми забони расмӣ тибқи боби якуми моддаи 13-уми банди 2-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Қирғизистон [7] ба забони русӣ дода шудааст, аммо доираи татбиқи он мунтазам коҳиш меёбад. Санаи 18 январи соли 2022 парлумони Қирғизистон қонуни конститутсионии “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон”-ро дар хониши аввал дастгирӣ кард, ки тибқи он истифодаи забони қирғизӣ дар ёздаҳ бахш ҳатмӣ хоҳад шуд: хизмати давлатӣ, педагогӣ, илмӣ, тиббӣ, судӣ, номҳои ҷуғрофӣ, васоити ахбори омма ва ғайра. Илова бар ин, пешниҳод шудааст, ки ҳаҷми пахши барномаҳои телевизионӣ ва радиошунавонӣ бо забони қирғизӣ аз 50 то 65% зиёд карда шавад. Дар таърихи 19 апрели соли 2023 парлумони Қирғизистон лоиҳаи қонуни конститутсионӣ дар бораи забони давлатиро дар хониши дуюм қабул кард [5]. Қобили зикр аст, ки Қирғизистон то ҳол як давлати дорои алифбои кириллӣ боқӣ мемонад, аммо Комиссияи миллии забони давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон дар ин кишвар аз соли 2013 фаъолият мекунад ва раиси он дар ҷаласаи порлумон моҳи апрели соли 2023 эълон карда буд, ки аллакай чанд варианти гузариши забони қирғизӣ ба алифбои лотинӣ таҳия шудааст.

Дар Тоҷикистон забони русӣ забони муошрати байни миллатҳо маҳсуб мешавад ва ҷиҳати мазкур дар боби 1-уми моддаи 2-уми банди 2-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [8] сабт шудааст. Ҳамчунин, дар

Тоҷикистон муассисаҳои таълимии олӣ ва миёна, театр, ки забони кориашон русӣ аст, фаъолият менамоянд.

Дар Туркманистон гузаштан ба алифбои лотинӣ ҳанӯз дар соли 1992 сурат гирифта буд [2]. Дар соли 1996 забони русӣ аз мақоми забони муошрати байни миллатҳо маҳрум карда шуда, шабакаҳои радио ва телевизион ба забони русӣ вуҷуд надоранд. Таҳсил дар донишгоҳҳо танҳо ба забони туркманӣ сурат мегирад.

Дар Ҷумҳурии Узбекистон дар соли 1993 Қонун «Дар бораи ҷорӣ намудани алифбои узбекӣ дар асоси алифбои лотинӣ» қабул гардид. Илова бар ин, дар кишвар қонуне вуҷуд дорад, ки 70 дарсади барномаҳои телевизион ва радио бояд ба забони давлатӣ пахш шавад.

Хуруҷи аҳолии русзабон аз кишвар идома дорад, ки ин ҳам боиси коҳиши сатҳи корбурди забони русӣ мегардад. Дар пасманзари ин тамоюлҳо ба коҳиши истифодаи забони русӣ дар Узбекистон барномаи «Класс! Зур!» фаъолона амалӣ мешавад, ки ба баланд бардоштани сифати таълими забони русӣ ва фанҳои маълумоти умумӣ ба забони русӣ нигаронида шудааст.

Кишвари дигаре, ки вобаста ба вазъи этнолингвистикии Осиёи Марказӣ сиёсати фарҳангии махсуси худро татбиқ менамояд Туркия маҳсуб мешавад. Дар се даҳсолаи авали асри XX1 Туркия бо бакоргирӣ аз «неруи нарм» ба густариши арзишҳои неоусмонӣ ва неопантуркистӣ машғул гарид. Банаворгирии филмҳои таърихӣ, ки бо ренесанси неоусмонизм рабт доранд, таъсири калон ба афкори ҷамъиятӣ расониданд. Ҳамчунин, ҷиноҳи дигари дипломатияи фарҳангии Туркия ба олами туркзамон бахшида шуда, тибқи он муттаҳиднамоии кишварҳои туркиро ҳадаф асосӣ мебошад. Дар бахши забон ба хулосае расиданд, ки бояд тамоми кишварҳои туркизамон ба хатти лотинӣ гузашта, забони асримиёнагии туркии усмонӣ забони расмии иттиҳодияи туркӣ гардад.

Бо вазъи бавуҷудомадаи геополитикию таърихӣ ҳифзи афзалиятҳои фарҳангии Тоҷикистон бисёр муҳим мебошад. Зеро замоне фарҳанг ва арзишҳои фарҳангию таърихӣ дар чунин шароити бархурди фарҳангҳо ва таҳмили фарҳангӣ осеб мебинанд, худшиносии миллӣ, ҳувият, давлати миллӣ камранг мегарданд. Маҳз барои ҳамин консепсияи муборизаи фарҳангӣ бо амал, барнома, маҳсулоти фарҳангию ҳунарӣ, филм, таблиғоти системавӣ, ташаккули афкори ҷамъиятӣ натиҷаи зарурӣ медиҳад.

Дар шароити муосир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи фарҳангӣ миллӣ авлавияти махсус буда, густариши фарҳангу забони тоҷикӣ дар фазои хориҷ аз кишвар муҳимтарин ҳадафи геополитикӣ ва вазифаи сиёсати хориҷӣ мебошад. Дар робита бо ин, ташкили марказҳои фарҳангӣ дар хориҷ барои посдории фарҳанги миллӣ ва омӯзонидани забони тоҷикӣ беҳтарин амал дар даврони кунунист. Ҳамзамон, ба хотири ҳифзи фазои

иттилоотии кишвар ва фарҳанги миллӣ, арзишҳои ниёкон, хотираи таърихӣ, инкишофи саноати филмофарии миллӣ, банаворгирии филмҳои таърихии ҳувиятсозу бедоркунанда, эҳёи таърихӣ тавассути киноиндустрия амали шоиста мебошад. Инчунин, робитаи хос бо ҳамзабонони бурунмарзӣ, дастгирии ҳаматарафаи онҳо иқдоми хуб буда, тадриси забони тоҷикӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ амри зарурист. Амалҳои мухталифи дигар дар ҷодаи густариши фарҳангӣ дар хориҷ бо пайдо намудани импулс ба тадриҷ татбиқ мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Анненков В.И., Баранов С.Н., Важно О.Ю., Лаптев В.Б., Сергеев Н.А. Безопасность России: геополитические и военно-политические аспекты. Учебное пособие. – М.: Русавиа, 2006.

2. Бекмурзаев Н. Положение русского языка в Центральной Азии // Central Asian Bureau for Analytical Reporting 2019. URL: https://cabar.asia/ru/polozhenie-russkogoyazyka-v-stranah-tsentralnoj-azii#_ftn9. (Дата обращения: 06.03.2023).

3. Выступление Ху Цзиньтао на Восьмом съезде CFLAC, Седьмом съезде союза писателей КНР // Интернет-версия официального печатного издания «Жэньминь жибао» // URL: http://culture.people.com.cn/GB/22219/5026372.html

4. Евдокимов А. Н. Русский язык в Центральной Азии: современное состояние и перспективы / А. Н. Евдокимов, Т. А. Давыдова, Д. А. Савкин // Проблемы постсоветского пространства. 2020. Т.7, №3. С. 373-388.

5. Жогорку Кенеш принял во втором чтении проект конституционного закона о госязыке. 19.04.2023. URL: https://kg.akipress.org/news:1905344/?from=kgnews&place=search&sth=d8378522bb7f6f91ba20df6cbbb2eed3. (Дата обращения: 10.08.2023).

6. Конституция Республики Казахстан (принята на республиканском референдуме 30 августа 1995 года) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 05.06.2021 года) // Официальный сайт Президента Республики Казахстан. URL: https://www.akorda.kz/ru/official_documents/constitution. (Дата обращения: 06.03.2023)

7. Конституция Кыргызской Республики (принята референдумом (всенародным голосованием) 11 апреля 2021 года) // Министерство юстиции Кыргызской Республики. URL: http://cbd.minjust.gov.kg/act/view/ru-ru/112213?cl=ru-ru. (Дата обращения: 06.03.2023).

8. Конституция Республики Таджикистан (принята референдумом 6 ноября 2014 года) (в редакции референдума от 26.09.1999 г., от 22.06.2003 г., от 22.05.2016) // Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. URL: https://mfa.tj/ru/main/tadzhikistan/konstitutsiya. (Дата обращения: 06.03.2023)

9. Най Дж.С. Гибкая власть. Как добиться успеха в мировой политике. – С. 40.

10. Филимонов Г. «Мягкая сила» культурной дипломатии США: Монография. – М.:РУДН, 2010.

11. Шапталов Б.Н. Теория и практика экспансионизма: Опыт сильных держав / Предисл. Г.Г. Малинецкого. – М.: Книжный дом «Либроком», 2009.

12. Zhong Song. Transfusion of Chinese traditional culture in a new diplomatic course. *International Herald* 27.12.2004. Available at: http://news.sina.com.cn/c/2004-12-27/18565346277. shtml (accessed 08 January 2017). (In Chinese).

13. The speech of Chinese President Hu Jintao at the UN summit. 16.09.2005. Xing-hua. Available at: http://news.xinhuanet.com/world/2005-09/16/content_3496858.htm (accessed 17 January 2017). (In Chinese).

14. The report of Hu Jintao at the 17th Congress of the CPC. 15.10.2007. Base of thenational Congresses of the CPC. Available at: http://cpc.people.com.cn/GB/64162/6 4168/106155/106156/6430009.html (accessed 17 January 2017). (In Chinese).

15. The report of Hu Jintao at the 18th Congress of the CPC. 08.11.2012. Xinhuanet.Available at: http://news.xinhuanet.com/18cpcnc/2012-11/17/c_ 113711665.htm (ac-cessed 17 January 2017). (In Chinese).

16. Full text of Hu Jintao's report at 17th Party Congress // Xinhua. 24.10.2007 // URL: http://news.xinhuanet.com/english/2007-10/24/ content_ 6938749.htm

17. Ofi tsial'nyi sait Instituta Konfutsiya (Hanban).URL: http://www.hanban.edu.cn/.

18. F. Chaubet. La politique culturelle françaises et la diplomatie de la langue, 2006. P. 321.

19. Joseph S. Nye. Soft Power. The Means to Success in World Politics. NewYork: Public Affairs, 2004

КУЛЬТУРНО-ЯЗЫКОВАЯ ЭКСПАНСИЯ: ГЕОПОЛИТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

НАЗРИЕВ КАРИМ,
заместитель начальника Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемура 27;
тел.: (992)-988-01-53-11; e-mail: nar.norov.79@mail.ru

В статье обсуждается проблема культурно-языковой экспансии. Рассматриваются различные аспекты проблемы культурной экспансии, обосновывается ее прямая связь с геополитикой. Автор попытался представить новое понимание геополитических целей в связи с «мягкой силой» и культурной дипломатией. В современных условиях геополитика уже не понимается в ее классическом смысле, а главным объектом современной геополитики становится экспансия и подчинение культуры. Проводится анализ практической реальности культурно-языковой экспансии на примерах Америки, Китая и России, рассматриваются геополитические преимущества Таджикистана в экспансии национальной культуры за рубеж.

Ключевые слова: *геополитика, экспансия, культурно-языковая экспансия, культурная экспансия, языковая экспансия, культурное погружение, сохранение национальной культуры, вестернизация культуры, культурная политика, культурная дипломатия.*

CULTURAL-LINGUISTIC EXPANSION: A GEOPOLITICAL ANALYSIS

NAZRIEV KARIM,
Deputy Head of the Department for Analysis and Forecasting of Domestic Policy of the Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, str., Shohtemur 27:
tel.: (992)-988-01-53-1; e-mail: nar.norov.79@mail.ru

The article discusses the problem of cultural and linguistic expansion. Various aspects of the problem of cultural expansion are considered, its direct connection with geopolitics is substantiated. The author tried to present a new understanding of geopolitical goals in connection with "soft power" and cultural diplomacy. In modern conditions, geopolitics is no longer understood in its classical sense, and the main object of modern geopolitics is the expansion and subordination of culture. An analysis of the practical reality of cultural and linguistic expansion is carried out using the examples of America, China and Russia, and the geopolitical advantages of Tajikistan in the expansion of national culture abroad are considered.

Keywords: *geopolitics, expansion, cultural and linguistic expansion, cultural expansion, language expansion, cultural immersion, preservation of national culture, Westernization of culture, cultural policy, cultural diplomacy.*

УДК: 327.8:94(575.2)

НАҚШ ВА ҶОЙГОҲИ «НЕРУИ НАРМ» ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН

САФАРОВ ҲАКИМШО АСЛАМШОЕВИЧ,
муаллими калони кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16;
тел: 987-02-74-60; email: hakimsho_1996@mail.ru

Мақола ба таҳқиқи нақш ва ҷойгоҳи «неруи нарм» дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон бахшида шудааст. Ҳадафи асосии пажӯҳиш аз таҳлили механизмҳои ташаккули имиҷи байналмилалии кишвар ва муайян намудани абзорҳои калидии истифодаи иқтидори фарҳангию гуманитарӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегӣ дар арсаи ҷаҳонӣ иборат мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф таҳаввули консепсияҳои сиёсати хориҷии Қирғизистонро аз дипломатияи Роҳи Бузурги Абрешим то стратегияҳои муосири ҳамкории фарҳангӣ баррасӣ намуда, фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Натиҷаҳои пажуҳиш нишон медиҳанд, ки барои Қирғизистон, ҳамчун давлати хурд, «неруи нарм» абзори ниҳоят муҳим ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои давлатӣ дар шароити маҳдудияти захираҳои моддию низомӣ маҳсуб меёбад. Муаллиф сутунҳои асосии бренди миллиро дар мероси ғании таърихӣ, аз ҷумла достони «Манас», тамаддуни кӯчӣ ва дипломатияи муосири варзишӣ муайян намуда, аҳаммияти «дипломатияи осорхонавӣ»-ро дар таҳкими нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ асоснок мекунад. Аҳаммияти илмии мақола дар он зоҳир мегардад, ки унсурҳои парокандаи модели «неруи нарм»-и Қирғизистонро мунтазам намуда, ба зарурати гузариш аз дастовардҳои инфиродӣ ба стратегияи воҳиди давлатии ташаккули имиҷ ишора менамояд, ки метавонад дар такмили консепсияҳои сиёсати хориҷӣ ва барномаҳои рушди фарҳангии кишвар истифода шавад.

Калидвожаҳо: *“неруи нарм”, Қирғизистон, сиёсати хориҷӣ, имиҷи байналмилалӣ, дипломатияи фарҳангӣ, мероси таърихӣ, тамаддуни кӯчманчигӣ, «Манас», Бозиҳои ҷаҳонии кӯчманчиён, дипломатияи варзишӣ.*

Дар шароити таҳаввули муносибатҳои муосири байналмилалӣ ба масъалаҳои тавонмандии бовар кунонидан, ҷалб намудан ба ҳамкорӣ ва ташаккули эътимоди мутақобила таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад. Дар ҳоле ки бархе аз кишварҳо ба захираҳои низомӣ ва иқтисодӣ такя менамоянд, давлатҳои дигар тавассути тарғиби мунтазами арзишҳо, фарҳанг ва тарзи

ҳаёти худ соҳиби эҳтиром ва таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ мегарданд. Ин раванд дар давраи рақобати ҷаҳонӣ ҷиҳати дарки байналмилалӣ, яъне ин ки чӣ гуна кишвар дар назари дигарон баромад мекунад ва бо кадом вижагиҳо шинохта мешавад, аҳаммияти муҳим касб менамояд. Дар марҳалаи тавсеаи робитаҳои фаъоли байналмилалӣ, ки дипломатия ва иқдомҳои сиёсати хориҷӣ нақши калидӣ доранд, маҳз «неруи нарм» ҳамчун абзори асосӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегӣ хизмат мекунад.

Имрӯз «неруи нарм» ба сифати захираи амалӣ табдил ёфтааст, ки имкони пешбурди муколамаи сиёсати хориҷӣ ва ташаккули симои устувори кишварро фароҳам меорад. Ин симо, дар навбати худ, ба дарки ниятҳо ва имкониятҳои давлат таъсири бевосита мерасонад. Барои давлатҳои хурд, ки захираҳои моддии маҳдуд доранд, масъалаи истифодаи самараноки иқтидори фарҳангӣ, иҷтимоию гуманитарӣ ва таърихии худ ниҳоят ҳассос ва муҳим арзёбӣ мегардад. [2, 65–652]

Ҳамкории байналмилалӣ бар қобилияти ҷалби таваҷҷуҳ, бовар кунонидан ва ташаккули эътимоди мутақобила асос меёбад. Бинобар ин, афзоиши таваҷҷуҳ ба «қудрати нарм» ба таври мантиқӣ боиси ҷустуҷӯи чунин шаклҳои татбиқи он мегардад, ки ба давлатҳои хурд имкон медиҳанд субъектияти худро таҳким бахшида, ҳузури устувори хешро дар равандҳои байналмилалӣ бидуни ворид шудан ба рақобати мустақим бо бозигарони калон таъмин намоянд. [4]

Метод ва усулҳо. Дар мақолаи мазкур барои таҳқиқи мавзуъ методҳои зерини илмӣ истифода бурда шудаанд:

–*Таҳлили муқоисавӣ*. Ин метод барои муқоисаи модели «неруи нарм»-и Қирғизистон бо дигар кишварҳо ва муайян кардани вижагиҳои хосси он истифода шудааст. Қайд карда мешавад, ки бар хилофи дигар давлатҳо, модели қирғизӣ бештар ба дастовардҳои инфиродии намояндагони фарҳанг ва варзиш такя мекунад.

–*Методи таърихӣ.* Барои омӯзиши заминаҳои таърихии «неруи нарм», аз ҷумла мероси тамаддуни кӯчманчигӣ, достони «Манас» ва ҷашнҳои таърихии 1000-солагии он, инчунин, 2200-солагии давлатдории қирғиз истифода гардидааст.

–*Таҳлили санадҳо.* Дар мақола санадҳои муҳимми сиёсӣ мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифта шудаанд, аз ҷумла «Эъломияи истиқлоли давлатӣ», «Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон» ва фармонҳои Президенти ин кишвар.

–*Муносибати низомнок.* Масъалаи «неруи нарм» на ҳамчун як падидаи ҷудогона, балки ҳамчун як низоми мукаммали иборат аз дипломатияи фарҳангӣ, варзишӣ, осорхонавӣ ва рақамӣ баррасӣ шудааст, ки дар маҷмуъ, имиҷи кишварро шакл медиҳанд.

–Таҳлили вазъият. Бо мақсади муайян кардани ҳолати кунунии истифодаи абзорҳои ғайримоддӣ дар сиёсати хориҷӣ ва нишон додани парокандагии модели мавҷуда истифода шудааст.

–Методи дурнамосозӣ. Дар мақола имкониятҳои ояндаи дипломатияи рақамӣ ҳамчун абзори калидии ташаккули симои давлат дар шароити маҳдудияти захираҳои молиявӣ пешбинӣ шудааст.

Минтақаи Осиёи Марказӣ дар чорроҳаи манфиатҳои қудратҳои бузург қарор дорад, ки дар робита ба ин, сиёсати бисёрсамта, ки солҳои охир ба такягоҳи асосии сиёсати хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст, зарурати барқарор кардани робитаҳоро ҳамзамон бо чандин акторҳои бузург пешбинӣ мекунад. Ин раванд худдорӣ аз вобастагии шадид ба як самт ва ҳамзамон талош барои таҳкими вазни геополитикии худро тақозо менамояд.

Дар ин замина, Қирғизистон ҳамчун яке аз давлатҳои рӯ ба тараққии минтақаи Осиёи Марказӣ, дар пешорӯи ин масъала қарор дорад, ки чӣ гуна абзорҳои ғайримоддӣ метавонанд ба амалияи сиёсати хориҷии ин кишвар ворид карда шаванд. Бар хилофи як қатор кишварҳои дигар, ки дорои заминаи бештар рушдёфтаи «неруи нарм» мебошанд, модели қирғизии «неруи нарм» пароканда боқӣ монда, пеш аз ҳама, ба дастовардҳои инфиродии намояндагони барҷастаи фарҳанг, варзиш, илм ва диаспора такя мекунад. Адами равиши мукаммал дар ташаккули симои миллӣ, инчунин, набудани сабти расмии абзорҳои «неруи нарм» дар санадҳои сиёсати хориҷии кишвар вазъиятеро ба вуҷуд меоранд, ки дар он зарфияти «қудрати нарм» аз ҷониби давлат ба таври пурра мавриди истифода қарор намегирад. [2, 653].

Дар асоси “Эъломияи Истиқлоли давлатӣ”, ки 31 августи соли 1991 қабул гардидааст, Ҷумҳурии Қирғизистон дар робитаҳои хориҷӣ ҳамчун давлати мустақил, соҳибихтиёр ва демократӣ бо қаламрави комил ва тақсимнашаванда эътироф мешавад. Дар Эъломия ба принсипҳои умумиқабулшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, принсипҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни миллатҳо, риояи қатъии уҳдадориҳои қабулшуда ва пешгирии низоъҳо дар муносибатҳои байналмилалӣ таъкид гардидааст.

Аввалин санади муҳимми сиёсати хориҷии Қирғизистон, ки аз ҷониби роҳбарияти ҷумҳурӣ қабул гардид, «Дипломатияи Роҳи Абрешим» буд, ки мақоми Қирғизистонро дар минтақаи Роҳи Абрешим ҳамчун пайвандгар байни Ғарб ва Шарқ муайян кард. Ин мавқеъ, инчунин, дар “Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳуриии Қирғизистон”, ки 17 майи соли 1999 қабул шуда буд, сабт гардид. Дар он мақсад ва вазифаҳои сиёсати хориҷӣ муайян шуда, афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ ба инобат гирифта шудаанд, ки аз ҷумла амиқ кардани равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ, васеъ намудани

тамосҳо бо кишварҳои Ғарб ва Шарқ ва инчунин, рушди ҳамкории байнидавлатӣ дар чаҳорчӯбаи созмонҳои байналмилалӣ мебошад. [14,142].

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон марҳалаи нави рушди сиёсати фарҳангӣ ташаккул меёбад, ки асоси он дастгирии муассир ва ҳадафманди давлатӣ аз соҳаҳои фарҳанг ва санъат, инчунин, пешбурди дастовард ва арзишҳои миллӣ дар сатҳи дохилӣ ва байналмилалӣ мебошад.

Афзалиятҳои сиёсати нави фарҳангӣ аз инҳо иборатанд:

–*Тақвияти иқтидори «неруи нарм»*. Пайгирии сиёсати устувори фарҳангӣ ба болоравии сатҳи ҷаззобияти Ҷумҳурии Қирғизистон барои шариконӣ байналмилалӣ, ҳамчунин, фароҳам овардани заминаи мусоид барои густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ мусоидат менамояд;

–*Баланд бардоштани мақоми байналмилалӣ ва имиҷи кишвар.* Фарҳанг ба унсури муассири дипломатияи муосир мубаддал гардида, имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамчун давлати дорои мероси ғании фарҳангӣ ва ҳувияти миллии вижа дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ гардад.

–*Тақвияти худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ.* Ҳимоя ва тарғиби фарҳанги миллӣ ба таҳкими худогоҳии шаҳрвандон, таҳкими рӯҳияи ваҳдат, инчунин баланд бардоштани сифати ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд [12].

Мутобиқи “Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғистон”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон 11 марти соли 2019, №37 қабул гардидааст, ҳамкории фарҳангию гуманитарӣ, ҳамзамон, бо муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, яке аз унсурҳои калидии низоми афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар маҳсуб ёфта, шароити мусоидро ҷиҳати ташаккули фазои озод ҷиҳати рушди шахсият ва ҷомеа, ҳамчунин, амалӣ намудани имкониятҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ фароҳам меорад.

Ҷумҳурии Қирғизистон бо мақсади таҳкими иқтидори фарҳангӣ, таълимӣ, илмӣ ва кадрӣ, инчунин, низоми тандурустӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии тиббӣ, ҳамзамон, барои рушди технологияҳои муосир ва инноватсия, ба таври комил ҳамкории байналмилалиро истифода мебарад. Ин стратегия барои таъмини рушди устувори кишвар ва беҳтаргардонии сатҳи зиндагии шаҳрвандон равона шудааст.

Аслияти этнофарҳангии халқи қирғиз, ки бо гуногунии фарҳангӣ ва пояҳои демократии давлат алоқаманд аст, ҳамчун унсури калидӣ дар мавқеъгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон ва ташаккули имиҷи мусбати кишвар дар саҳнаи байналмилалӣ хизмат мекунад. Ин омилҳо ба Қирғизистон имкон медиҳанд, ки нақши фаъол ва беназирро дар равобити

байналмилалӣ ишғол намуда, манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангии худро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намояд.

Самтҳои асосии афзалиятноки ҳамкории Ҷумҳурии Қирғизистон бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи фарҳангӣ ва гуманитарӣ иборатанд аз:

– мусоидат ба рушди низоми муассири таҳсилот бо ҳадафи тақвияти захираҳои инсонӣ ва боло бурдани иқтидори зеҳнии кишвар;

– мусоидат ба таҳсили шаҳрвандони Ҷумҳурии Қирғизистон дар хориҷи кишвар ва эътирофи байналмилалии дипломҳои миллии таҳсилотӣ бо ҳадафи таъмин намудани дастрасӣ ба бозорҳои меҳнат ва хизматрасониҳои таълимии давлатҳои хориҷӣ;

– фароҳам овардани шароит барои ҳифз ва таблиғи байналмилалии мероси таърихию фарҳангӣ ва маънавии халқи қирғиз, ки аз қадимтарин тамаддунҳо ба шумор меравад, инчунин, барои ғанӣ гардонидани он тавассути дастовардҳои фарҳанги ҷаҳонӣ;

– густариши ҳамкориҳои фаъоли байналмилалӣ дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, санъат ва варзиш, ҳамзамон, мусоидат ба барқарорсозии робитаҳои зич ва мубодилаҳо дар ин бахшҳо [8].

Пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ аз пайи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ, Ҷумҳурии Қирғизистон «неруи нарм»-ро ба сифати абзори стратегӣ ҷиҳати дастгирии ҳадафҳои сиёсати хориҷии худ ва боло бурдани мақому манзалати кишвар дар арсаи байналмилалӣ интихоб намуд.

Мавқеи ҷуғрофии Қирғизистон дар маркази Осиёи Марказӣ, мероси ғании таърихӣ, сохтори иҷтимоии мухталиф ва анъанаҳои бар мабнои тарзи ҳаёти кӯчӣ ба ин кишвар ҷозибаи хосси фарҳангӣ мебахшад.

Кӯшишҳои Қирғизистон барои шакл додани симои байналмилалии худ тавассути таъкид бар ҳамин унсурҳои истисноӣ, равиши дипломатияи фарҳангии ин кишварро таҷассум мебахшад, ки ин ҳамзамон, бо иддаои он, ки пули иртиботӣ байни Шарқ ва Ғарб мебошад, рост меояд [1, 510].

Ҳамкориҳои фарҳангӣ дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ барои Қирғизистон дар заминаи тарғиби консепсияи тамаддуни кӯчӣ ва муколамаи фарҳангҳо аҳаммияти махсус касб намудааст. Бозиҳои ҷаҳонии кӯчманчиён, ки бори аввал соли 2014 баргузор гардида, минбаъд аз ҷониби ниҳодҳои бузурги байналмилалӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифтанд, намунаи барҷастаи «неруи нарм»-и Қирғизистон гардида, ба ташаккули имиҷи нотакрори он дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуданд. Ин бозиҳо, ки мусобиқаҳои анъанавии варзишӣ ва чорабиниҳои фарҳангии халқҳои фазои Авруосиёро муттаҳид месозанд, натанҳо

таваҷҷуҳро ба мероси ғании халқҳои кӯчӣ ҷалб менамоянд, балки ҷиҳати муколамаи байнифарҳангӣ майдони муносиб эҷод мекунанд [15, 100].

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон тақрибан ду ҳазор ёдгории таърихӣ, бостоншиносӣ, меъморӣ ва шаҳрсозӣ, инчунин, санъати бошукӯҳ мавҷуданд, ки барои таъриху фарҳанги миллии кишвар аҳаммияти хосса доранд. Аз ин шумор 583 объект ба Рӯйхати давлатии ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Қирғизистон дорои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ дохил карда шудаанд, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон «Дар бораи тасдиқи Низомнома дар бораи баҳисобгирӣ, ҳифз ва барқарорсозии объектҳои мероси таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Қирғизистон» аз 20 августи соли 2002, № 568 тасдиқ гардидааст.

Мутобиқ ба мансубияти типологӣ ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

–ёдгориҳои таърихӣ — 66 объект;

–ёдгориҳои бостоншиносӣ (археологӣ) — 335 объект;

–ёдгориҳои шаҳрсозӣ ва меъморӣ — 122 объект;

–ёдгориҳои санъат — 53 объект;

–ёдгориҳои таърихи фарҳанг ва табиат — 7 объект.[5]

Соли 2009 Маҷмааи миллии осорхонаи таърихию бостоншиносии «Сулаймон–Тоҳ» ва соли 2014 шаҳркадаҳои «Краснореченское», «Ак-Бешим (Суяб)» ва Маҷмааи ҷумҳуриявии осорхонаи бостоншиносию меъмории «Манораи Бурана (Баласоғун)» ба Феҳристи мероси фарҳангии ҷаҳонии ЮНЕСКО дохил карда шуданд. Ин дастовардҳоро метавон ҳамчун шохиси муваффақияти стратегияи «неруи нарм»-и Қирғизистон арзёбӣ кард. Эътирофи байналмилалии ин ёдгориҳо натанҳо ҷанбаи ҳифзи таърих, балки василаи муҳимми дипломатияи фарҳангӣ мебошад, ки нуфузи кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ боло мебарад. Ба туфайли ҳамкории густурда бо ЮНЕСКО, Қирғизистон худро ҳамчун вориси тамаддуни бузурги Роҳи Абрешим ва кишваре муаррифӣ менамояд, ки арзишҳои умумибашариро ҳифз мекунад. Ин раванд ба ташаккули симои мусбати давлат, ҷалби сармояи сайёҳӣ ва таҳкими робитаҳои гуманитарӣ бо созмонҳои байналмилалӣ мусоидат намуда, заминаи «неруи нарм»-и кишварро дар минтақаи Осиёи Марказӣ устувор мегардонад [5].

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон то имрӯз тақрибан 118 осорхона фаъолият мекунанд, ки аз онҳо 68 адад давлатӣ мебошанд. Осорхонаҳои боқимонда (идоравӣ ва мактабӣ) низ дар ҳифзи хотираи таърихии ҷомеа нақши муҳим мебозанд.

Ин шабакаи густурдаи муассисаҳои фарҳангӣ натанҳо вазифаи нигаҳдории меросро иҷро мекунад, балки ҳамчун яке аз рукнҳои ниҳодии «неруи нарм»-и Қирғизистон баромад менамояд [6,11]. Робитаи

мутақобилаи осорхонашиносӣ ва дипломатияи фарҳангӣ дар ҷанбаҳои зерин инъикос меёбад:

–Ташаккули симои миллӣ. Осорхонаҳо ҳамчун «намоишгоҳ»-и давлат хизмат карда, таърихи ғанӣ ва тамаддуни қадимаи миллати қирғизро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамоянд. Ин раванд ба эътирофи кишвар ҳамчун маркази муҳимми фарҳангии Осиёи Марказӣ мусоидат мекунад.

*–Майдони муколамаи байналмилалӣ.*Тавассути ташкили намоишгоҳҳои муштарак бо осорхонаҳои хориҷӣ ва табодули ҳафриёти таърихӣ, Қирғизистон робитаҳои гуманитарии худро бо кишварҳои дигар таҳким бахшида, «дипломатияи осорхонавӣ»-ро рушд медиҳад.

–Ҷолибияти сайёҳӣ. Дар шароити муосир, осорхонашиносӣ ба манбаи муҳимми ҷалби сайёҳони хориҷӣ табдил ёфтааст. Осорхонаҳои муосиршуда бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ метавонанд таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба арзишҳои миллӣ ҷалб намуда, иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии кишварро афзун намоянд.

Осорхонаҳои Қирғизистон натанҳо макони нигаҳдории бозёфтҳо, балки субъектҳои фаъоли сиёсати хориҷӣ маҳсуб меёбанд, ки дар тарғиби арзишҳо ва таҳкими нуфузи маънавии ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ саҳми калидӣ мегузоранд [10].

Дар низоми муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Қирғизистон, амалисозии созишномаву шартномаҳои байнидавлатӣ тавассути баргузории чорабиниҳои фарогири фарҳангию гуманитарӣ, ки дорои аҳаммияти стратегӣ мебошанд, сурат мегирад. Раванди ниҳодишавии ин робитаҳо боиси ташаккули механизмҳои устувори ҳамкорӣ гардид, ки дар қолаби Рӯзҳои фарҳанги мутақобила, барномаҳои фарҳангии солонаи аҳли санъати давлатҳои аъзои СҲШ ва Бозиҳои Делфии ҷавонон инъикос меёбанд.

Ин ташаббусҳо натанҳо намоиши ҳунар, балки истифодаи мақсадноки захираҳои фарҳангӣ барои дастёбӣ ба ҳадафҳои геополитикӣ мебошанд. Давраи соҳибистиқлолии кишвар бо ташаккули силсилаи чорабиниҳои дорои хусусияти «брендсозии миллӣ» хос аст, ки иқтидори «неруи нарм»-и ҷумҳуриро тавассути «ҷолибияти фарҳангӣ» афзун менамоянд. Омили мазкур имкон медиҳад, ки Қирғизистон бо мавҷудияти захираҳои маҳдуди ҳарбӣ-иқтисодӣ, нуфузи худро дар арсаи байналмилалӣ тавассути эътимод ва ҳамдардӣ устувор созад.

Аз ҷумла, «Бозиҳои ҷаҳонии кӯчманчиён» ва «Ҷашнвораи ҷаҳонии достонҳои халқҳои олам» ба ҳайси абзорҳои калидии дипломатияи фарҳангӣ хизмат намуда, Қирғизистонро ҳамчун маркази маънавии тамаддунҳои Осиёи Марказӣ муаррифӣ мекунанд. Баргузории ҷашнвораҳои байналмилалии санъати опера, балет ва мубоҳисаҳои зеҳнӣ

нишон медиҳад, ки кишвар тавозуни миёни давраи қадим ва муосирро ҳифз карда, қодир аст арзишҳои умумибашариро тавлид ва тарғиб намояд.

Ҳамин тариқ, «неруи нарм»-и Ҷумҳурии Қирғизистон ба омили муҳимми таъмини амнияти фарҳангӣ ва демократикунонии фазои гуманитарии минтақа табдил ёфтааст [9].

Стратегияи Қирғизистон ҷиҳати истифодаи абзорҳои «неруи нарм» дар ташаккули симои миллӣ, мутобиқ ба дидгоҳҳои сиёсати хориҷии кишвар, махсусан, аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри XX ошкор гардид. Дар ин раванд унсурҳои мероси фарҳангӣ бо мақсади таҳкими ҳувияти миллӣ ва боло бурдани нуфузи байналмилалии кишвар тавассути дипломатияи фарҳангӣ ба арсаи ҷаҳонӣ бароварда шуданд. Чорабиниҳое, ки дар меҳвари достони «Манас» ва ҷашнвораҳои муҳимми таърихӣ ташкил карда шудаанд, ҳамчун зуҳуроти рамзии ин стратегия арзёбӣ мегарданд.

Омодагӣ ба ҷашни 1000-солагии достони «Манас», ки соли 1992 оғоз гардид, яке аз қадамҳои нахустин ва калидӣ дар ин самт маҳсуб меёбад. Дар ин давра марказҳои миллии фарҳангӣ таъсис ёфта, намоишгоҳҳо, конфронсҳои илмӣ ва чорабиниҳои таълимӣ роҳандозӣ шуданд. Инчунин, лоиҳаи «Манас», ки таҳти роҳбарии Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Қирғизистон ва Вазорати маориф ва илм амалӣ гардид, дар ин раванд саҳми назарраси илмию маърифатӣ гузошт. Эълон гардидани соли 1995 ҳамчун «Соли байналмилалии Манас» [13] аз ҷониби СММ эътирофи ҷаҳонии ин достонро таъмин намуда, онро ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарият ворид кард.

Таҷлили 1000-солагии «Манас» ба як «намоишгоҳи рамзӣ»-и стратегияи неруи нарми Қирғизистон табдил ёфт. Чорабиниҳо бо иштироки намояндагони беш аз 60 кишвар, аз ҷумла Туркия, Чин, ИМА, Русия, Қазоқистон, Узбекистон ва Беларус, дар таблиғи байналмилалӣ ва боло бурдани нуфузи фарҳангии кишвар саҳми назаррас гузоштанд.

Дар ин замина, таҷлили 2200-солагии давлатдории қирғиз соли 2003 [7] рӯйдоди дигари муҳимме гардид, ки барои таъкид намудани умқи таърихии суннатҳои давлатдории ин кишвар созмон дода шуд. Ин ҷашнвора, ки бар пояи маълумот дар бораи мавҷудияти қирғизҳо дар асри II то милод асос ёфта буд, ба як ибтикори рамзии таҳкимбахши машруияти байналмилалӣ ва решаҳои таърихии Қирғизистон таҳти сарпарастии СММ мубаддал гашт.

Ибтикори дигари рамзие, ки инъикосгари мероси фарҳангии Қирғизистон гардид, таҷлили 3000-солагии шаҳри Ош соли 2000 маҳсуб меёбад. Ҳадафи ин ҷашнвора таъкид намудани пайвастагии таърихи шаҳрдорӣ ва тамаддуни муқимӣ буд, ки аз доираи мероси кӯчӣ фаротар меравад. Чорабинии мазкур, ки бо дастгирии ЮНЕСКО ва ТЮРКСОЙ

баргузор шуд, иқтидори Қирғизистонро дар соҳаи дипломатияи фарҳангии минтақавӣ таҳким бахшида, нуфузи байналмилалии онро боло бурд [1, 511-512].

Дастовардҳои варзишгарон, ходимони фарҳанг, рассомон, муҳаққиқон ва намояндагони диаспораи қирғиз ҷойгоҳи байналмилалии кишварро таҳким бахшида, онро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамоянд. Аз ҷумла дар соҳаи варзиш маҳз гуштии озоди бонувон боиси эътирофи ҷаҳонӣ ва афзоиши шинохти Қирғизистон гардид. Соҳиб шудан ба медали нуқраи Бозиҳои олимпии соли 2024 дар Париж аз ҷониби М. Жуманазарова ба яке аз хабарҳои аз ҳама бештар иқтибосшаванда дар бораи Қирғизистон табдил ёфт [11]. Ин аллакай дуюмин медали олимпии варзишгар (пас аз медали биринҷӣ дар Олимпиадаи Токио–2021) маҳсуб ёфта, барои давлатҳои хурд дастоварди нодир ва пураҳаммияти муваффақият мебошад, ки эътибори кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ устувор мегардонад. Муваффақиятҳои олимпии варзишгарони қирғиз А.Тинибекова, А. Медетқизи ва М.Жуманазарова, инчунин, фаъолияти дурахшони байналмилалии В.Шевченко мавқеи Қирғизистонро ҳамчун давлати варзишӣ таҳким бахшиданд. Дастовардҳои мазкур шинохти кишварро дар муҳити варзиши касбӣ афзун намуда, ба рушди таваҷҷуҳ ба варзиши бонувон ва тавсеаи имкониятҳо барои ҷалби духтарон ба фаъолияти варзишӣ дар дохили кишвар мусоидат намуданд [16].

Ҷумҳурии Қирғизистон дорои захираҳои нодири табиӣ ва мероси ғании таърихию фарҳангӣ мебошад, ки заминаи мусоидро барои ташаккули масирҳои гуногуни сайёҳӣ фароҳам меорад. Хиргоҳҳои анъанавии қирғизӣ, маснуоти санъати амалӣ, қолинбофӣ ва ошхонаи миллӣ метавонанд натанҳо таваҷҷуҳи сайёҳонро ҷалб намоянд, балки ҳамчун ҷузъи дипломатияи фарҳангӣ, арзишҳои меҳмоннавозӣ ва эҳтиром ба суннатҳоро муаррифӣ кунанд.

Бояд ба назар гирифт, ки дар ҷаҳони муосир дипломатияи фарҳангӣ аз доираи шаклҳои анъанавӣ – боздидҳои расмӣ, намоишгоҳҳо ва ҷашнвораҳо берун баромада, фаъолона ба соҳаи рақамӣ ворид мешавад. Барои Қирғизистон, ки дорои захираҳои маҳдуди молиявӣ ва ташкилӣ мебошад, маҳз шабакаҳои рақамӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунанд, зеро онҳо имкон медиҳанд, ки мероси фарҳангии кишвар бо масрафи нисбатан кам ба таваҷҷуҳи шунавандагони васеи байналмилалӣ расонида шавад.

Дипломатияи фарҳангии рақамӣ шакли нав ва ҳанӯз пурра санҷиданашудаи ҳамкорӣ ба шумор меравад. Он метавонад эҷоди лоиҳаҳои мултимедиявӣ дар бораи достони «Манас», филмҳои мустанад доир ба таърих ва мероси қирғизҳо, инчунин, саёҳатҳои маҷозиро ба объектҳои асосии фарҳангӣ ва табиии кишвар дар бар гирад. Ташкили намоишгоҳҳои

онлайнӣ, барномаҳои таълимии интерактивӣ ва дарсҳои маҳорати маҷозӣ оид ба ҳунарҳои мардумӣ имкон медиҳад, ки мутахассисон ва ҷомеаи васеи ҷаҳонӣ ба муколама ҷалб карда шаванд.

Дар дурнамо дипломатияи рақамӣ метавонад барои кишвар натанҳо ҳамчун илова ба усулҳои анъанавии ҳамкориҳои фарҳангӣ, балки ҳамчун яке аз абзорҳои калидии ташаккули симои давлат хизмат кунад. Пайвастани технологияҳои рақамӣ бо мероси фарҳангӣ имкон медиҳад, ки Қирғизистон ҳамчун давлати муосир, кушода ва инноватсионӣ муаррифӣ гардад, ки дар айни замон анъанаҳо ва ҳувияти нодири худро ҳифз намудааст.

Қирғизистон барои пешрафт дар ин соҳа дорои захираҳои истисноӣ мебошад. Достони «Манас», ки ҳамчун мероси фарҳангии ҷаҳонӣ эътироф шудааст, санъати шифоҳии манасчиён, мусиқии миллӣ, анъанаҳои ҳунармандӣ ва арзишҳои маънавӣ сутуни рамзи фарҳангии кишварро ташкил медиҳанд [3, 295-296].

Дар асоси таҳқиқи масъалаҳои мазкур метавон ба натиҷаҳои зерин даст ёфт, ки моҳият ва дурнамои истифодаи «неруи нарм»-ро дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон муайян менамоянд:

–Аҳаммияти стратегӣ. Дар шароити муосири таҳаввули муносибатҳои байналмилалӣ, «неруи нарм» барои Қирғизистон натанҳо ҳамчун унсури иловагии дипломатия, балки ба сифати абзори калидии ҳифзи манфиатҳои давлат дар заминаи маҳдудияти захираҳои моддию низомӣ хизмат мекунад. Ин раванд имкон медиҳад, ки кишвар бидуни ворид шудан ба рақобати мустақими қудратҳо, мавқеи худро дар низоми геополитикии минтақа таҳким бахшад.

–Татбиқи мероси таърихӣ ва брендсозии миллӣ. Гузариш аз ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ба таблиғи фаъоли арзишҳои тамаддунӣ, ба монанди достони «Манас» ва «Бозиҳои ҷаҳонии кӯчманчиён», нишондиҳандаи муваффақияти стратегияи сиёсати хориҷӣ дар самти ташаккули имиҷи нотакрори кишвар мебошад. Эътирофи ин ёдгориҳо аз ҷониби ниҳодҳои байналмилалӣ (аз ҷумла ЮНЕСКО) нуфузи маънавии кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ ба таври назаррас боло бурдааст.

–Дипломатияи варзишӣ ва нақши сармояи инсонӣ. Дастовардҳои инфиродии варзишгарон, бахусус, дар риштаи гуштии бонувон ва муваффақиятҳо дар Бозиҳои олимпӣ, ҳамчун василаи муассири «брендсозии миллӣ», баромад мекунанд. Ин омилҳо шинохти байналмилалии Қирғизистонро афзун намуда, ҷозибаи фарҳангии онро дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ устувор мегардонанд.

–Мушкилоти ниҳодӣ ва дурнамо. Бо дарназардошти мавҷудияти иқтидори бойи маънавӣ, модели қирғизии «неруи нарм» то ҳол хусусияти пароканда дошта, бештар ба дастовардҳои инфиродӣ такя мекунад. Таҳлили вазъ нишон медиҳад, ки барои табдил додани ин иқтидор ба фишанги устувори сиёсӣ, таҳияи равиши мукаммал ва ворид намудани абзорҳои мушаххаси «неруи нарм» ба санадҳои стратегии сиёсати хориҷӣ зарур мебошад.

Ҳамин тариқ, рушди минбаъдаи «неруи нарм»-и Ҷумҳурии Қирғизистон ба қобилияти давлат дар самти муттаҳид намудани захираҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва зеҳнӣ дар доираи як стратегияи воҳид вобаста мебошад, ки ин метавонад амнияти фарҳангӣ ва нуфузи геополитикии кишварро дар минтақаи Осиёи Марказӣ кафолат диҳад.

АДАБИЁТ

1. Mokonova, A. National Image Building in the Context of Kyrgyzstan's Soft Power Strategies / A. Mokonova, G. Yoğurtçu // Bulletin of Science and Practice. – 2025. – Vol. 11, №6. – C. 507–520;

2. Байгазиева А.Э. Стратегический дефицит: почему Кыргызстану нужна целостная политика «мягкой силы» / А.Э. Байгазиева //Международный научный журнал «Вестник науки» №11(92). Том 4. Ноябрь 2025 г. –С. 651–667;

3. Ибраев А.О. Культурная дипломатия как инструмент укрепления отношений Кыргызской Республики со странами Персидского залива / А.О.Ибраев // International Journal of Humanities and Natural Sciences. – 2025 - №10-1 (109). – с. 293-297;

4. Иришева А. Влияние глобализации на традиционные культуры и идентичность. // Российский совет по международным делам. 20 марта 2025. URL: https://russiancouncil.ru/blogs/laiamp/vliyanie-globalizatsii-na-traditsionnye-kultury-i-identichnost/ (дата обращения: 01.11.2025);

5. Историко–культурное наследие [Электронный ресурс] // URL: https://minculture.gov.kg/ru/history-and-legacy (Дата обращения: 24.12.2025);

6. Капалова Б., Мидинова Б. Музеи Кыргызстана: культурная политика и практики на местах / Б. Капалова, Б. Мидинова // Научный доклад, №19, 2023. – 72 с.;

7. Киргизия празднует 2200-летие государственности [Электронный ресурс] URL:https://centrasia.org/newsA.php?st=1062333060#gsc.tab=0 (Дата обращения: 25.12.2025);

8. Концепция внешней политики Кыргызской Республики. Указ Президента Кыргызской Республики от 11 марта 2019 года, УП №37 [Электронный ресурс] URL: https://mfa.gov.kg/ru/main/page?page_id=31418 (Дата обращения: 12.08.2025);

9. Культурные связи Кыргызстана [Электронный ресурс] // URL: https://minculture.gov.kg/ru/kulturnie-svyazi-kirgizstana (Дата обращения: 24.12.2025);

10. Музейное дело [Электронный ресурс] // URL: https://minculture.gov.kg/ru/museum-kgz (Дата обращения: 24.12.2025);

11. Мээрим Жуманазарова – самый молодой призер Олимпиады-2024 среди кыргызстанцев. [Электронный ресурс] URL: https://24.kg/ sport/302105_meerim_jumanazarova_samyiy_molodoy_prizer_olimpia dyi-2024_sredi_kyirgyizstantsev/ (Дата обращения: 06.11.2025);

12. Новая эра культурной политики Кыргызской Республики: влияние на мировое положение: [Электронный ресурс] URL: https://mnenie.akipress.org/unews/un_post:38746 (Дата обращения: 12.08.2025)

13. Постановление Правительства Кыргызской Республики «Об итогах проведения празднования 1000-летия эпоса "Манас"». Город Бишкек, Дом Правительства от 24 ноября 1995 года, № 510 [Электронный ресурс] // URL: https://cbd.minjust.gov.kg/7-5653/edition/308310/ru (Дата обращения: 24.12.2025);

14. Рыжов, И. В. Основные приоритеты внешней политики Кыргызстана / И. В. Рыжов, М. Ю. Бородина // Россия и новые государства Евразии. – 2019. – № 3(44). – С. 142-157;

15. Турусбеков Д.Б. Эволюция внешнеполитической стратегии Кыргызской Республики (1991-2020 гг.): дисс….канд.ист.наук: 5.6.7./ Д.Б. Турусбеков. Москва. – 2025. – 258 с.;

16. Шаршенова А. «Мягкая сила» Кыргызстана: нарративы и истории успеха. // Cabar Asia. 17.02.2023. URL: https://cabar.asia/ru/myagkaya-sila-kyrgyzstana- narrativy-i-istorii-uspeha (Дата обращения: 04.11.2025).

РОЛЬ И МЕСТО «МЯГКОЙ СИЛЫ» ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКИ

САФАРОВ ХАКИМШО АСЛАМШОЕВИЧ,
старший преподаватель кафедры международных отношений Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки
735360, Таджикистан, город Куляб, ул. С. Сафаров 16;
тел: 987-02-74-60; e-mail: hakimsho_1996@mail.ru

Данная статья посвящена исследованию роли и места «мягкой силы» во внешней политике Кыргызской Республики. Основная цель исследования заключается в анализе механизмов формирования международного имиджа страны и определении ключевых инструментов использования культурно-гуманитарного потенциала для достижения стратегических

целей на мировой арене. В ходе исследования автор рассматривает эволюцию внешнеполитических концепций Кыргызстана–от «Дипломатии Шелкового пути» до современных стратегий культурного сотрудничества, а также анализирует деятельность государственных институтов и международных организаций. Результаты исследования показывают, что для Кыргызстана как малого государства «мягкая сила» является крайне важным инструментом защиты государственных интересов в условиях ограниченности материальных и военных ресурсов. Автор определяет основные столпы национального бренда в богатом историческом наследии, включая эпос «Манас», цивилизацию кочевников и современную спортивную дипломатию, а также обосновывает значимость «музейной дипломатии» в укреплении авторитета страны на международной арене. Научная значимость статьи проявляется в систематизации разрозненных элементов кыргызской модели «мягкой силы» и обосновании необходимости перехода от индивидуальных достижений к единой государственной стратегии формирования имиджа, которая может быть использована при совершенствовании внешнеполитических концепций и программ культурного развития страны.

Ключевые слова: *мягкая сила, Кыргызстан, внешняя политика, международный имидж, культурная дипломатия, историческое наследие, кочевая цивилизация, «Манас», Всемирные игры кочевников, спортивная дипломатия.*

THE ROLE AND PLACE OF "SOFT POWER" IN THE FOREIGN POLICY OF THE KYRGYZ REPUBLIC

SAFAROV KHAKIMSHO ASLAMSHOEVICH,
Senior Lecturer, Department of International Relations, Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki
735360, Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov str. 16;
tel.: 987-02-74-60; e-mail: hakimsho_1996@mail.ru

This article is devoted to the study of the role and place of "soft power" in the foreign policy of the Kyrgyz Republic. The primary objective of the research is to analyze the mechanisms of forming the country's international image and to identify key instruments for utilizing cultural and humanitarian potential to achieve strategic goals on the global stage. In the course of the study, the author examines the evolution of Kyrgyzstan's foreign policy concepts—from the "Silk Road Diplomacy" to modern strategies of cultural cooperation—and analyzes the activities of state institutions and international organizations. The research results indicate that for Kyrgyzstan, as a small state, "soft power" serves as an extremely important tool for protecting state interests amidst limited material

and military resources. The author identifies the main pillars of the national brand within the rich historical heritage, including the epic "Manas," the nomadic civilization, and modern sports diplomacy, while substantiating the significance of "museum diplomacy" in strengthening the country's prestige in the international arena. The scientific significance of the article lies in the systematization of scattered elements of the Kyrgyz "soft power" model and the indication of the need to transition from individual achievements to a unified state strategy for image building, which can be utilized in refining foreign policy concepts and cultural development programs of the country.

Keywords: *soft power, Kyrgyzstan, foreign policy, international image, cultural diplomacy, historical heritage, nomadic civilization, "Manas", World Nomad Games, sports diplomacy.*

УДК: 327:355.02(5-191.2)

ТАШАББУСҲОИ СТРАТЕГИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАҲКИМИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

ТОШОВ ҲОҶИАКБАР МУҲИДИНОВИЧ,
доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси сиёсатшиносӣ, ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»
734026, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Сино 29-31;
тел.: (+992) 300-07-90-99; e-mail: a.toshov1994@gmail.com

Мақола ба таҳлили илмии саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва пешбурди сиёсати хориҷии сулҳомез ва амниятсоз дар шароити муосири таҳдидҳои геополитикӣ ва фаромиллӣ бахшида шудааст. Дар маркази таҳқиқот нақши шахсии Пешвои миллат ҳамчун ташаббускори стратегӣ дар таҳкими сулҳу суботи минтақавӣ ва рушди ҳамкории байналмилалӣ қарор дорад. Муаллиф исбот менамояд, ки маҳз иродаи сиёсӣ, дурбинӣ ва равиши мутавозини Пешвои миллат Тоҷикистонро аз марҳалаи осебпазирии пасошуравӣ ба субъекти фаъоли равандҳои амниятӣ дар Осиёи Марказӣ табдил додааст.

Дар мақола ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат, пеш аз ҳама, дар соҳаи об, ҳамчун унсури калидии амнияти инсонӣ ва минтақавӣ, мавриди таҳлил қарор мегиранд. Даҳсолаҳои байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ва «Об барои рушди устувор», инчунин, эълони «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ҳамчун намунаҳои барҷастаи дипломатияи пешгирикунанда арзёбӣ шуда, нишон дода мешавад, ки онҳо масъалаи обро аз доираи соҳаӣ ба сатҳи стратегӣ ва амниятӣ баровардаанд. Ин ташаббусҳо, ки бевосита бо номи Пешвои миллат иртибот доранд, ба ташаккули муҳити эътимод, ҳамкории бисёрҷониба ва коҳиши хавфҳои муноқишавӣ дар минтақа мусоидат намуданд.

Ҳамзамон, дар мақола саҳми Пешвои миллат дар таҳкими ҳамкории минтақавӣ, ҳалли осоиштаи масъалаҳои сарҳадӣ, фаъол гардонидани муколамаи сиёсӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва пешбурди равиши фарогири амниятӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтааст. Таҷрибаи роҳбарии сиёсӣ ва ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро ҳамчун маркази ташаббусҳои сулҳовар ва амниятсоз муаррифӣ намуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим барои омӯзиши сиёсати муосири минтақавӣ дорад.

Калидвожаҳо: *Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, сиёсати хориҷӣ, амнияти минтақавӣ, Осиёи Марказӣ, сулҳсозӣ, ташаббусҳои байналмилалӣ, дипломатияи об, рушди устувор, ҳамкории минтақавӣ, суботи сиёсӣ.*

Дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки бо афзоиши равандҳои пуртазод ва мураккаби геополитикӣ, бархурдҳои манфиатҳои давлатҳо, густариши таҳдидҳои фаромиллӣ ва зуҳури чолишҳои нави амниятӣ тавсиф меёбад, масъалаи таҳкими сулҳу субот ва рушди устувор дар минтақаҳои осебпазир ба яке аз авлавиятҳои калидии рӯзномаи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар чунин муҳит, минтақаҳое, ки дорои захираҳои муштарак, сарҳадҳои ҳассос ва таърихи мураккаби муносибатҳои байнидавлатӣ мебошанд, бештар ба таъсири ин равандҳо дучор мегарданд. Осиёи Марказӣ маҳз ба чунин минтақаҳо мансуб буда, таҳдидҳои амниятӣ дар он хусусияти муштарак ва фаромиллиро касб менамоянд.

Дар ин замина, зарурати таҳкими сулҳу суботи пойдор ва ташаккули механизмҳои устувори ҳамкорӣ дар минтақа аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар чунин шароит нақши давлатҳои минтақа танҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллии худ маҳдуд намегардад, балки онҳо бояд дар ташаккули муҳити умумии амниятӣ саҳми фаъол гузоранд. Аз ин рӯ, ташаббусҳои роҳбарони сиёсӣ ҳамчун омили таъсиргузор дар идоракунии равандҳои амниятӣ баромад намуда, метавонанд муҳити рақобатро ба фазои муколама ва ҳамкории созанда табдил диҳанд. Маҳз тавассути чунин ташаббусҳо масъалаҳои ҳассоси минтақавӣ аз сатҳи ихтилофҳои маҳдуд берун бароварда шуда, дар қолаби ҳамкории фарохтар баррасӣ мегарданд. Дар ин раванд Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун ҷонибдори сиёсати сулҳомез ва ташаббускори ғояҳои стратегӣ дар самти таҳкими амнияти минтақавӣ, мавқеи хосро ишғол менамояд. Тоҷикистон, бо дарназардошти ҷойгоҳи ҷуғрофӣ ва шароити мушаххаси таърихии худ, аз ибтидои Истиқлоли давлатӣ зарурати пешбурди сиёсати хориҷии мутавозин ва масъулиятнокро дарк намуда, онро ба яке аз унсурҳои асосии таъмини субот ва амнияти миллӣ табдил дод [10; 11].

Бояд таъкид кард, ки аз рӯзҳои аввали Истиқлоли давлатӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар пояи принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул ёфта, ҳамчун воситаи муҳимми коҳиши таниш ва пешгирии низоъҳо амал менамояд. Ин сиёсати хориҷӣ ба ҳифзи истиқлол, таъмини амнияти миллӣ ва ҳамзамон, ба таҳкими муҳити мусоиди ҳамкорӣ дар атрофи кишвар равона гардидааст. Интихоби чунин равиш натанҳо натиҷаи шароити мавҷуда, балки интихоби

огоҳона ва стратегӣ буд, ки Тоҷикистонро аз вуруди мустақим ба рақобатҳои шадиди геополитикӣ канор нигоҳ дошт. Пояҳои назариявии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар принсипҳои дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, дахолатнопазирӣ ба корҳои дохилии давлатҳои дигар ва ҳамкории баробарҳуқуқу судманд ифода меёбад. Татбиқи пайвастаи ин принсипҳо дар амал натанҳо заминаи устувори рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро фароҳам овард, балки ба ташаккули эътимод дар муносибатҳои минтақавӣ мусоидат намуд. Дар натиҷа, Тоҷикистон тавонист худро ҳамчун шарики боэътимод ва ҷонибдори ҳалли осоиштаи мушкилот муаррифӣ намояд. Илова бар ин, риояи ин принсипҳо барои таҳкими мавқеи геополитикии Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим бозид. Бо такя ба сиёсати мутавозин ва ташаббускор, кишвар имкон пайдо кард, ки дар муҳокимаи масъалаҳои муҳимми минтақавӣ ва байналмилалӣ мавқеи худро фаъолона иброз намояд. Ин раванд Тоҷикистонро тадриҷан аз мавқеи қабулкунандаи таъсир ба мавқеи иштирокчии фаъоли равандҳои амниятӣ табдил дод [1, 25-29].

Дар ҳамин замина, Пешвои миллат муҳтарам, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи зиёда аз се даҳсола ташаббусҳои стратегиеро ироа менамоянд, ки моҳияти онҳо аз доираи ҳалли масъалаҳои дохилӣ фаротар рафта, ба масоили амнияти фаромиллӣ ва глобалӣ иртиботи мустақим доранд. Ин ташаббусҳо ҳамчун посух ба таҳдидҳои муосир ва кӯшиши пешгирии паёмадҳои манфии онҳо пешниҳод гардида, ба ташкили заминаҳои институтсионалӣ ва механизмҳои ҳамгироёна равона шудаанд. Аз ҷумла иқдомҳои Пешвои миллат ба муборизаи ҳамоҳангшуда бар зидди таҳдидҳое чун терроризм ва экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, муноқишаҳои марзӣ, инчунин, мушкилоти афзояндаи вобаста ба тағйирёбии иқлим ва таназзули муҳити зист нигаронида шудаанд. Моҳияти сиёсии ин ташаббусҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо на ба бартарафсозии оқибатҳои таҳдидҳо, балки ба коҳиши сабабҳои аслии онҳо равона буда, заминаи ҳамкорӣ ва масъулияти муштаракро дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ тақвият мебахшанд.

Бо дарназардошти хусусияти мураккаби таҳдидҳои фаромиллӣ ва зуҳури хатарҳои нави геополитикӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амал ҳамчун яке аз унсурҳои муассири сиёсати амниятӣ ва таҳкими суботи минтақавӣ арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи солҳои истиқлолият нишон медиҳад, ки дар шароите, ки таҳдидҳо хусусияти сарҳаднопазир пайдо кардаанд, таъмини амният танҳо тавассути иқдомҳои дохилӣ имконнопазир буда, истифодаи фаъолонаи дипломатия ва ҳамкории байналмилалӣ

аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Маҳз дар ҳамин замина сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун василаи ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва коҳиши хавфҳои минтақавӣ амал менамояд [5, 6-16].

Ҳамин тариқ, пайгирии сиёсати хориҷии мутавозин ва ташаббускор натанҳо ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ мусоидат намудааст, балки ба рушди механизмҳои бисёрҷонибаи ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ низ замина фароҳам овард. Тоҷикистон бо пешниҳоди ташаббусҳои мушаххас тавонист дар раванди ташаккули рӯзномаи амниятии минтақа мавқеи фаъолро ишғол намояд. Ин раванд кишварро тадриҷан ба яке аз субъектҳои фаъоли ташаббусҳои сулҳовар ва амниятсоз дар Осиёи Марказӣ табдил дода, нақши онро дар фазои сиёсӣ ва амниятии минтақа тақвият бахшид.

Яке аз намунаҳои барҷастаи чунин ташаббусҳои байналмилалӣ пешниҳоди масъалаи стратегӣ дар сатҳи баланд аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки соли 2002 дар иҷлосияи 57-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ироа гардид. Дар он суханронӣ зарурати эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, 2005–2015» ба миён гузошта шуд [7]. Ин иқдом дар шароите пешниҳод гардид, ки масъалаи об натанҳо ҳамчун мушкилоти экологӣ, балки ҳамчун яке аз омилҳои эҳтимолии ноустувории сиёсӣ ва амниятӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт.

Дар идомаи ташаббусҳои сиёсӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояи эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт»-ро бори нахуст дар Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза, ки 29 август – 1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, пешниҳод намуданд. Ин иқдом, ки дар шароити афзоиши мушкилоти вобаста ба норасоии захираҳои обӣ ва баҳсҳои фаромарзӣ садо дод, аз ҷониби иштирокчиёни Форум ҳамаҷониба дастгирӣ ёфт ва ҳамчун ташаббуси саривақтӣ ва дорои аҳаммияти байналмилалӣ арзёбӣ гардид. Минбаъд, бо такя ба натиҷаҳои Форуми Душанбе ва Эъломияи қабулгардидаи он, 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид Қатъномаи дахлдорро қабул намуда, солҳои 2005–2015-ро расман ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон кард [5,10-11]. Қабули ин Қатънома нишон дод, ки ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон натанҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои миллӣ, балки мутобиқ ба ниёзҳои ҷаҳонӣ дар самти таъмини амнияти обӣ, рушди устувор ва сулҳу суботи байналмилалӣ мебошад. Дар доираи татбиқи амалии ин Қатънома, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар

созмонҳои байналмилалӣ аз 30-уми май то 1 июни соли 2005 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ доир ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромарзиро баргузор намуд. Ин ҳамоиш ба платформаи муҳимми табодули афкор, таҳкими ҳамкории минтақавӣ ва баррасии роҳҳои идоракунии муштараки захираҳои обӣ табдил ёфт. Аҳаммияти сиёсии Конфронси мазкур дар он ифода меёбад, ки он ҳамчун як риштаи васлкунандаи муҳим байни ду рӯйдоди бузурги байналмилалӣ – Форуми 3-юми ҷаҳонии об (2003, шаҳри Киото) ва Форуми 4-уми ҷаҳонии об (2006, шаҳри Мехико) хизмат намуд [3, 364]. Ин мавқеъгирӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон дод, ки худро ҳамчун пул байни муҳокимаҳои ҷаҳонӣ ва мушкилоти минтақавӣ муаррифӣ намояд ва масъалаи обро дар иртибот бо амнияти минтақавӣ, рушди устувор ва пешгирии муноқишаҳо ба сатҳи нави сиёсӣ барорад. Ба ин тартиб, ташаббуси эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ва чорабиниҳои пайгиронаи дар доираи он баргузоршуда нишон доданд, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об дорои хусусияти пайгирона, дурнамоӣ ва амниятсоз буда, ба таҳкими эътимод, ҳамкории бисёрҷониба ва суботи минтақавӣ мусоидат менамояд.

Аҳаммияти сиёсӣ ва амниятии ин ташаббус дар он ифода меёбад, ки он обро аз доираи масъалаи соҳавӣ берун бароварда, ба сатҳи масъалаи стратегӣ ва фаромиллӣ интиқол дод. Бо муаррифии об ҳамчун унсури калидии амнияти инсонӣ ва минтақавӣ, Пешвои миллат тавонистанд диққати ҷомеаи ҷаҳониро ба зарурати баррасии мушкилоти об дар иртибот бо сулҳ, субот ва рушди устувор ҷалб намоянд. Дар ҳамин замина, об аз як ҷониб, ҳамчун омили эҳтимолии муноқиша ва аз ҷониби дигар, ҳамчун воситаи ҳамгироии сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ гардид. Ташаббуси мазкур дар шароите садо дод, ки масъалаи норасоии захираҳои обӣ, идоракунии нобаробари онҳо ва баҳсҳои фаромарзӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ тамоюли афзоянда пайдо карда буданд. Бо дарназардошти ин воқеият, Пешвои миллат ҳамкорӣ ва ҳамгироии кишварҳои минтақа дар заминаи истифодаи оқилона ва адолатмандонаи захираҳои обиро ҳамчун омили асосии таҳкими эътимод, рушди ҳамкории бисёрҷониба ва пешгирии муноқишаҳои эҳтимолӣ арзёбӣ намуданд. Ин равиш имкон дод, ки масъалаи об дар минтақа аз доираи рақобати маҳдуд ба фазои муколама ва ҳамоҳангсозии манфиатҳо интиқол дода шавад.

Дар натиҷа, ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷонибдории васеи ҷомеаи байналмилалӣ мувоҷеҳ гардид. Қабули он аз ҷониби аксари кишварҳои узви СММ натанҳо эътирофи аҳаммияти мавзуъ, балки нишонаи эътимод ба равиши пешниҳодшудаи Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои мураккаби фаромиллӣ мебошад. Ин ташаббус ба ташаккули

рӯзномаи ҷаҳонӣ доир ба масоили об, амнияти инсонӣ ва амнияти устувори глобалӣ саҳми назаррас гузошта, Тоҷикистонро ҳамчун ташаббускори равишҳои пешгирикунандаи амниятӣ муаррифӣ намуд.

Идомаи мантиқии ин сиёсати фаъол ташаббуси навбатии Пешвои миллат дар соли 2010 гардид, ки боз ҳам дар минбари Маҷмаи Умумии СММ ироа шуда, эълони соли 2013 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об»-ро дар назар дошт [1, 10]. Мақсади асосии ин пешниҳод тақвияти мубоҳисаҳои ҷаҳонӣ доир ба идоракунии оқилона ва ҳамоҳангшудаи захираҳои об, баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангсозии сиёсати обӣ миёни кишварҳо ва пешгирии афзоиши хатарҳои амниятӣ дар заминаи захираҳои табиӣ буд. Аз дидгоҳи сиёсӣ ин ташаббус ба таҳкими фарҳанги ҳамкорӣ дар масъалаи захираҳои муштарак нигаронида шуда, бар зарурати масъулияти дастаҷамъӣ таъкид менамуд. Қабул ва дастгирии он аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ гувоҳи нуфуз ва эътимоди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сиёсати воқеъбинона ва дурбинонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин раванд бори дигар нишон дод, ки ташаббусҳои Пешвои миллат натанҳо ҷавоб ба ниёзҳои миллӣ, балки посух ба мушкилоти умумиминтақавӣ ва глобалӣ мебошанд.

Ҳамчунин, ташаббусҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва дигар майдонҳои бисёрҷониба дар самти муқовимат ба таҳдидҳои фаромиллӣ нақши муассир гузоштаанд. Ин ташаббусҳо пеш аз ҳама ба муборизаи ҳамоҳангшуда бар зидди терроризм ва ифротгароӣ, пешгирии густариши зӯроварии сиёсӣ, инчунин, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва динии халқҳои минтақаи Осиёи Марказӣ равона гардидаанд. Аҳаммияти сиёсӣ ва амниятии онҳо дар он ифода меёбад, ки Тоҷикистон масъалаҳои ҳассосро на ҳамчун мушкили як давлат, балки ҳамчун таҳдиди муштарак барои тамоми минтақа баррасӣ менамояд [9, 76-79].

Дар доираи ин майдонҳои бисёрҷониба, мавқеи Пешвои миллат ба ташаккули равиши ҳамоҳангшудаи кишварҳои минтақа мусоидат намуда, заминаи тақвияти эътимод ва ҳамкории амниятиро фароҳам овардааст. Пешвои миллат пайваста таъкид менамоянд, ки амният танҳо бо воситаҳои ҳарбӣ таъмин намегардад, балки он бояд бар асоси сиёсати дурандешона, муколамаи дипломатӣ, ҳамкории институтсионалӣ ва эҳтироми манфиатҳои тарафайн татбиқ шавад. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки сиёсати амниятии Тоҷикистон дорои хусусияти фарогир буда, аз маҳдудиятҳои равиши қудратӣ фаротар меравад [8, 87-89].

Ташаббусҳои солҳои минбаъда, махсусан аз соли 2015 оғоз ёфта, бо баррасии ҳамзамони масъалаҳои амният, рушди устувор ва таҳкими эътимоди байнидавлатӣ боз ҳам возеҳтар шакл гирифтанд. Дар ин замина,

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид (соли 2015) пешниҳод намуданд, ки масъалаи об ҳамчун ҷузъи таркибии амнияти ҷаҳонӣ ва ҳамкории минтақавӣ баррасӣ гардад [6]. Ин пешниҳод ифодаи мантиқи сиёсие буд, ки тибқи он захираҳои табиӣ, бахусус об, метавонанд ҳамзамон манбаи ҳамкорӣ ё омили низоъ бошанд.

Зимни суханронии худ Пешвои миллат бо далелҳои муътамад таъкид намуданд, ки мушкилоти вобаста ба об дар сурати набудани механизмҳои шаффофи ҳамкорӣ ва идоракунии муштарак метавонанд ба муноқишаҳои байнидавлатӣ оварда расонанд. Ин андеша аҳаммияти хос дорад, зеро дар минтақаи Осиёи Марказӣ захираҳои обӣ хусусияти фаромарзӣ дошта, истифодаи онҳо ба манфиатҳои якчанд давлат иртиботи мустақим дорад. Аз ин рӯ, пешниҳоди Тоҷикистон бар ташаккули низоми ҳамоҳангшудаи идоракунии об ҳамчун унсури муҳимми пешгирии низоъҳо равона гардидааст.

Маҳз бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирии якдилонаи беш аз 190 кишвари узви СММ, соли 2018 бо Қатъномаи Маҷмаи Умумии СММ «Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, 2018–2028”» оғоз гардид [1, 10]. Ин ташаббус натанҳо ҳамчун идомаи мантиқии даҳсолаи аввали «Об барои ҳаёт» баррасӣ мешавад, балки дар худ хусусияти мутобиқгардонӣ ба марҳалаи нави таҳдидҳои амниятӣ ва экологиро фаро мегирад. Дар доираи даҳсолаи дуюм, масъалаи об дар иртибот бо тағйирёбии иқлим, коҳиши хатарҳои экологӣ ва рушди устувор баррасӣ гардида, аҳаммияти он барои сулҳу суботи минтақавӣ боз ҳам бештар таъкид мегардад.

Дар ин замина, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» имконият фароҳам овард, ки масъалаҳои идоракунии захираҳои обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар чаҳорчӯби ҳадафҳои рушди устувор ва амнияти инсонӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор гиранд. Барои минтақаи Осиёи Марказӣ ин раванд аҳаммияти махсус дорад, зеро ҳамгироии сиёсӣ ва ҳамкории амалӣ дар соҳаи об метавонад ба коҳиши таниш ва таҳкими эътимоди байнидавлатӣ мусоидат намояд.

Соли 2021 дар шароити тағйироти ҷиддии вазъи амниятӣ, аз ҷумла хуруҷи неруҳои байналмилалӣ аз Афғонистон ва эҳёи фаъолиятҳои гурӯҳҳои ифротгаро дар марзи ҷанубии минтақа, ба миён омаданд, Пешвои миллат бори дигар дар минбарҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ҷаласаи Созмони ҳамкории Шанхай, зарурати ташаккули таҳкурсии устувори ҳамкории сиёсӣ, низомӣ ва гуманитариро барои таъмини амнияти Осиёи Марказӣ таъкид намуданд [9, 5-6]. Ин пешниҳод бар он асос ёфта буд, ки таҳдидҳои ҷанубӣ хусусияти фаромиллӣ дошта, посухи онҳо низ бояд

фарогир ва ҳамоҳангшуда бошад. Бо таъкиди хатари ворид шудани унсурҳои террористӣ ба хоки кишварҳои ҳамсарҳад, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки дар минтақаи сарҳадии Тоҷикистон бо Афғонистон, ки қисмати муҳимми сарҳади ҷанубии тамоми Осиёи Марказиро ташкил медиҳад, механизми ягонаи амниятии минтақавӣ бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ таҳия ва татбиқ гардад. Ин ташаббус Тоҷикистонро ҳамчун давлати пешсаф дар масъалаи таъмини амнияти ҷануби минтақа муаррифӣ намуда, нақши онро дар пешгирии паҳншавии таҳдидҳо тақвият мебахшад.

Бешубҳа, қисми муҳимми ташаббусҳои Пешвои миллат дар самти коҳиши таҳдидҳои амниятӣ дар ҳамбастагӣ бо сиёсати «дипломатияи об» ва “дипломатияи “сабз” ташаккул ёфтааст. Ин равиш ба ҳамгироии масъалаҳои амниятӣ ва экологӣ такя намуда, нишон медиҳад, ки сулҳу суботи пойдор бидуни идоракунии оқилона ва устувори захираҳои табиӣ имконнопазир аст. Дар Форуми оби Душанбе, ки дар он намояндагони беш аз 70 кишвари ҷаҳон иштирок намуданд, маҳз ҳамин ҳамбастагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт [1, 11]. Пешвои миллат дар ин форум таъкид намуданд, ки амнияти экологӣ ва сиёсати байналмилалӣ дар шароити муосир ба ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Аз ин рӯ, сулҳу субот дар минтақа наметавонад аз сиёсатҳои дурандешонаи идоракунии захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор ҷудо баррасӣ шавад. Ин мавқеъ бори дигар нишон медиҳад, ки ташаббусҳои пешниҳоднамудаи Тоҷикистон дорои хусусияти фарогир ва дурнамоӣ буда, ба таҳкими амнияти минтақавӣ дар дарозмуддат равона гардидаанд.

Дар давоми соли 2023 ва оғози соли 2024, Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусҳои навро дар доираи ҳамоишҳои Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Конфронси ҳамкории Осиё ироа намуд. Ин ташаббусҳо ба воқеияти нави таҳдидҳо мутобиқ буда, аз он шаҳодат медиҳанд, ки сиёсати амниятии Тоҷикистон тадриҷан ба марҳалаи нави сифатӣ ворид мегардад. Хусусияти асосии ин марҳала таваҷҷуҳ ба таҳдидҳои ғайрианъанавӣ, шабакавӣ ва иттилоотӣ мебошад, ки сарҳадҳои миллӣ онҳоро маҳдуд карда наметавонанд. Яке аз пешниҳодҳои муҳим дар ин давра ташкили «Маркази минтақавии муқовимат ба таҳдидҳои фаромиллӣ» дар шаҳри Душанбе мебошад. Моҳияти ин ташаббус дар тақвияти муборизаи ҳамоҳангшуда бар зидди терроризм, ифротгароӣ, кибертаҳдидҳо ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ифода меёбад. Хусусияти фарқкунандаи пешниҳод дар он аст, ки мубориза бо ин таҳдидҳо натанҳо дар сатҳи низомӣ, балки дар сатҳҳои иттилоотӣ, таҳлилӣ ва ҳамоҳангсозии институтсионалӣ пешбинӣ

шудааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки таҳдидҳо дар марҳалаҳои ибтидоӣ муайян ва пешгирӣ карда шаванд.

Аз лиҳози амалӣ, таъсиси чунин марказ метавонад ба платформаи ягонаи табодули иттилоот, ҳамоҳангсозии иқдомҳо ва таҳлили муштараки хатарҳо дар сатҳи минтақавӣ табдил ёбад. Барои Осиёи Марказӣ, ки бо таҳдидҳои шабакавӣ ва фаромиллӣ мувоҷеҳ мебошад, чунин механизм аҳаммияти калидӣ дорад. Ин ташаббус натанҳо ба таҳкими амнияти дохилии Тоҷикистон, балки ба тақвияти амнияти умумиминтақавӣ низ равона гардида, нақши кишварамонро ҳамчун унсури устуворсоз дар минтақа боз ҳам равшантар менамояд.

Таҳлили маҷмуии ташаббусҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки онҳо хусусияти дарозмуддат ва системавӣ дошта, танҳо ба посух додан ба вазъияти ҷорӣ маҳдуд намешаванд. Баръакс, Тоҷикистон бо пешниҳоди чунин иқдомҳо кӯшиш менамояд механизмҳои устувори пешгирии таҳдидҳоро дар сатҳи минтақавӣ ташаккул диҳад. Пешвои миллат бо ба миён гузоштани ташаббусҳои амниятӣ дар шакли пешниҳодҳои байналмилалӣ, барномаҳои ҳамкорӣ ва нақшаҳои стратегӣ, мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун иштирокчии фаъоли ташаккули рӯзномаи амниятии минтақа тақвият бахшидаанд. Дар радифи ташаббусҳои бевоситаи амниятӣ, нақши Пешвои миллат ҳамчун ташаббускори дипломатияи сулҳсоз дар равандҳои наздикшавии кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи махсус дорад [1, 33]. Пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, масъалаи муайянсозии хатти сарҳадҳо миёни давлатҳои тозабунёд бо мушкилоти ҷиддии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мувоҷеҳ гардид. Ихтилофоти марзӣ, бахусус миёни Тоҷикистону Қирғизистон ва дар баъзе мавридҳо бо иштироки дигар кишварҳои минтақа, дар муддати тулонӣ ҳамчун яке аз таҳдидҳои системавӣ ба суботи минтақавӣ арзёбӣ мешуданд.

Дар чунин фазои номуайян ва пур аз нофаҳмиҳои сиёсӣ, сиёсати хирадмандона ва мавқеи устувори Пешвои миллат, ки бар муколама, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳалли осоиштаи ихтилофҳо такя мекунад, тадриҷан ба тағйири муҳити умумии муносибатҳо мусоидат намуд. Пешвои миллат дар тамоми изҳороти расмӣ ва мулоқотҳои сатҳи олӣ пайваста бар зарурати ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ бо роҳи музокира, эҳтироми воқеиятҳои таърихӣ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ таъкид менамоянд. Ин равиш барои паст кардани шиддати сиёсӣ ва барқарорсозии эътимод байни кишварҳои ҳамсоя замина фароҳам оварад.

Тавассути истифодаи ҳамзамони механизмҳои дипломатии дуҷониба ва бисёрҷониба, Тоҷикистон тавонист ба мувозинати манфиатҳо миёни кишварҳои ҳамсоя мусоидат намуда, роҳи бастани як қатор созишномаҳо ва пешрафт дар муайянсозии хатти сарҳадҳоро ҳамвор созад. Ин раванд

таъсири мустақим ба таҳкими суботи дохилӣ дошта, ҳамзамон хатари табдил ёфтани ихтилофҳои маҳаллиро ба буҳронҳои фаромиллӣ коҳиш дод.

Натиҷаи ин сиёсати созанда ва воқеиятгароёна имрӯз дар шакли фаъол гардидани мулоқотҳои мунтазами роҳбарони кишварҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мешавад. Тоҷикистон яке аз ташаббускорони аслии ташкили Саммити сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шакли нав ба ҳисоб меравад. Ин саммит ба минбари муҳимми мувофиқсозии мавқеъҳо, таҳкими ҳамбастагии минтақавӣ ва пешбурди лоиҳаҳои муштарак табдил ёфтааст.

Дар ҳошияи яке аз чунин ҳамоишҳо, ки соли 2021 дар Туркманистон баргузор гардид, барои саҳми арзандаи Пешвои миллат дар таҳкими суботи минтақа ва эҷоди фазои ҳамкории эътимоднок ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Нишони фахрии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ” тақдим шуд. Ин иқдом натанҳо нишонаи арҷгузорӣ ба шахсияти роҳбари давлат, балки эътирофи нақши сиёсати пешгирикунанда ва сулҳовар дар фазои минтақавӣ мебошад. Таҷрибаи Тоҷикистон дар пешбурди ташаббусҳои амниятӣ ва сулҳсоз нишон медиҳад, ки арзишҳои ҳамкорӣ, эътимодсозӣ ва масъулияти муштарак дар сиёсати байналмилалӣ аҳаммияти рӯзафзун пайдо мекунанд. Ин таҷриба метавонад ҳамчун намунаи амалии равиши миллӣ дар идоракунии ихтилофоти минтақавӣ ва таҳкими ҳамгироии стратегӣ мавриди омӯзиш ва истифода қарор гирад [2].

Дар идомаи сиёсати пайгирона ва сулҳҷӯёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими муносибатҳои марзӣ ва таҳкими эътимоди байнидавлатӣ, як рӯйдоди муҳимми таърихӣ ба вуқӯъ пайваст, ки аҳаммияти он аз доираи муносибатҳои дуҷониба фаротар рафта, ба таҳкими амнияти тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири мустақим расонд. Пас аз анҷоми музокироти сеҷониба маросими имзои “Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар” ва ҳамчунин “Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ” баргузор гардид [4]. Ин санадҳои муҳимми таърихӣ дар фазои тантанавӣ аз ҷониби сарони давлатҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров ва Президенти Ҷумҳурии Узбекистон Шавкат Мирзиёев ба имзо расиданд. Имзои ин санадҳо натанҳо натиҷаи музокиротитулонӣ ва мураккаб, балки ифодаи иродаи сиёсии кишварҳо ҷиҳати ҳалли осоиштаи масъалаҳои сарҳадӣ ва гузариш аз марҳалаи ихтилоф ба марҳалаи ҳамкории устувор мебошад.

Аз дидгоҳи таҳлилӣ аҳаммияти ин санадҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо яке аз мушкилтарин ва ҳассостарин масъалаҳои пасошӯравии минтақа муайянсозии нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатиро дар асоси

музокира, созиш ва эҳтироми мутақобила ҳаллу фасл намуданд. Ин раванд ба коҳиши хавфи муноқишаҳои эҳтимолӣ, таҳкими суботи сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи эътимод байни кишварҳои ҳамсоя заминаи устувор фароҳам овард.

Дар маҷмуъ, имзои “Шартнома дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатӣ” ва “Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ” ҳамчун намунаи возеҳи татбиқи дипломатияи сулҳсоз дар амал баромад мекунад. Ин рӯйдод нишон медиҳад, ки сиёсати пайгиронаи Пешвои миллат дар самти муколама, ҳалли осоиштаи ихтилофҳо ва эҳтироми ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад ба натиҷаҳои воқеӣ ва дарозмуддат оварда расонад. Аз ин рӯ, таҷрибаи мазкур барои таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ аҳаммияти хос дошта, метавонад ҳамчун модели муваффақи танзими ихтилофоти сарҳадӣ дар дигар минтақаҳо низ мавриди омӯзиш қарор гирад.

АДАБИЁТ

1. 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / зери назари С. Аслов; ҳайати таҳририя: Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 219 с.

2. Иштирок дар Вохӯрии машваратии саронии давлатҳои Осиёи Марказӣ [Захираи электронӣ] / Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон. – Туркманистон, 06.08.2021. – URL: http://president.tj (Санаи мурочиат: 20/08/2025).

3. Қувватзода С. З. Дипломатияи об [Матн] / С. З. Қувватзода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 502 с.

4. Маросими имзои “Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар” [Захираи электронӣ] / – Гулистон, 31.03.2025. – URL: http://president.tj (Санаи мурочиат: 23.08.2025).

5. Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / – Душанбе: Контраст, 2019. – 244 с.

6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 70-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, 29 сентябри 2015 [Захираи электронӣ] /–URL: http://www.president.tj (Санаи мурочиат: 20.08.2025).

7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи 57-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, 23 сентябри 2002 [Захираи электронӣ] / – URL: http://www.president.tj (Санаи мурочиат: 20.08.2025).

8. Тошов Ҳ. Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Созмони Милали Муттаҳид дар таҳкими амнияти минтақавӣ [Матн] / Ҳ.М. Тошов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. №1 (73). – С. 87-96.

9. Тошов Ҳ. Масъалаҳои таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ [Матн] : дис. … д-ри фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050200 – сиёсатшиносӣ (6D050204–проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ) / Ҳ.М.Тошов.–Душанбе, 2025. – 190 с.

10. Эмомалӣ Раҳмон. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон: ташаббусҳо ва дурнамо [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Дониш, 2012. – 312 с.

11. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 384 с.

СТРАТЕГИЧЕСКИЕ ИНИЦИАТИВЫ ЛИДЕРА НАЦИИ КАК ФАКТОР УКРЕПЛЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

ТОШОВ ХОДЖИАКБАР МУХИДИНОВИЧ,
доктор философии (PhD), доктор по специальности политология, ассистент кафедры общественных дисциплинны ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино», 734026,
Таджикистан, город Душанбе, ул. Сино 29–31;
тел.: (+992) 300-07-90-99; -mail: akbar.00007@mail.ru

Настоящая статья посвящена научному анализу вклада Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в формирование и реализацию миролюбивой и ориентированной на обеспечение безопасности внешней политики в условиях современных геополитических и транснациональных вызовов. В центре исследования находится личная роль Лидера нации как стратегического инициатора процессов укрепления региональной стабильности и развития международного сотрудничества. Автор обосновывает, что именно политическая воля, дальновидность и сбалансированный внешнеполитический курс Лидера нации способствовали трансформации Таджикистана из уязвимого постсоветского государства в активного субъекта региональных процессов безопасности в Центральной Азии.

В статье особое внимание уделяется международным инициативам Лидера нации, прежде всего в сфере водной политики, которые рассматриваются как ключевой элемент обеспечения человеческой и региональной безопасности, а в Центральной Азии особено,

Международные десятилетия действий «Вода для жизни» и «Вода для устойчивого развития», а также провозглашение «Международного года сотрудничества в области водных ресурсов» оцениваются как наглядные примеры превентивной дипломатии. Показано, что данные инициативы вывели водную проблематику за рамки отраслевого подхода, придав ей стратегическое и политико-безопасностное измерение. Реализация этих инициатив способствует формированию атмосферы доверия, развитию многостороннего сотрудничества и снижению конфликтного потенциала в регионе.

Наряду с этим в статье анализируется вклад Лидера нации в укрепление регионального взаимодействия, мирное урегулирование приграничных вопросов, активизацию политического диалога между государствами Центральной Азии и продвижение комплексного подхода к обеспечению безопасности. Анализ приводит к выводу о том, что политическое лидерство и международные инициативы уважаемого Эмомали Рахмона способствовали формированию имиджа Таджикистана как центра миротворческих и стабилизирующих инициатив, обладающих значимой теоретической и практической ценностью для изучения современной региональной политики.

Ключевые слова: *Лидер нации, Эмомали Рахмон, внешняя политика, региональная безопасность, Центральная Азия, миротворчество, международные инициативы, водная дипломатия, устойчивое развитие, региональное сотрудничество, политическая стабильность.*

STRATEGIC INITIATIVES OF THE LEADER OF THE NATION AS A FACTOR IN STRENGTHENING REGIONAL SECURITY IN CENTRAL ASIA

TOSHOV HOJIAKBAR MUHIDINOVICH,
Doctor of Philosophy (PhD) in Political Science Assistant Lecturer,
Department of Social Sciences SEI “Avicenna Tajik State Medical University”
734026, Tajikistan, Dushanbe city, Sino str. 29-31;
tel.: (+992) 300-07-90-99: e-mail: akbar.00007@mail.ru

This article provides a scholarly analysis of the contribution of the Founder of Peace and National Unity – Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan, His Excellency Emomali Rahmon, to the formation and implementation of a peace-oriented and security-driven foreign policy amid contemporary geopolitical and transnational challenges. The study focuses on the personal role of the Leader of the Nation as a strategic initiator of regional stability and international cooperation. The author argues that the political will,

strategic foresight, and balanced foreign policy approach of the Leader of the Nation enabled Tajikistan to transform from a vulnerable post-Soviet state into an active actor in regional security processes in Central Asia.

Particular attention is devoted to the international initiatives of the Leader of the Nation, especially in the field of water policy, which are examined as a key component of human and regional security. The International Decades for Action "Water for Life" and "Water for Sustainable Development," as well as the proclamation of the "International Year of Water Cooperation," are assessed as prominent examples of preventive diplomacy. The article demonstrates that these initiatives elevated water issues from a sectoral concern to a strategic and security-related agenda, contributing to trust-building, the development of multilateral cooperation, and the reduction of conflict potential in the region.

In addition, the article examines the contribution of the Leader of the Nation to strengthening regional cooperation, the peaceful settlement of border-related issues, the activation of political dialogue among Central Asian states, and the promotion of a comprehensive security approach. The study concludes that the political leadership and international initiatives of His Excellency Emomali Rahmon have positioned Tajikistan as a center of peacebuilding and security-enhancing initiatives, possessing significant theoretical and practical value for the study of contemporary regional politics.

Keywords: *Leader of the Nation, Emomali Rahmon, foreign policy, regional security, Central Asia, peacebuilding, international initiatives, water diplomacy, sustainable development, regional cooperation, political stability.*

УДК: 32.019.5:316.48

НИЗОИ СИЁСӢ ВА ТАҲҚИҚИ ТАБИАТИ ИДЕОЛОГИИ ОН

ҚУРБОНОВ БАХТИЁР,
омӯзгори кафедраи сиёсатшиносӣ ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Тоҷикистон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Ҳувайдуллоев 1;
тел: (+992) 907-06-60-60.

Дар мақола муаллиф низои сиёсиро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ таҳқиқ намуда, табиати идеологии онро кушода додааст. Ҳамзамон, муаллиф асоснок менамояд, ки назарияи «низои сиёсӣ» моҳияти амнияти воқеиро дар бисёр ҳолатҳо инъикос карда метавонад. Бештари мутахассисони илмҳои ҷомеашиносӣ барои ба эътидол овардани низоъҳои сиёсӣ ба психологияи идора намудани низоъҳо, хусусан, дар вақти шиддатнокии онҳо, таваҷҷуҳи зиёдтар зоҳир менамоянд. Дар бисёр ҳолатҳо барои муътадил гардонидани вазъ ва идора намудани шиддати сахти низоъҳо усули миёнаравӣ, гуфтушунид ва содироти ҳукмномаҳои махсусро раво медонанд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин масъала ҳалли асосии низоро таъмин карда наметавонанд. Ин як ҳолати муваққатие мебошад, ки дар илми низоъшиносӣ барои нигоҳ доштани вақт, оташбас ва нигоҳ доштани низоъ аз шиддат гирифтани он мебошад. Дар ҳолати дигар идора кардани низоъ ва оҳиста-оҳиста ба эътидол овардани он ба фарҳангсолории мардум ва сарварони сиёсӣ вобастагӣ дорад.

Калидвожаҳо: *низои сиёсӣ, табиати идеологии низоъ, Тоҷикистон, Афғонистон, мафҳумҳои «моҷаро», «низоъ», «кашмакашӣ», «балво», таъсири сиёсӣ, муносибатҳои сиёсӣ, бархурди яроқнок, низоъҳои дохилӣ, низои байни тоҷикон, гурӯҳҳои мухолиф.*

Масъалаи низоъҳои сиёсӣ ва омӯзиши табиати онҳо натанҳо барои давлати ҷудогона, ба мисли Тоҷикистон, Афғонистон ва дигарон мубрам аст, балки ҳамзамон, он дар сатҳи умумӣ ҳам мубраму муҳим ба шумор меравад. Чунки ҷараёни гузариши низоъҳои сиёсӣ дар олами муосир беш аз пеш, хосияти шадид ва умумӣ гирифта истодааст, ки метавонад вазъро дар кишварҳои аз манбаи низоъ хеле дур ҳам ноором созад.

Низои сиёсӣ муборизаи мақсадноки субъектҳои ҷамъиятӣ бо манфиатҳо, арзишҳо ва мақсадҳои мухталиф дар системаи муносибатҳои ҳокимият, ҳукмронӣ ва роҳбарии сиёсӣ мебошад. Мафҳуми «низои сиёсӣ» муборизаи як қувваи ҷомеа бо қувваи муқобили дигар ҷомеа барои нуфуз дар идораҳои ҳокимияти давлатӣ, барои роҳ ёфтан ба қабули қарорҳои

аҳаммияти умумидошта, барои ширкат дар сариштакунии захираҳо ва дигаронро ифода мекунад.

Муҳаққиқи маъруф Самеэл Ҳантингтон менависад: «Ман гумон мекунам, ки дар олами пешомада истода сарчашмаи асосии низоъ аллакай на идеология ва на иқтисодиёт мешавад. Сарҳадҳои асосии ҷудокунандаи инсоният ва сарчашмаи бештари низоъҳоро маданият (тамаддун) муайян мекунад. Миллат–давлат симои асосии амалкунанда дар корҳои байналмилалӣ мегардад, вале низоъҳои аз ҳама асосии сиёсати умумибашарӣ дар байни миллат ва гурӯҳҳои ба тамаддунҳои гуногун мансуббуда сурат мегирад. Бархурди тамаддунҳо омили асосии сиёсати ҷаҳонӣ мегардад. Хатти тарқиш дар байни тамаддунҳо ин хатти низоъҳои оянда хоҳад гашт» [9, 33-49].

Агар инро ба асос гирем, метавон гуфт, ки низоъ дар Тоҷикистон ҳануз дар охири солҳои 80-ум ва ибтидои 90-уми асри гузашта сар зада истода буд. Ошкорбаёнӣ ва тағйироти демократӣ ба зиёиён имкон доданд, ки сарваронеро ба майдон оваранд, ки нияти барои ҳокимият мубориза бурдан доштанд ва истиқлолро басо саросемавор қабул карданд. Вале саркардаҳои онвақтаи роҳбарикунанда инро эътироф кардан намехостанд ва бо ҳар восита кӯшиш мекарданд, ки бо чунин рӯйдод чун бо рақобати сиёсӣ мубориза баранд. Роҳбарияти сиёсии ҳамонвақта кӯшиш накард, ки низои сиёсии пайдошударо ҳал намояд, дар натиҷа, низоъ ба марҳалаи хатарнок, яъне, ба рақобати ошкорои идеологии тарафҳо расид.

Дар қиёси баъзе кишварҳои ҳамсоя, ки дар он ҷойҳо барои дар майдони сиёсӣ маҳдуд ва нест кардани воқеии ҳамагуна ҳизбҳо, ҷунбишҳои мухолифин, новобаста аз барномаи идеологию сиёсиашон фаъолона қадам мегузоранд, дар Тоҷикистон, баръакс, бисёр ҳизбҳои мухолиф низ дар сохтори Ҳукумат пешниҳод шуданд. Бисёре аз онҳо дар интихоботи гузаштаи парлумонӣ ширкат варзида, курсиҳои депутатиро дар идораи қонунгузорӣ соҳиб гардиданд ва худро чун ҳизби парлумонӣ нишон доданд, аммо аз мақсадҳои махуфи идеологии худ даст накашиданд.

Дар Тоҷикистон дар доираи фаъолияти Ассотсиатсияи сиёсатшиносони озод ва Шурои ҷамъиятӣ механизми гуфтугӯйи дурусти ҳокимияти сиёсӣ бо дигар қувваҳои ҷамъиятию сиёсӣ ба кор андохта шуда буд [5,142]. Вале ҳамаи гуфтаҳои боло маънои онро надорад, ки дар Тоҷикистон ба шарофати расидан ба сулҳ, зарфияти низоъовари ҷамъиятӣ худ аз худ аз байн рафт. Ҳаргиз не, он фақат хосияти тартиботии худро ба параметрҳои позитсиявии сохторӣ, ки вобаста ба омилҳои барангезандаи онҳо барои худ ҷалби захираҳои ҳокимиятии муайяни давлатро талаб мекунанд, иваз намуд.

Низои сиёсӣ, чи тарзе ки бошад, ошкоро ё ниҳонӣ сабаби идеологӣ дорад. Ҳарчанд омили идеологиро баъзе ҷомеашиносон ба назар нагирифта, мегӯянд, ки дар тақобули сиёсӣ нақши асосӣ надорад, он вазифаи муҳимми ташкилотчигӣ ва сафарбарнамоиро иҷро мекунад. Аммо ин тавр нест, таҳқиқи табиати идеологии пайдоиши низоъҳо нишон медиҳад, ки идеология дар кадом вазъе бошад, ба зеҳну тафаккури мардум таъсиргузор аст. Он ба як қатор тарафҳои низоъ қувват мебахшад. Тасаввур намоед, ки идеологияи Ҳизби Наҳзати Исломӣ чи гуна мардуми Тоҷикистонро ба гирдоди ҷанги таҳмилӣ ворид кард ва дар натиҷа, ба миллат ва давлати мо мо зарару хисороти сангин расонид.

Дар ин маврид пажуҳишгар М.Хидирзода қайд менамояд, ки “низоъ ҳамчун зуҳуроти ҷамъиятӣ мазмуни аслии иҷтимоии худро дар он дараҷа ва мазмун ва дар он ҳолате , ки он мегузарад… Низоъ дар дилхоҳ зуҳуроти сиёсӣ ҷойи худро дорад” [10, 24]. Албатта, муаллиф хеле моҳирона ва мантиқан мазмуни аслии иҷтимоии низоъро асоснок намуда, ҷой доштани низоъро дар ҳама равандҳои сиёсӣ инкор намекунад.

Ҳамин тавр, низои сиёсӣ муқовимати мақсадноки ҷамъиятии субъектҳо бо манфиатҳои сиёсии муқобили арзишҳо ва мақсадҳои системаҳои муносибатҳои ҳокимияти сиёсӣ ва идоракунӣ мебошад.

Фаҳмиши мафҳуми “низои сиёсӣ” маънои онро дорад, ки “муборизаи як қувваи ҷамъиятӣ бо муқобили дигар қувва барои дараҷаи таъсиррасонӣ дар ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад. Ин ҳама барои дастрасӣ доштан ба ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ барои бартарияти андеша ва ғояҳои худ аст” [3.121].

Ҳамин тавр, назарияи низоъшиносӣ нишон медиҳад, ки низои сиёсӣ ин гуногунрангии низои иҷтимоист, ки дар шароитии мубориза барои ҳокимият сарзада, доираи таъсири сатҳи эътибори захираҳои ҳокимиятро дар бар мегирад. Низоъ, ҳамчун падидаи сиёсӣ, вобаста ба вазъ, ҳолати воқеӣ ва шарҳу баёни мафҳум, моҳият ва таснифоти он таърихи тулониро дар бар мегирад. Чунонки дар боло қайд гардид, назарияпардозон ин мафҳумро бо паҳлуҳои гуногун, шакл ва навъҳои мухталиф мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додаанд, вале то ҳанӯз ба як хулосаи мушаххас ва як қоидаи умумӣ барои ҳама наомадаанд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, низоъ як бархурдест, ки дар бисёр ҳолатҳо оқибати он ба ҷанг оварда мерасонад ва баъдан онро мо низои сиёсӣ ва ё иҷтимоӣ қаламдод намуда, сатҳу шиддатнокии онро муайян мекунанд. Моҳияти низоъ ҳам ба худ фаҳмиши дуҷониба дорад. Якум, агар мо низоъро як бархурди ду ҷониб қабул намоем, ки оқибати он ба ҷанг бурда мерасонад, ин воқеат аст. Дуюм, низоъро дар бисёр кишварҳои пешрафта ба ҳайси як усули сунъӣ низ истифода мебаранд. Онҳо низоъро ба амал

оварда, методу усулҳои гуногуни пешгирии онро меомӯзанд. Яъне, низоъ андохтан барои онҳо яке аз масъалаҳои ҳалли низоъ ба шумор меравад.

Инъикоси низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ ва то нуқтаи охир дар шакли назариявӣ ва идеалӣ расонидани онҳо, дилхоҳ идеологияе, ки инсонро ҳамчун фарди ҷамъиятӣ дар амалиёти оммавӣ ҳамчун иқтидори сафарбаркунӣ омода месозад. Низоъҳои сиёсӣ дар баъзе ҳолатҳое, ки сарчашмаи идеологии диниро ба худ моил мегардонанд, яке аз сарчашмаҳои асосии низои байни тоҷикон, ки Тоҷикистонро дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба ҷангу кашмакашиҳо оварда расонид. Албатта, ҳар як низои сиёсӣ ба худ хосияти худро дорад. Масалан, дар самти сарзадани низоъ, шароит ва сабаби ба вуқуъ омадани низоъ, шароит ва таъсир расонидани субъекти низоъро бояд ба назар гирифт.

Дар шакли ба вуқуъ омадани низоъ, онҳо бо чунин навъҳо тақсим карда мешаванд: кушода, пинҳонӣ ва зарфиятӣ (потенсиалӣ). Аммо, новобаста ба шаклу навъе, ки дар маҷмуъ, онҳоро низои сиёсӣ муаррифӣ менамоянд, онҳо ҳамеша вобастаю пайваста ба мафҳуми амният мебошанд.

Мафҳумҳои «амният» ва «низои сиёсӣ» бо ҳам алоқамандии зич дошта, яке ҳолати баамаломадаро таҳти назорат нигоҳ медорад ва дигаре раванди бархурди ду тарафи бо ҳам муқобилро ба амал меорад. Мавриди қайд аст, ки ҳолатҳои аҳаммияти амалии амниятро дар баъзе мавридҳо низоъ муайян карда метавонад. Ҳолатҳои муайян намудани сабабу натиҷаҳои таъмини амниятиро дар марказҳои таҳқиқотии Ғарб бо методу усулҳои мухталиф санҷишҳо мегузаронанд. Баъзан онҳо низои сунъӣ сохта, вазъ ва ҳолати коро муайян месозанд. Аз ин рӯ, масъалаи робитаи таъмини амният ва низои сиёсӣ яке аз мушкилоти методологие ба шумор меравад, ки ҳалли илмӣ ва амалиро вобаста ба низоъҳои нави ҷаҳонӣ тақозо дорад.

Баҳсҳои илмӣ вобаста ба шаклҳои низоъ дар илмҳои сиёсӣ хеле гуногун арзёбӣ мегарданд, ба мисли низоъҳои эҳсосотии идорашаванда, доктринаи идеологӣ ва институтҳои сиёсӣ. Албатта, ҳамаи онҳо бевосита ба низои сиёсӣ вобастаю пайваста буда, зарурати ташкили ҳаёти муштараки эътирофшударо ба вуҷуд меорад. Бинобар ин, воситаи махсуси танзими муносибатҳо ба манфиати амният, сиёсат мешавад.

Бояд қайд кард, ки низоъ дар маконе ба вуқуъ меояд, ки дар он ҷо бархурди манфиатҳои неруҳои иҷтимоӣ дида мешавад. Чунонки пажуҳишгар А.Дмитриев нишон додааст: «Низои иҷтимоӣ муқобилате мебошад, ки ҷонибҳои он барои ба даст овардани ҳудуд ва манбаъҳо кӯшиш намуда, ба фардҳои алоҳида ва гурӯҳҳои мухолиф, ба моликият ва фарҳанги онҳо тавре таҳдид менамоянд, ки чунин мубориза ё дар шакли ҳуҷум ва ё дар шакли дифоъ зоҳир мегардад» [2 59].

Аз лиҳози назариявӣ муайян гардидани табиати низоъҳои синфӣ, корӣ ва байнидавлатӣ, ҳамчунин, низоъҳои этникӣ низ дар маркази диққати таҳлилгарон қарор дорад. Муқоисаи низоъҳои этникӣ нишон медиҳад, ки онҳо низ дар қатори низоъҳои сиёсӣ дохил шуда, вобаста ба бархурд ва меъёрҳои ду ҷониб муайян карда мешаванд.

Сабабҳои пайдоиши низоъҳои этникӣ, дар навбати худ, низои бо навъҳои дигари низоъ алоқамандӣ пайдо менамояд. Таҳлили равандҳои этнополитикӣ нишон медиҳанд, ки низоъҳои этникӣ доираи васеи мардумро фаро мегирад. Вобаста ба ин пажуҳишгар Г.Тавадов чунин менависад: «Низои этникӣ доимо падидаи сиёсӣ мебошад, зеро барои расидан ба мақсадҳои миллӣ ва ҳалли як қатор масъалаҳо дар соҳаҳои фарҳангию забонӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, одатан, истифодаи роҳу усулҳои сиёсӣ зарур шуморида мешавад» [9, 308-309].

Муҳаққиқ З.Сикевич дар робита ба ин менависад, ки «вазъияти низоӣ ва оромии ҷомеа таносуби тағйирёбандаи фазои сиёсӣ ва этникии мамлакат буда, то кадом дараҷа устувор будани системаи сиёсӣ аз тарзи инъикоси онҳо вобаста мебошад» [7,43]. Масалан, дар замони ҳукумати шуравӣ бадарға намудани немисҳо, қалмиқҳо, чеченҳо, қримтоторҳо ва дигарон ба дигар минтақаҳо ба ин мисол шуда метавонанд.

Бояд гуфт, ки низоъҳои этнополитикӣ аз миллатгароӣ низ вобастагии калон доранд. Баъзан нухбагони (элитаҳои) миллӣ барои ҳимояи манфиатҳои сиёсии худ аз дину мазҳаб ва ниҳодҳои динӣ истифода мебаранд, ки чунин вазъият шиддати байнимиллиро тезутунд мегардонад. Ҳар он чи ки ба низои байни тоҷикон вобастагӣ дорад, он ҳам бо каме фарқ заминаи асосии худро аз замони шуравӣ гирифтааст. Бесабаб нест, ки идеологҳои замони шуравӣ ба хотири беҳтар идора намудани минтақаҳои зери таъсирашон, тақсимоти ҳудудҳоро бо дарназардошти омезиши этникӣ анҷом дода буданд. Ҳамин аст, ки баъди фурӯпошии ин давлати абаркудрат дар собиқ кишварҳои пасошуравӣ, то ҳанӯз низоъҳои мухталиф, аз ҷумла низоъҳои байнисарҳадӣ, ба амал меоянд, ки дар маҷмуъ, онҳоро низои сиёсӣ мешуморанд.

Ҳатто дар забони тоҷикии имрӯзаи мо низ баҳсҳои гуногун нисбати истифодаи ин мафҳум мавҷуд аст. Масалан, мафҳумҳои «моҷаро», «низоъ», «кашмакашӣ», «балво» ва ғайра истифода бурда мешаванд. Ҳамзамон, имрӯз мутахассисони касбӣ ба механизми танзими самараноки низои сиёсӣ чунин масъалаҳоро ворид менамоянд:

– оштӣ тавассути ниҳодҳо ва мақомоти муйян;

– миёнаравӣ ва арбитраж.

Дар оғоз низои байни тоҷикон дар шакли пинҳонӣ мегузашт, дар дараҷаи шахс ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар шакли ҳизбҳои муқобил ва

ҳаакатҳои «чап» ва «рост», ки бештар дар партави дигаргуниҳои нави иҷтимоию сиёсӣ гузаронида мешуданд. Бояд гуфт, ки одатан, дар амалияи сиёсӣ ҳокимият кӯшиш менамояд, ки байни оммаи мардум ва халқ бархурдеро ба амал наорад, зеро будани чунин низоъ алакай дар фазои сиёсӣ нобоварӣ ва андешаҳои гуногунро ба вуҷуд меоварад.

Мавриди тазаккур ат, ки ба амал омадани низоъ байни ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ дар замони ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, инчунин, хусусияти онро дошт, ки дар он яке аз детанаторҳои асосии низои сиёсӣ–сиёсати расмии роҳбарияти ҳамонвақтаи давлатӣ ҳам буд. Онҳо натавонистанд, ки дар раванди муътадилгардонии вазъ кори дурустеро ба анҷом расонанд. Дар бисёр ҳолатҳо ба фиребу найранги ҳизбҳои иртиҷоӣ гиифтор шуда буданд.

Дарвақеъ, низоъҳои сиёсӣ дар бисёр мавридҳо дар долонҳои ҳокимият ба амал меоянд. Оппозитсия бошад, ин фурсати муҳимро хеле маккорона истифода намуда, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз низои ташкилкарда фоидае ба даст оварад. Албатта, талаби онҳо дар сояи музокироти сиёсӣ ба даст овардани мансаб ва ё ҳокимият мебошад. Аз ҳама зиёдтар онҳо мехоҳанд ва масъул мешаванд , ки ягон воқеаи нохуш, мисли аз байн бурдани касе, зарар расонидан ва ё ҷанг андохтан, комёб шаванд.

Ҳамин тавр, нишондиҳандаи асосӣ будани низои сиёсӣ ташаннуҷи иҷтимоист. Дар байни дигар низоъҳои иҷтимоию сиёсӣ низои сиёсӣ бо хусусиятҳои бевоситаи худ фарқ мекунад. Хусусан, бо объекти ҷалби иштирокчиёни онҳо, чунин объект ҳамеша хоҳиш ва ниёз ба қудрат мебошад. Аз ин рӯ, пайдо шудани навъҳои гуногуни низоъҳои сиёсӣ ба миён меояд.

Якум, низоъҳо метавонанд бо таъсири тарафҳои гуногун як мавқеъ (позитсия) дар системаи муносибатҳои ҳокимият ба вуҷуд ояд. Гап дар бораи он меравад, ки дар мансабҳои баланди давлатӣ, ки танҳо онҳо метавонанд таъсири худро ба ҷомеа расонанд.

Дуюм, низоъҳои сиёсӣ дар ҷое ба амал меоянд, ки объекти ҷалбкунанда, майдони таъсири сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ бошад.

Сеюм, низоъҳои сиёсӣ метавонанд дар шароите пайдо шаванд, ки гурӯҳи дигар барои азхуд намудани мақом ва майдони худ таъсиргузор бошад ва ба амали ғайриқонунии ҳокимияти расмӣ мувоҷеҳ гарданд [6, 177, 178].

Ҳамин тавр, низоъҳои сиёсӣ ҳамеша ба низои арзишҳо ҳамроҳ мешаванд. Инчунин, низоъҳои сиёсӣ аз дигар навъҳои низоъ бо хусусиятҳои бевосита фарқ мекунанд, аз бархурди яроқноки рӯйирост то истифодаи тадбирҳои пинҳонӣ муқобили душман.

Низоъҳои дохилӣ дар қатори дигар хусусиятҳояшон боз метавонанд проблемаҳои иқтисодиро ба миён оранд ва дар бисёр ҳолатҳо нақши хеле муҳим дар пайдо шудани бесарусомониҳои шаҳрвандӣ ба бор меоранд.

Дар дигар ҳолатҳо «низоъҳои дохилӣ, пеш аз ҳама, метавонанд низоъҳоро дар ҳамсоякишварҳо ба вуқуъ оранд. Замоне, ки намояндагони як миллат дар сарҳад зиндагӣ мекунанд, тақсимоти гурӯҳи миллӣ яке аз роҳбарии хуби низоъ мешавад» [1,132,135]. Дар соҳаи «ба танзим даровардани низоъҳои сиёсӣ, баръакс, таваҷҷуҳи хеле зиёд ба муносибати техникии муътадил гардонидани низоъҳо дар доираи васеи ҳолатҳо ва хеле кам корҳои худиро ба назарияҳои методологии низоъҳо вобаста медонанд» [8, 34].

Хулоса, низоъҳои сиёсӣ дар ҷомеа метавонад дар ҳар гуна вазъи иҷтимоию сиёсӣ пайдо гарданд. Баъзан, онҳо ба таври сунъӣ аз ҷониби ҳокимият ё мухолифин (оппозитсия) бо мақсадҳои мушаххас метавонанд сохта шаванд. Онҳо дар дохили давлат бо ҳолати сиёсӣ хеле зич алоқамандӣ доранд. Инчунин, аз таъсири беруна хеле вобаста мебошанд. Баъзан, низоъҳои сиёсӣ ба буҳрони давлатдорӣ оварда мерасонанд, ки мо онро дар мисоли ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст дарк намудаем.

АДАБИЁТ

1. Гурра Т.Р. Народы против государств: этнополитический конфликт и изменяющаяся мировая система//Интэрнешнл стадиз квортерли. Менишинства под угрозой. – 1994. – С.132-135.

2. Дмитриев А.В. Социальный конфликт. Общее и особенное. –М., 2002. –С.59.

3. Махмадов А.Н. Низои сиёсӣ ва ҷомеаи муосир (тачрибаи Точикистон). – Душанбе, 2003. – С. 24.

4 Олимова С., Олимов М. Исламская Партия Возрождения в межтаджикском конфликте и его урегулирование. //Центральная Азия и Кавказ.–200, №1(13). –С.142.

5. Пушкарева Г.В. Политология: Краткий курс лекций. – М.: Юрайт-изд-во, 2003. – Сс.177-178.

6. Сикевич З.В. О соотношении этнического и социального // Журнал социологии и социальной антропологии. –Т.II. –1999. –№2. –С.43.

7. Рос М.Г. Управление конфликтом: интерпретации и интересы в сравнительной перспективе//Урегулирование конфликта.–Вашингтон-Москва, 1997. – С.34

8. Тавадов Г.Т. Этнология. –М., 2002. –С.308-309

9. Хантингтон С. Дар ҳамон ҷо.–С.33–49.

10. Хидирова М.У. Конфликт и лидерство в современных условиях (на материалах РТ). – Душанбе. 2004. – С.77.

ПОЛИТИЧЕСКИЙ КОНФЛИКТ И ИЗУЧЕНИЕ ЕГО ИДЕОЛОГИЧЕСКОЙ ПРИРОДЫ

КУРБОНОВ БАХТИЁР,
преподаватель кафедры политологии и международных отношений
Бохтарского государственного университета имени Носири Хусрава
735140, Таджикистан, город Бохтар, ул. Хувайдуллоева 1;
тел: (+992) 907-06-60-60.

В данной статье автор рассматривает политический конфликт как социально-политическое явление и раскрывает его идеологическую природу. Одновременно автор утверждает, что теория «политического конфликта» может отражать сущность реальной безопасности во многих ситуациях. Большинство социологов проявляют все больший интерес к психологии управления конфликтами, особенно в периоды повышенной напряженности, с целью стабилизации политических конфликтов. Во многих случаях они считают посредничество, переговоры и издание специальных указов наиболее подходящими методами стабилизации ситуации и управления интенсивностью конфликтов.

Однако анализ показывает, что этот вопрос не может обеспечить фундаментальное решение конфликта. Это временная ситуация, которая в исследованиях конфликтов используется для того, чтобы выиграть время, установить перемирие и предотвратить эскалацию конфликта. В других случаях управление конфликтом и его постепенная стабилизация зависят от культурного лидерства населения и политических лидеров.

Ключевые слова: *политический конфликт, идеологическая природа конфликта, Таджикистан, Афганистан, понятия «конфликт», «борьба», «бунт», политическое влияние, политические отношения, вооруженный конфликт, внутренние конфликты, межтаджикский конфликт, оппозиционные группы*

POLITICAL CONFLICT AND THE STUDY OF ITS IDEOLOGICAL NATURE

KURBONOV BAKHTIYOR,
Teacher of the Department of Political Science and International Relations, Nosiri Khusrav Bactrian State University.
735140, Tajikistan, Bokhtar city, Khuvaydulloev str., 1
tell: (+992) 907-06-60-60

In this article, the author examines political conflict as a socio-political phenomenon and reveals its ideological nature. At the same time, the author argues that the theory of "political conflict" can reflect the essence of real security in many situations. Most sociologists are showing increasing interest in the psychology of conflict management, especially in periods of heightened tension, with the aim of stabilizing political conflicts. In many cases, they consider mediation, negotiation, and the issuance of special decrees to be the most appropriate methods for stabilizing the situation and managing the intensity of conflicts.

However, analysis shows that this issue cannot provide a fundamental solution to the conflict. It is a temporary situation that is used in conflict studies to buy time, establish a truce, and prevent the conflict from escalating. In other cases, conflict management and gradual stabilization depend on the cultural leadership of the population and political leaders.

Keywords: *political conflict, ideological nature of conflict, Tajikistan, Afghanistan, concepts of "conflict," "struggle," "rebellion," political influence, political relations, armed conflict, internal conflicts, inter-Tajik conflict, opposition groups*

УДК: 32. 327

ТАҲЛИЛИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ ВА МОҲИЯТИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ МИНТАҚАВӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

(*дар ҳошияи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 16 декабри соли 2025*)

АЗИМЗОДА ТАБАССУМ СОБИРНАЗАР,
унвонҷӯйи Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 27;
тел.: (+992)-110-82-92-92; e-mail:devashtich2024@gmail.com

Дар мақола аҳаммият ва моҳияти Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 16 декабри соли 2025 дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ ироа шуд, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф ҳадафҳои стратегии кишварро таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки ояндаи наздик Тоҷикистон аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо шуда, ҷойгоҳи таърихии худро дар Роҳи Бузурги Абрешим эҳё ва ҳифз менамояд. Ҳамчунин, Тоҷикистон ояндаи наздик ба "ҳукмрони марказӣ"-и содиркунандаи неруи барқи обӣ дар минтақа табдил ёфта, бо амалӣ шудани ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар зиндагии шоистаи мардум фароҳам оварда мешавад. Ҳамзамон, муаллиф моҳияти равандҳои сиёсии минтақаи Осиёи Марказиро таҳлил намуда, изҳор медорад, ки ҳамеша манфиат объекти "муқаддас"-и созмону давлатҳои бонуфузу қудратгаро буд ва мемонад. Муаллиф Тоҷикистонро давлати ташаббускор қайд карда, принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Пешвои миллатро баланд арзёбӣ намудааст. Ӯ иқдомҳои бузурги навбатии Пешвои миллатро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода, аҳаммияти муҳим ва зарурати татбиқи онҳоро таъкид кардааст.

Калидвожаҳо: *ҳадафҳои стратегӣ, "Эъломияи Хуҷанд", Консепсияи сиёсати хориҷӣ, ҳамгироии минтақавӣ, дипломатияи фарҳангӣ, рақобатҳои геосиёсӣ, буҳрони Афғонистон, буҳрони Сурия, терроризм, экстремизм, ташаббусҳои милливу ҷаҳонӣ.*

Санаи 16 декабри соли 2025 Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳузури аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ниҳодҳои давлатӣ, намояндагони давлатҳои хориҷӣ, созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ ироа гардид. Аслан, муҳтавои Паёми навбатиро самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ фаро гирифта, ҳам ба шахсони расмиву давлатӣ ва ҳам ба тамоми шаҳрвандони дохиливу хориҷӣ дахл дорад. Паёмҳои Пешвои миллат

аз солҳои 2000 то ба ҳол ба мардуми Тоҷикистон пешниҳод мегарданд. Паёми роҳбарияти олии кишвар ҳам санади расмиву роҳнамоии идорӣ ва ҳам ҳисоботи марҳалавӣ дар назди халқ мебошад.

Паёми навбатии Президенти муҳтарами кишвар таҳлили сиёсати дохиливу хориҷиро дар даҳ соли охир дарбар мегирифт. Сарвари давлат сиёсати муваффақонаи мамлакатро аз солҳои 2015 то 2025 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор доданд. Пешвои миллат дастоварду натиҷаҳои сазоворро дар ин марҳала зикр карда, вазъу мушкилоти ояндаро дақиқ муайян намуда, пешниҳоду супоришҳоро баҳри рафъи онҳо баён карданд. Аз ин лиҳоз, “Паём санади расмии давлатист, ки мақоми расмии ҳуқуқӣ ва барои ниҳодҳои давлатӣ моҳияти роҳнамоӣ дорад” [1,139].

Таҳлили ҳадафҳои стратегӣ ва моҳияти сиёсати хориҷии минтақавӣ дар шароити муосир, пеш аз ҳама, ба дарки моҳияти тағйирёбандагии муҳити сиёсии минтақавӣ ва байналмилалӣ, афзоиши мураккабии муносибатҳои сиёсии хориҷӣ ва бархурди манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва тамаддунӣ такя мекунад. Сиёсати хориҷии минтақавӣ ҳамчун як зерсистема ё бахши мушаххаси сиёсати хориҷии давлат дар доираи назарияҳои асосии муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла реализм, неореализм, либерализм ва конструктивизм, ҳамчун воситаи ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ дар фазои муайяни ҷуғрофӣ ва сиёсӣ арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин, минтақа натанҳо як фазои ҷуғрофӣ, балки маҷмуи робитаҳои устувори сиёсӣ, иқтисодӣ, амниятӣ ва фарҳангист, ки давлатҳоро ба ҳам мепайвандад ва онҳоро ҳамзамон ба ҳамкорӣ ва рақобат водор месозад.

Ҳадафҳои стратегӣ дар сиёсати хориҷии минтақавӣ, пеш аз ҳама, ба таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ равона мешаванд. Дар шароити муосир, ки таҳдидҳо хусусияти фаромиллӣ касб кардаанд, аз ҷумла терроризм, экстремизм, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, таҳдидҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, давлатҳо маҷбуранд сиёсати хориҷии минтақавии худро натанҳо дар асоси дифоъи ҳарбӣ, балки бо дарназардошти амнияти фарогир ва ҳамкории дастаҷамъона татбиқ намоянд. Аз ин ҷиҳат, ҳадафи стратегӣ натанҳо пешгирии таҳдидҳои мустақим, балки ташаккули муҳити устувори сиёсӣ ва амниятӣ дар минтақа мебошад, ки барои рушди устувори давлатҳо замина фароҳам меорад.

Моҳияти сиёсати хориҷии минтақавӣ инчунин, дар ҳифз ва тақвияти мавқеи геополитикии давлат зоҳир мегардад. Дар шароити рақобати қудратҳои бузург ва минтақавӣ барои таъсиргузорӣ ба минтақаҳои калидӣ, ҳар як давлат мекӯшад бо истифода аз воситаҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва сиёсати “неруи нарм” ҷойгоҳи худро дар низоми минтақавӣ мустаҳкам намояд. Ин раванд ба ташаккули иттиҳодҳо, шарикони стратегӣ ва механизмҳои ҳамоҳангсозии манфиатҳо оварда мерасонад, ки дар онҳо сиёсати хориҷии

минтақавӣ ҳамчун василаи тавозуни манфиатҳо ва пешгирии бархурдҳои шадид истифода мешавад.

Ҳадафи муҳимми дигари стратегӣ рушди иқтисодии устувор тавассути ҳамкории минтақавӣ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавии сиёсат ва вобастагии мутақобилаи иқтисодӣ, давлатҳо наметавонанд рушди худро танҳо дар чорчӯбаи миллӣ таъмин намоянд. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии минтақавӣ ба густариши робитаҳои иқтисодӣ, рушди инфрасохтори муштарак, савдои минтақавӣ, энергетика ва нақлиёт равона мегардад. Ин равиш натанҳо манфиатҳои иқтисодиро таъмин мекунад, балки вобастагии мутақобиларо афзоиш дода, эҳтимоли муноқишаҳои сиёсиро коҳиш медиҳад. Нуктаи аз ҳама муҳимро дар робита ба ин масъалаи муҳимми инкишофи муносибатҳои сиёсии минтақавӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ ироа намуданд: *«Мо фаъолияти байналмилалии худро ба хотири тавсеаи равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанба бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон бар пояи усулҳои эътимод, эҳтироми манфиатҳои ҳамдигар ва сиёсати «дарҳои кушода» минбаъд низ идома хоҳем дод»* [8].

Дар сатҳи консептуалӣ, моҳияти сиёсати хориҷии минтақавӣ инчунин, бо ҳувияти сиёсӣ ва фарҳангии давлат иртиботи зич дорад. Конструктивизм таъкид мекунад, ки манфиатҳои миллӣ танҳо аз омилҳои моддӣ барнамеоянд, балки аз арзишҳо, меъёрҳо ва тасаввуроти муштараки минтақавӣ шакл мегиранд. Аз ин лиҳоз, сиёсати хориҷии минтақавӣ метавонад ҳамчун воситаи ташаккули ҳувияти минтақавӣ, густариши эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ миёни давлатҳо баромад кунад, ки асоси онро дар Паёми навбатии Пешвои миллат – *«...ҳамкориҳои гуногунҷанба бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон бар пояи усулҳои эътимод, эҳтироми манфиатҳои ҳамдигар... идома хоҳем дод»* [8].

Ҳадафҳои стратегӣ, асосан, дар ду сатҳ: сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ татбиқ карда мешаванд. Воқеан, Тоҷикистон тайи даҳсоли охир ба як қатор дастовардҳои муҳимми стратегии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсиву амниятӣ, ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар самти татбиқи сиёсати хориҷии минтақавӣ ва байналмилалӣ, ноил гардидааст.

Якум, бо талошу тадбирандешиҳои пайвастаи Пешвои миллат ҳадафҳои стратегии кишвар муайян шуда, батадриҷ татбиқ гардида истодаанд. Хусусан, Ҳукумати мамлакат тайи даҳ соли охир дар самти ҳадафҳои стратегии раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлоли энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат қадамҳои ҷиддӣ, бунёдӣ ва устувор гузошта истодааст. Мо ин ҷо ба дастовардҳои омории овардашуда аз Паём таваққуф накарда, танҳо ҳаминро таъкид карданӣ ҳастем, ки инсони огоҳу бохирад аз раванди заҳмату татбиқи ин ҳадафҳо ошно мебошад. Тайи даҳсоли охир барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ сохтану таъмири роҳу

шоҳроҳ ва пулҳои пайвасткунанда аз Душанбе ба Рашту Лахш, Кӯлобу Бохтар, Бадахшон, Турсунзода далели бебаҳс мебошанд. Чунин ҷараёни таъмиру азнавсозии роҳу шоҳроҳ ва пулҳои стратегии кишвар дар минтақаҳои мухталифи вилояти Суғд низ идома доранд.

Аз нигоҳи ҷуғрофӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи стратегии пайвасткунандаи Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ қарор дорад. Аз далелҳои таърихӣ маълум аст, ки минтақаи мо ҳамеша дар Роҳи Бузурги Абрешим нақши муҳим дошт. Давлати мо ояндаи наздик бо бунёду азнавсозии роҳу шоҳроҳҳо ва татбиқи лоиҳаҳои ҳамгироии хусусияти минтақавию байналмилалӣ дошта, ҷойгоҳу манзалати таърихии худро эҳё ва ҳифз хоҳад кард. Тавре коршиносон изҳор медоранд: “Ба шарофати ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ сиёсати хирадмандонаву созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ба амри воқеӣ табдил ёфт. Зеро ин ибтикороти Пешвои миллат дар роҳи пайвастан ба ҷаҳон таввасути роҳҳои Тоҷикистон корсозиҳои таърихии аҷдодамонро ба хотир меоварад, ки аз тариқи Роҳи Бузурги Абрешим пули иқтисодӣ ва фарҳангиро байни Шарқу Ғарб бунёд ниҳода буданд” [13, 26].

Дар ин марҳалаи давлатдорӣ бо чораҷӯйиҳои бевоситаи Пешвои миллат бо сарфи маблағи беш аз 60 млрд. сомонӣ неругоҳҳои барқии обии “Қайроқум” ва “Норак” таҷдиду навсозӣ гашта, бо техникаву технологияҳои нави замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд. Воқеан, тайи чанд соли охир ин неругоҳҳо барои мо хидмат карда, фарсудаву корношоям гардида буданд, бо таҷдиду навсозии навбатӣ умри садсоларо ба онҳо бахшидем. Дар ин марҳала ба сохтмони бузурги аср, яъне НБО-и “Роғун” оғоз карда, ду агрегати он ба кор шуруъ намуд. Дар сентябри соли 2027 агрегати сеюми неругоҳи мазкур ба кор оғоз карда, кишвари мо ба истиқлоли пурраи энергетикӣ хоҳад расид.

Бо фаъол шудани НБО-и “Роғун”, Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба “ҳукмрони марказӣ”-и содиркунандаи неруи барқи обӣ табдил меёбад. Бемуболиға, бунёди Неругоҳи барқи обии “Роғун” ҳам Тоҷикистон ва ҳам чанд кишвари минтақаи Осиёи Марказиву Ҷанубиро бо барқ таъмин хоҳад кард. Давлати Тоҷикистон бо фаъол шудани ин неругоҳ назми обу барқи минтақаро бевосита зери назорати сиёсиву техникӣ қарор хоҳад дод. Барои тасдиқи назари мо, “санаи 16 ноябри соли 2018-ум Пешвои миллат дар суханронии худ дар маросими оғози кори чархаи якуми Неругоҳи барки обии “Роғун” ишора ба ин масъалаи муҳим намуда, зикр карданд, ки “Роғун” бо истифода аз манбаи таҷдидшавандаи истеҳсоли неру ва барқи аз лиҳози экологӣ тозаи худ ба ҳамаи кишварҳои минтақа хизмат карда, обанбори он барои танзими захираи об, хусусан, дар солҳои камобиву хушксолӣ, накши бузург хоҳад бозид” [7, 7].

Бо ҳидояту супоришҳои Пешвои миллат сохтмони ду неругоҳи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт – 250 мегаватт дар вилояти Суғд ва 250 мегаватт дар вилояти Хатлон оғоз гардида, то моҳи августи соли 2026 ба истифода супорида мешаванд [8]. Албатта, дар ин самт Ҳукумати мамлакат лоиҳаву нақшаҳои миёнамуддату дарозмуддат дошта, ояндаи наздик ба ҳадафи иқтисоди "сабз" ноил хоҳем гашт. Тибқи маълумот "неругоҳҳои миёна дар ҳавзаҳои дарёҳои Вахш, Зарафшон ва Варзоб бо суръати баланд идома доранд" [9, 47].

Татбиқи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар замоне оғоз гардид, ки Тоҷикистон ба низоми саноативу кишоварзӣ авлавияти хос дод. Дар ин марҳала молу маҳсулоту захираҳои табиӣ дар корхонаҳои саноатии ватанӣ коркард шуда, барои дохил таъмин гардида, ба содирот бароварда мешаванд. Дар натиҷа, бахши саноативу иқтисоди миллии кишвар қавӣ гардида, шаҳрвандони мо бо ҷойи кору фаъолияти доимӣ таъмин шуда, шароити зиндагии шоистаро барои худ муҳайё менамоянд. Пешвои миллат ёдоварӣ карданд, ки тайи ҳафт соли охир беш аз 2600 корхонаи муҳимми саноатӣ таъсису бунёд гардиданд. Тибқи маълумот. дар доираи стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои миёнамуҳлату дарозмуддати кишвар дар ояндаи наздик садҳо корхонаҳои саноатии зарурӣ таъсису бунёд хоҳанд гашт ва ин, албатта, дар соли 2027 бо ба даст овардани истиқлоли энергетикии кишвар пайвастагии стратегӣ дорад.

Дар марҳалаи ояндаи давлатдорӣ бо ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии болозикр замони зиндагии шоиставу боистаи мардуми тоҷик фароҳам оварда мешавад. Дар ин раванд саҳми Ҳукумати мамлакат ҳамчун маркази идоракунанда бисёр муҳим буда, заҳмату боварӣ ва сабру таҳаммули шаҳрвандони мо низ калидӣ хоҳанд буд. Бо татбиқи ҳадафҳои стратегӣ давлат тавоно шуда, шаҳрвандони кишвар ба саодат расида, самаранокии ҳокимият беш аз пеш амалӣ мегардад.

Дуюм, дар моҳи марти соли 2025 маъракаи сиёсии муҳимми кишвардорӣ, яъне интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳу баҳои баланди дохилӣ ва байналмилалӣ баргузор гардиданд.

Бо шарофати сиёсати хирадмандона ва роҳбурдии Пешвои миллат мушкилоти марзӣ, ки тайи сад соли охир вазъияти водии Фарғонаро ҳамчун "нуқтаи доғи геополитикӣ" дар ҷаҳону минтақа муаррифӣ мекард, ҳалли худро пайдо намуд. Давлати Тоҷикистон бо Қирғизистон хатти сарҳадро муайян ва аломатгузорӣ карда, дар сатҳи мақомоти дахлдори ду ҷониб тасдиқ намуданд.

Бо ҳалли мушкилоти марзии Тоҷикистону Қирғизистон чандин "сенарияҳои ноамнкунии минтақа" аз ҷониби давлатҳои манфиатхоҳ ном

гардиданд. Геополитикону минтақашиносони Ғарбу Шарқ дар осору таҳлилҳои сиёсии худ водии Фарғонаро аз нигоҳи баҳсҳои марзӣ, бархурди манфиатҳо ва низоъҳои этникӣ меомӯхтанду медонистанд. Ин буд, ки бо иродаи қавии Пешвои миллат ва бедахолати тарафи сеюми манфиатхоҳ баҳси марзиро бо Қирғизистон ҳал карданд. Бо ҳамин, суботу амнияти водии Фарғона таъмин шуда, дар ҳамгироии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ қадаму марҳалаи навбатӣ гузошта шуд.

Дар шароити имрӯз омилҳои минтақавии гуногуне вуҷуд доранд, ки барои манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оянда хатарҳо эҷод хоҳанд, аз ҷумла: наздикии Тоҷикистон ба минтақаҳои хушунатбор, манбаъҳои зуҳури терроризм, марказҳои таълими ифротгароӣ ва маҳалҳои тавлиди воситаҳои нашъадор ва тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои террористӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ дар минтақа [5]. Хушбахтона, бо иродаи қавии сиёсии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз омилҳои минтақавӣ, яъне масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи марзҳо миёни кишварҳои минтақа, ки метавонист ба манфиатҳои миллии мо таҳдиду хатар офаранд, ҳалли худро ёфтанд.

Таҳти роҳбарии Пешвои миллат Шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ба имзо расид, ки ин худ рӯйдоди таърихӣ ба ҳисоб рафта, рамзи иттиҳоду сарҷамъии ҳамсоякишварҳоро дар ин минтақа бозгӯй менамояд. Ин дастоварди навбатӣ дар ҳудуди кишвари мо низ рӯй дода, дар таърихи сиёсии се кишвар ҳамчун “Эъломияи Хуҷанд” сабт хоҳад гашт.

Дар соли 2025 кишвари мо нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳоро баргузор намуд. Ин чорабинии муҳимми байналмилалӣ дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ба шумор меравад. Дар соли 2025 бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қатъномаҳои махсуси СММ доир ба «Ҳифзи пиряхҳо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ», «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» ва эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» қабул гардиданд [8]. Бешубҳа, имрӯз Тоҷикистонро ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ташаббусҳои пайвастаи башарии Роҳбарияти олии мо шинохта, эътироф карда ва эҳтиром мегузоранд. Тоҷикистон тайи ду даҳсолаи охир ҳамчун давлати ташаббускор дар самти обу иқлим эътироф шуда, имиҷи мусбати минтақавӣ ва ҷаҳонии худро шакл додааст. Аз ин лиҳоз, дар шароити имрӯза ҳифзи ин ному ҷойгоҳ барои давлати мо дорои аҳаммияти фарҳангиву дипломатӣ, иқтисодӣ ва сиёсиву амниятӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи назари коршиносон: “Дар шароити афзояндаи ноустувории геополитикӣ ва иқлимӣ нақш ва ташаббусҳои Эмомалӣ Раҳмон равиши ҳамгирошудаи системавиеро нишон медиҳад, ки стратегияи сиёсӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва дипломатиро дарбар мегирад. Дар саромади ташаббуҳои Асосгузори сулҳу Ваҳадти миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дипломатияи экологии "сабз" ҷойи махсусро ишғол мекунад. Таҳти роҳбарии Сарвари давлат ташаббусҳои ҷаҳонӣ: аз эълон гардидани “Соли байналмилалии ҳифзи об” (2013) ва Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, то қарорҳо оид ба ҳифзи пиряхҳо – Соли байналмилалии пиряхҳо (2025) ва Даҳсолаи амал барои илмҳои яхшиносӣ– солҳои 2025-2034 пешбарӣ гардиданд. Ин ташаббусҳо пешсафи Тоҷикистонро дар сиёсати байналмилалии иқлим таъмин намуда, мутамарказиятро ба амнияти экосистемаи Осиёи Марказӣ ва ташаббуси барномаҳои илмӣ ва амалӣ оид ба мушоҳида ва мутобиқшавӣ мебошад” [6, с.317].

Сеюм, Ҷумҳурии Тоҷикистон ду даҳсолаи охир сиёсати хориҷии худро бештар дар асоси “Консепсияи сиёсати хориҷӣ” ба роҳ монда, татбиқ карда истодааст. Ёдовар мешавам, ки “Консепсия ин санади сиёсиест, ки принсипҳои асосӣ, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти манфиатҳои миллии дарозмуддати кишвар муайян ва танзим менамояд” [5]. Воқеан, давлати мо дар шароити муосир “афзалиятҳои сиёсати хориҷии худро бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои волои миллӣ муайян ва амалӣ менамояд”. Албатта, муҳтавои сиёсати хориҷии мо дар доираи матни Консепсия маҳдуд нагардида, вобаста ба моҳияти равандҳои геосиёсиву геоиқтисодии зиндаи имрӯз пайваста мавриди бозбинӣ қарор мегирад. Ҳамзамон, сиёсати хориҷии мо бо ченакҳои сиёсии ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи давлат, инчунин, барои ҳифзу татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳимми милливу давлатӣ дигаргун хоҳад гашт. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тайи се даҳсолаи охир дар самти сиёсати хориҷӣ бештар дар доираи сиёсати “дарҳои боз” ва аз “прагматизми том” кору фаъолият менамоянд. “Яке аз вижагиҳои мумтози сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои боз»-и эълонамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули «дарҳои боз» мусоидат ба он намуданд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ андозад. Тоҷикистон имрӯз дар арсаи сиёсати ҷаҳон симои хосси хешро дорад ва ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст” [10, 21].

Авлавиятҳои сиёсати хориҷии давлати мо аз дипломатияи дуҷониба, дипломатияи бисёрҷониба, дипломатияи иқтисодӣ, дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи об, дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона ва дипломатияи иттилоотӣ иборат мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тайи ду даҳсолаи охир

сиёсати хориҷии мо дар самти дипломатияҳои дуҷонибаву бисёрҷониба, иқтисодиву ҳамкорӣ дар соҳаи об ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст.

Ба назари мо, дар самти сиёсати хориҷӣ дар оянда имконият ва тавоноии давлат ба дипломатияи фарҳангиву башардӯстона ва иттилоотӣ авлавияти бештар дода шавад, зеро имрӯз равандҳои ҷаҳонишавӣ ё ҷаҳонишудан босуръат рушд ёфта, давлатҳои миллии рӯ ба инкишофро бо арзишҳои ғайриахлоқиву ғайрифарҳангӣ рӯ ба рӯ кардааст. Албатта, пушти ин равандҳои сиёсии ҷаҳонишавӣ давлатҳои абарқудрат бо иқтисоди қавӣ ва тавоноии геосиёсӣ қарор гирифтаанд. Давлати мо метавонад дар муқобили ин равандҳои ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо арзишҳои фарҳангиву ахлоқии халқи тоҷик, тамаддуни қадима ва давлати миллии дунявиро дар дохил беш аз пеш ниҳодина намуда, ҳамкориҳои фарҳангию башардӯстонаро низ тавсеаву тақвият бахшад. Чунки, имрӯзҳо “фарҳангхарию фарҳангфурӯшӣ” низ имрӯз серхаридор буда, ба мавҷудияти ҳувияти фарҳангӣ таҳдид менамояд. Ин масъала кулли миллатҳо ва давлатҳоро ба ташвиш овардааст” [12, 34].

Аллакай Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт се иқдоми бузурги миллӣ анҷом доданд. Бо дастури бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби муқаддаси дини ислом–Қуръон ба забони тоҷикиву ҳарфи кириллӣ тарҷумаву баргардон шуда, 3 миллиону 200 ҳазор нусха китоби «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ чоп ва ба аҳолии мамлакат ройгон туҳфа карда шуданд. Ҳамзамон, Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ иқдоми дигари бузурги миллиро анҷома дода, супориш доданд, ки ояндаи наздик дар шаҳри Душанбе “Конун тамаддуни ориёӣ” ва “Маркази байналмилалии Наврӯз” таъсис дода шаванд. Тавре Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ таъкид доштанд, амалӣ намудани иқдомоти зикршуда, *“анъанаҳои давлатдории гузаштагони ориёии мо, ки дар таърихи башарият нақши мондагору таъсиргузор бозидаанд, асоси ҳувият ва асолати мо– тоҷикон мебошанд”* ва инчунин, *“истифодаи онҳо барои тарбияи наслҳои оянда” ва ҳамзамон “далели раднопазири таъриху фарҳанги беш аз шашҳазорсолаи мо–тоҷикон мегардад”* [8]. Ин иқдомҳои навбатии Пешвои миллат дар замони муосир бисёр саривақтӣ ва зарурати эҳё ва ҳифзи онҳо барои мо ҳаётӣ ба шумор мераванд, зеро “агар кас гузаштаи аҷдоди худро надонад, инсони комил нест” [14, 33].

Ин шабу рӯз таҳлил ва ояндабинии падидаву равандҳои сиёсии ҷаҳон мушкил гардида истодааст. Дар баробари ин, дидгоҳу назари инсонҳо низ ба арзишҳои миллӣ тағйир ёфта, бештар зери таъсири ҷаҳонбиниву афкори бегона майл доранд. Албатта, дар ин равандҳо нақшу ҷойгоҳи назария, стратегия ва консепсияҳои геополитикии давлатҳои абарқудрат таъсири бештар дошта, дар баъзе ҳолатҳо ҷойгузини арзишҳои миллии мардум ва

давлатҳои мухталиф мегарданд. Бинобар ин, бисёр саривақтист, ки кӯшиш намоем миллати тоҷикро дар муқобили ин гуна бархурдҳои ҷаҳонӣ аз назари сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ мутобиқ гардонем ва ҳатман дар маркази пазиришу мутобиқшавӣ арзишҳои миллиро дар сатҳи аввал гузорем.

Давлати мо дар сиёсати хориҷӣ бо такя ва афзалият додан ба дипломатияи фарҳангиву башардӯстона ва иттилоотӣ оянда метавонад чунин вазифаҳои муҳимму ҳаётии миллиро иҷро намояд:

–ҳимояи фаъолонаи ҳуқуқ, манфиатҳо ва эътибори шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа тавассути эҷоди заминаҳои фарогири ҳуқуқӣ ва тавсеаи ҳузури консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаҳои иқомати шаҳрвандони кишвар дар хориҷа;

–дастгирии ҳуқуқӣ ва фарҳангию маърифатии ҳамватанони бурунмарзӣ дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусоидат ба иттиҳоди ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҳифзи вежагиҳои этнофарҳангӣ, аз ҷумла забони модарӣ дар чаҳорчӯбаи қонунҳои кишварҳои будубоши онҳо;

–мусоидат ба фаъолияти созандаи Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон ҷиҳати таҳкими робитаҳои кишвар бо ҳамватанони бурунмарзӣ, ҷалби зарфиятҳои онҳо барои рушди ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ ва маънавиву фарҳангӣ, эҷоди ҳусни таваҷҷуҳ ва муносибати хайрхоҳона ба Тоҷикистон ва мардуми он аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва доираҳои сиёсии байналмилалӣ;

–мусоидат ба фароҳам овардани шароити фарогару муносиб барои будубош ва сафарҳои шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон ҷиҳати рушди туризми байналмилалӣ ва ҷалби сайёҳон ба мамлакат;

–мусоидат ба роҳандозии муколамаи байни тамаддунҳо ва динҳо бо такя ба таҷриба ва саҳми таърихии тоҷикон дар ташаккули таҳаммулгароии динӣ ва тамаддунӣ [5].

Методы и инструменты исследования. GIS-анализ был применен для пространственной оптимизации размещения торговых точек в г. Душанбе, что позволило выявить зоны с высокой плотностью населения и низкой обеспеченностью торговыми объектами, а также минимизировать логистические издержки за счет рационального распределения ресурсов. Эконометрическое моделирование использовалось для количественной оценки влияния интеграционных процессов на ключевые экономические показатели, такие как ВРП региона, уровень занятости и товарооборот, с учетом данных за 2019–2023 годы, предоставленных Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан [1]. Адаптация международного опыта проводилась с учетом специфики местного рынка, такой как преобладание наличных расчетов, сезонные колебания спроса и

ограниченная цифровая инфраструктура, что потребовало модификации стандартных KPI-систем и логистических схем. Методика оценки конкурентоспособности розничных сетей основывалась на синтезе финансовых (рентабельность, доля рынка), операционных (внедрение цифровых технологий, эффективность логистики) и социальных (индекс удовлетворенности покупателей) критериев, что обеспечило комплексный анализ их интеграционного потенциала в региональную экономику [2].

Результаты и обсуждение исследования.

В настоящее время, некоторые авторы считают, что высокая концентрация торговых точек в центре Душанбе при дефиците на периферии, технологическое отставание и низкая доля локальных поставщиков (15%) ограничивают развитие сектора [8].

В своей работе Мараимова Б.М. [3] рассматривает динамику розничной торговли в Таджикистане, отмечая её устойчивый рост и вклад в ВВП страны. Для Таджикистана это означает, что внедрение цифровых технологий в розничную торговлю может повысить её эффективность и конкурентоспособность. Ключевые факторы успеха включают развитие инфраструктуры, повышение цифровой грамотности населения и привлечение инвестиций в цифровые платформы [14].

Исследование Львии Ф. [12] демонстрирует, что интеграция в региональные цепочки создания стоимости может стать мощным инструментом экономического развития для Таджикистана. Однако для реализации этого потенциала необходимы целенаправленные меры по улучшению инфраструктуры, институтов и доступа к международным рынкам.

Рамазанов И.А. с соавторами [13] исследуют трансформацию ритейла под влиянием цифровизации. Основные аспекты, значимые для Таджикистана: внедрение цифровых технологий в традиционные торговые сети, развитие omnichannel-стратегий (сочетание офлайн и онлайн каналов), использование big data для анализа потребительского поведения, внедрение безналичных платежных систем. Авторы подчеркивают необходимость адаптации глобальных трендов к местным условиям, что особенно важно для развивающихся экономик, к которым относиться и экономика Таджикистана.

Исследование Андреева О. с соавторами [9] анализирует взаимосвязь между онлайн-ритейлом и региональным экономическим развитием. Авторы выявили, что развитие цифровых торговых платформ способствует: росту предпринимательской активности в регионах, созданию новых рабочих мест, улучшению логистической инфраструктуры, повышению доступности товаров для удаленных

районов. Эти выводы особенно актуальны для Таджикистана, где развитие электронной коммерции может помочь преодолеть географическую разобщенность регионов.

В статье Чернякова М.К., Мухторзода С.С. и Тулиева М.С. [6] рассматриваются ключевые аспекты развития цифровой экономики в сфере услуг Таджикистана. Авторы выделяют следующие важные моменты для розничных торговых сетей: развитие электронной коммерции как драйвера роста региональной экономики, внедрение цифровых платежных систем для повышения финансовой доступности, использование big data для оптимизации ассортимента и логистики, необходимость подготовки кадров для работы с цифровыми технологиями. Особое внимание уделяется проблемам: низкий уровень цифровой грамотности населения, недостаточное развитие интернет-инфраструктуры в регионах, правовые пробелы в регулировании электронной торговли.

Повышение качества обслуживания в розничной торговле требует комплексного подхода, включающего внедрение CRM-систем для персонализации взаимодействия с клиентами и системный мониторинг удовлетворенности потребителей через индексы CSI (Customer Satisfaction Index), что позволяет создать адаптивную систему управления сервисом на основе данных и повысить лояльность целевых групп.

Для повышения эффективности и конкурентоспособности розничных торговых сетей в г. Душанбе рекомендуется реализовать меры, указанные на рис. 1.



Рисунок 1 – Практические рекомендации по развитию розничной торговли для г. Душанбе.

Реализация данных мер (рис. 1) в комплексе позволит сформировать в г. Душанбе адаптивную розничную экосистему, соответствующую

принципам цифровой экономики и обеспечивающую устойчивый рост отрасли на 12-15% ежегодно.

Цифровая трансформация розничной торговли требует комплексного подхода, интегрирующего технологические решения (GIS-анализ, CRM-системы, автоматизированную логистику), организационные модели (кластерное взаимодействие, франчайзинговые схемы) и развитие цифровых компетенций персонала, что особенно актуально для условий г. Душанбе с учетом специфики местной инфраструктуры и покупательского поведения.

Горизонтальная интеграция розничных торговых сетей в условиях г. Душанбе предполагает объединение однотипных торговых предприятий в единые сетевые структуры с общими стандартами управления, логистики и ассортиментной политики. Данная форма интеграции позволяет достичь эффекта масштаба за счет централизованных закупок, оптимизации складских запасов и снижения операционных издержек, что особенно важно в условиях цифровой трансформации экономики. При этом ключевым инструментом реализации горизонтальной интеграции выступает франчайзинговая модель [8].

Вертикальная интеграция розничных торговых сетей в контексте г. Душанбе предполагает формирование устойчивых цепочек взаимодействия между сетевыми операторами и местными производителями товаров, что позволяет сократить логистические издержки, обеспечить стабильность поставок и повысить конкурентоспособность локальной продукции.

1. Создание прямых договорных отношений между торговыми сетями и таджикскими производителями сельхозпродукции, текстиля и других товаров, что соответствует выводам о факторах устойчивого развития. Это снизит зависимость от импорта и усилит региональную экономическую связность.

2. Развитие собственных торговых марок на базе местных производств, что не только повысит маржинальность сетей, но и создаст стимулы для модернизации малых и средних предприятий республики.

3. Внедрение цифровых B2B-платформ для автоматизации закупок, что ускорит взаимодействие и обеспечит прозрачность цепочек поставок.

Реализация кластерной модели интеграции обеспечит повышение оборачиваемости товаров на 20-25% и усилит конкурентоспособность местных торговых сетей благодаря синергетическому эффекту масштаба, оптимизации логистических цепочек и снижению операционных издержек [10].

Представленная таблица 1 систематизирует три ключевые модели взаимодействия (горизонтальную, вертикальную и кластерную),

детализируя для каждой из них сущностные характеристики, реализуемые механизмы и достигаемые экономические эффекты, что в совокупности формирует методологическую основу для оптимизации управления сетевыми структурами в условиях цифровой трансформации и региональной специфики г. Душанбе [7].

Таблица 1

Классификация форм интеграции розничных торговых сетей

Форма интеграции	**Суть**	**Инструменты**	**Эффект**
Горизонтальная	Объединение однотипных торговых предприятий	- Франчайзинг - Стандартизация управления - Централизованные закупки	- Снижение операционных издержек - Увеличение рыночной доли - Повышение конкурентоспособности
Вертикальная	Взаимодействие с поставщиками и производителями	- Прямые контракты с локальными производителями - Развитие собственных торговых марок - Внедрение B2B-платформ)	- Сокращение логистических затрат - Поддержка региональной экономики - Стабильность поставок
Кластерная	Создание торгово-логистических узлов	- Совместное использование инфраструктуры - Координация ассортимента на основе данных - ГЧП для развития хабов	- Ускорение оборачиваемости (+20-25%) - Оптимизация товаропотоков - Синергия участников кластера

Примечание: Все формы интеграции взаимодополняют друг друга и могут комбинироваться для максимального эффекта в условиях цифровой трансформации экономики и урбанизации г. Душанбе.

Эти факторы взаимосвязаны–например, цифровизация (технологический фактор) усиливает эффект от оптимизации логистики (экономико-географический фактор).

Таблица 2.

Факторы интеграции розничных торговых сетей

Факторы интеграции	**Суть**	**Инструменты**	**Эффект**
Экономико-географические	Пространственная организация торговых сетей, учитывающая урбанизацию и транспортную доступность	– GIS-анализ размещения – Оптимизация логистических маршрутов - Зонирование торговых зон	– Повышение покрытия рынка – Снижение транспортных издержек на 15-20% - Улучшение доступности товаров
Институциональные	Нормативно-	- Налоговые льготы	- Стимулирование

	правовая и финансовая поддержка интеграционных процессов	для интегрированных сетей - Программы развития торговой инфраструктуры - Стандартизация требований к участникам	кооперации с местными производителями - Повышение инвестиционной привлекательности - Ускорение оформления разрешительных документов
Технологические	Внедрение цифровых решений для управления цепочками поставок	- B2B-платформы для закупок - Системы анализа покупательского спроса - IoT для мониторинга товаропотоков	- Рост оборачиваемости на 20-25% - Снижение логистических затрат - Повышение точности прогнозирования спроса
Социально-экономические	Учет покупательской способности и региональных особенностей спроса	- Адаптация ассортимента к локальным предпочтениям - Программы лояльности для местных жителей - Поддержка местных производителей	- Увеличение лояльности покупателей - Рост доли локальных товаров до 30% - Улучшение качества обслуживания (CSI +10 пунктов)

Схема (рис. 2) реализует логически завершенный пятиэтапный процесс оптимизации – от первичного сбора данных (включая GIS-анализ и цифровой аудит) до постоянного мониторинга результатов с возможностью корректировки, что обеспечивает системный подход к решению проблем размещения.



Рисунок 2–Блок-схема алгоритма оптимизации размещения розничных торговых сетей.

Каждый этап схемы напрямую соотносится с конкретными разделами диссертационного исследования, обеспечивая научную обоснованность принимаемых решений.

Итеративный характер и адаптивность: предусмотренный механизм обратной связи (возврат от мониторинга к этапу анализа) превращает схему в динамическую самонастраивающуюся систему, способную оперативно реагировать на изменения рыночной конъюнктуры и цифровой инфраструктуры г. Душанбе.

Оптимальное размещение создает технические предпосылки для успеха розничной сети, но ее реальная конкурентоспособность определяется совокупностью финансовых, операционных и социальных факторов. Поэтому следующий логический шаг после пространственного анализа – разработка методики оценки конкурентоспособности, которая объединит географические, экономические и маркетинговые данные в единую систему управленческих решений.

Результаты GIS-анализа показали, что торговая сеть «Диёр» имеет недостаточное покрытие в южных районах Душанбе, где наблюдается высокий спрос при низкой конкуренции. Однако даже при оптимальном размещении ее показатели рентабельности остаются ниже средних по

рынку. Это указывает на необходимость не только территориальной экспансии, но и комплексной оценки конкурентоспособности, включая анализ ценовой политики, ассортимента и логистики. Таким образом, переход от пространственной оптимизации к оценке конкурентоспособности позволяет выявить не только «где» открывать новые магазины, но и «как» повысить их эффективность в региональной экономике.

Целью предлагаемой методики является комплексная оценка конкурентоспособности розничных торговых сетей г. Душанбе в контексте их интеграции в региональную экономику, что предполагает решение следующих задач: определение ключевых факторов конкурентоспособности, разработку системы количественных и качественных показателей, а также апробацию методики на примере ведущих сетей ("Ёвар", "Реал Трейдинг", "SHIEVER", "B1", "Диёр") для выявления их конкурентных преимуществ и зон развития.

Методологическая основа данной методики базируется на синтезе ключевых теоретических концепций: теории конкурентных преимуществ М. Портера (для анализа факторов рыночного позиционирования), модели "7P" маркетинга (в части комплексной оценки продукта, цены, места, продвижения, персонала, процессов и физического окружения), а также интегрального подхода, объединяющего финансовые, операционные и социальные показатели (табл. 3) в единую систему оценки конкурентоспособности розничных торговых сетей.

Таблица 3

Система показателей для оценки конкурентоспособности розничных торговых сетей

Группа критериев	**Показатели**	**Методы расчета**
1. Финансово-экономические	- Оборот розничной торговли (млн сомони)	Статистическая отчетность, данные налоговых органов
	- Рентабельность продаж (%)	Чистая прибыль/Выручка×100
	- Доля рынка (%)	Оборот сети/Оборот рынка региона×100
2. Операционные	- Плотность размещения магазинов (ед./км²)	GIS-анализ
	- Уровень логистической эффективности (сроки поставки, % отсутствия дефицита)	Данные цепочек поставок
	- Внедрение цифровых технологий (наличие онлайн-продаж, мобильных приложений)	Экспертная оценка (0–5 баллов)
3. Социальные и качественные	- Индекс удовлетворенности покупателей (CSI)	Анкетирование (шкала 1–10)

	- Уровень ценовой доступности (соотношение с среднерыночными ценами)	Сравнительный анализ ценников
	- Вклад в региональную экономику (% локальных поставщиков)	Объем закупок у местных производителей/Общий объем закупок×100

***Примечание*:** *Предложенная система показателей обеспечивает комплексную оценку конкурентоспособности розничных сетей за счет сочетания финансовых, операционных и социально-качественных критериев, что позволяет выявить сильные и слабые стороны их интеграции в региональную экономику.*

Разработанная система показателей (табл. 3), охватывающая финансово-экономические, операционные и социально-качественные аспекты деятельности розничных сетей, требует четкого механизма обработки данных, что реализуется через последовательный алгоритм оценки, включающий: сбор и верификацию исходных данных, их нормализацию для сопоставимого анализа, расчет интегрального индекса конкурентоспособности с учетом весовых коэффициентов, и финальное ранжирование сетей по уровню их конкурентного потенциала.

Интеграция розничных торговых сетей в региональную экономику г. Душанбе представляет собой сложный многофакторный процесс, требующий комплексного подхода и координированных действий со стороны всех заинтересованных сторон.

Ключевыми барьерами на пути интеграции розничных торговых сетей в региональную экономику г. Душанбе выступают: недостаточный уровень цифровизации бизнес-процессов, низкая доля местных производителей в товарном ассортименте и недостаточно развитая логистическая инфраструктура, что требует комплексного подхода к решению этих проблем.

Основными драйверами развития интеграции розничных торговых сетей в региональную экономику г. Душанбе являются растущий потребительский спрос, стремительное развитие цифровых технологий, реализация государственных программ поддержки малого и среднего бизнеса, а также повышение инвестиционной привлекательности региона, что создает благоприятные условия для ускоренного развития сектора.

Практическое внедрение вышеупомянутых мероприятий заключается в его важности для органов государственной власти при реализации программ социально-экономического развития, а полученные результаты представляют ценность для бизнес-структур при формировании стратегий ее развития.

Кроме того, исследование имеет значение для научных учреждений, занимающихся дальнейшими исследованиями в области региональной экономики и интеграционных процессов.

ЛИТЕРАТУРА

1. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Статистический ежегодник Республики Таджикистан за 2024 год. https://istmat.org/node/69014.

2. Валеева Ю.С. (2024). Теория и методология развития услуг розничных торговых сетей. Монография. М.: КноРус, 179 с. https://www.litres.ru/book/uliya-valeeva-251191/teoriya-i-metodologiya-razvitiya-uslug-roznichnyh-tor-70022968/.

3. Мараимов, Б. М. (2014) Основные направления развития розничной торговли в Республике Таджикистан. Вестник Педагогического университета, 3-1(58), с. 235-238. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osnovnye-napravleniya-razvitiya-roznichnoy-torgovli-v-respublike-tadzhikistan.

4. Мухторзода, С. С., Черняков, М. К. Торговые сети в условиях цифровой трансформации. Экономика XXI века . Сборник материалов IV Международной научно-практической конференции в рамках Десятилетия науки и технологий в Российской Федерации, Новосибирск, 12–13 декабря 2024 года, с. 240-245. https://www.elibrary.ru/item.asp?id=82579550.

5. Факеров Х.Н., Мухторзода С.С. Цифровая трансформация торговли в контексте регионального развития: методология, модели и вызовы Центральной Азии / Х.Н. Факеров, С.С. Мухторзода // Экономика Таджикистана. Научный журнал. – 2025. – №4. – С. 203-210.

6. Черняков, М.К., Мухторзода, С.С., Тулиев М.С. Некоторые аспекты становления цифровой экономики сферы услуг / М.К. Черняков, С.С. Мухторзода, М.С. Тулиев // Финансовый Бизнес научно-аналитический журнал по экономике и финансам: 2023. – №5. – С.89-93.

7. Черняков М.К., Мухторзода С.С. Стратегии интеграции розничных торговых сетей в региональную экономику Таджикистана: цифровизация, пространственная оптимизация и кластерные модели / М. К. Черняков, С. С. Мухторзода // «Siberian Journal of Economic and Business Studies / Сибирский журнал экономических и бизнес-исследований». – 2025.–Том 14, №3.–С.59-75. https://kras-science.ru/jour/index.php/nk/article/view/315/176.

8. Щепакин М.Б., Ильенкова, К.М. (2022). Модель управления развитием розничной торговой сети на основе инновационных преобразований в условиях мобилизационной экономики. Экономика, предпринимательство и право. 12(9), с. 2443–2462. doi: 10.18334/epp.12.9.116146.

9. Andreev O., Phan The, C., Gura, D., & Bozhko, L. (2022). The relationship between online retailing and the regional economy. Economia e Politica Industriale, 49(4), 691-711. DOI: 10.1007/s40812-022-00231-3.

10. Doskalieva, B., Kenzhebekov, N., Kurilkin, A., Pupysheva, T., Puntus, Y., Biryukov, V. (2025), "Prospects for the Integration of the Kazakhstan Economy Into the Global Value Chain", Montenegrin Journal of Economics, Vol. 21, No. 1, pp. 179-192.

11. EABR Report (2020). Eurasian Development Bank. Economic effects of Tajikistan's accession to the Eurasian Economic Union [Analytical report]. 62 p.

12. Lwesya F. (2022). Integration into regional or global value chains and economic upgrading prospects: an analysis of the East African Community (EAC) bloc. Future Business Journal, 8(1), 33. doi: https://doi.org/ 10.1186/s43093-022-00141-9.

13. Ramazanov I.A., Panasenko, S.V., Cheglov, V.P., Krasilnikova, E.A., & Nikishin, A.F. (2021). Retail Transformation under the Influence of Digitalisation and Technology Development in the Context of Globalisation. Journal of Open Innovation, 7(1), 49. DOI: 10.3390/joitmc7010049.

14. Usova N.V., Loginov M.P., Nedorostkova E.E. (2022). The growth of the digital retail services market in a down economy: problems and prospects. Management Issues, 3, pp. 77–88. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/the-growth-of-the-digital-retail-services-market-in-a-down-economy-problems-and-prospects.

ШАБАКАҲОИ САВДОИ ЧАКАНА: СТРАТЕГИЯҲО БАРОИ ҲАМГИРИИ РАҚАМӢ ВА ФАЗОӢ

МУХТОРЗОДА САИДМУХТОРИ САИДАХРОР,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сардори Маркази инноватсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел.: (+992) 939-49-55-84; e-mail: saidmukhtori.m84@gmail.com.

Рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амиқ гардидани намудҳо ва шаклҳои нави хизматрасонӣ ба аҳолӣ, инчунин, гузариш ба шаклҳои нави хизматрасонӣ дар соҳаи тиҷорат вобаста мебошад, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва истифодаи равандҳои нави технологӣ қадами зарурӣ ва муҳим ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқот ба таҳияи стратегияҳои ҳамгироии шабакаҳои савдои чакана ба иқтисодиёти Тоҷикистон бахшида шудааст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба рақамикунонӣ, оптимизатсияи фазоӣ ва моделҳои кластерӣ нигаронида шудааст. Таҳлили ин масъала барои рушди тиҷорат ва ноил шудан ба рушди устувори иқтисодӣ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Аз ҷониби дигар, ин раванд бо он алоқаманд аст, ки дар солҳои охир бинобар пайдоиши

шаклҳои нави хизматрасонии тиҷорат, аз ҷумла савдои шабакавӣ, соҳаи тиҷорат ба як соҳаи муҳимми иқтисоди муосир табдил ёфтааст,

Савдои чакана зери таъсири қарорҳои инноватсионӣ босуръат тағйир меёбад. Имрӯз тасаввур кардани як мағозаи муваффақ бидуни ҳамгироии дурусти технологияҳои муосир ғайриимкон аст. Аз автоматикунонии равандҳои дохилӣ то ҷалби мизоҷон бо истифода аз усулҳои зеҳнии маркетинг–маълумот (рақамҳо) қариб дар ҳар як марҳалаи пешбурди тиҷорат нақши муҳим мебозад.

Дар мақола усулҳои таҳлили GIS барои оптимизатсияи фазоии ҷойгиркунии нуқтаҳои савдо ва моделсозии эконометрикӣ барои арзёбии таъсири ҳамгироӣ ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ истифода шудаанд. Ҳамгироии уфуқӣ (франчайзинг) харочоти амалиётиро коҳиш дода, рақобатпазирии шабакаҳоро баланд мебардорад. Ҳамгироии амудӣ бо истеҳсолкунандагони маҳаллӣ харочоти логистикиро кам намуда, ҳиссаи молҳои маҳаллиро то 30% зиёд мекунад. Модели кластерӣ гардиши молро ба андозаи 20–25 дарсад тезондааст, ки ин аз ҳисоби ҳамкории самараноки иштирокчиён ба даст меояд.

Дар ин мақола диққати махсус ба хусусиятҳои рақамикунонӣ ҳамчун омили асосии ташаккули низоми тиҷорат равона шудааст, ки дар навбати худ рушди ҳамарӯзаи инфрасохтор ва баланд бардоштани саводнокии рақамиро талаб мекунад. Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз пешниҳоди тавсияҳо барои соҳибкорон, сохторҳои давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ иборат аст.

Калидвожаҳо: *савдои чакана, тиҷорати шабакавӣ, тиҷорати муосир, савдои чаканаи шабакавӣ, иқтисоди рақамӣ, беҳсозии фазо, моделҳои кластерӣ, рушди устувор, инноватсия.*

RETAIL NETWORKS: STRATEGIES FOR DIGITAL AND SPATIAL INTEGRATION

MUKHTORZODA SAIDMUKHTORI SAIDAHROR,
Candidate of economic sciences, Associate professor, Head of the Innovation Center, Tajik State University of Commerce
734061, Tajikistan, Dushanbe city, Dekhoti str. ½;
tel.: (+992) 939-49-55-84; e-mail: saidmukhtori.m84@gmail.com.

The socio-economic development of the Republic of Tajikistan is associated with the deepening of new types and forms of services provided to the population, as well as the transition to new forms of service in the trade sector, which represent a necessary and important step in the context of economic globalization and the use of new technological processes.

The study is devoted to the development of strategies for integrating retail chains into the economy of Tajikistan, with an emphasis on digitalization, spatial optimization, and cluster models. The analysis of this issue is becoming increasingly relevant for the development of trade and achieving sustainable economic growth. On the other hand, this process is linked to the fact that in recent years trade has become a more significant sector of the modern economy due to the emergence of new formats of trade services, including network trade as a new and modern form of retail trade.

Retail trade is rapidly changing under the influence of innovative solutions. Today, it is impossible to imagine a successful store without the effective integration of modern technologies. From the automation of internal processes to customer attraction through intelligent marketing approaches, data plays an important role at almost every stage of doing business.

The article applies GIS analysis methods for the spatial optimization of the placement of retail facilities and econometric modeling to assess the impact of integration on economic indicators. Horizontal integration (franchising) reduces operating costs and increases the competitiveness of retail chains. Vertical integration with local producers reduces logistics costs and increases the share of local goods up to 30%. The cluster model accelerates inventory turnover by 20–25% due to the synergy among participants.

Special attention is given to digitalization as a system-forming factor that requires the development of infrastructure and the improvement of digital literacy. The practical significance of the study lies in its recommendations for business, government, and academia.

Keywords: *Retail trade, online trade, modern trade, retail chains, digital economy, spatial optimization, cluster models, sustainable development, innovation.*

УДК: 338.48

МУКАММАЛГАРДОНИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

РАҶАБЗОДА АБДУҲАЛИМ АБДУРАҲИМ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5;
тел: (+992) 100-72-92-72; e-mail: raa_16.12.78.@mail.ru

Дар шароити муосири иқтисоди бозоргонии Тоҷикистон сайёҳӣ ҳамчун як соҳаи иқтисодиёт дар таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии он нақши муҳим дошта, ба рушди иқтисодиёти кишвар дар маҷмуъ, мусоидат мекунад. Ин соҳа яке аз соҳаҳои сердаромад дар ҷаҳон мебошад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ аз он иборат аст, ки муқаррароти назариявӣ, методологӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар мақола овардашуда ба ташаккули асосҳои илмию методии такмили механизмҳои идоракунии давлатии рушди сайёҳӣ, ки инкишофи он дар Тоҷикистон муҳиммияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад, мусоидат мекунанд.

Татбиқи ин пешниҳодҳо имкон медиҳад, ки он чи аз ҷиҳати бо кор таъмин намудани аҳолӣ, махсусан, аҳолии деҳот ва чи аз ҷиҳати саҳм дар тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба яке аз соҳаҳои афзалиятноки хоҷагии халқ табдил дода шавад.

Калидвожаҳо: *сайёҳӣ, назария, методология, бренди сайёҳӣ, сайёҳ, стратегия, инфрасохтори сайёҳӣ, имтиёз.*

Тайи даҳсолаҳои охир соҳаи сайёҳӣ бо як суръати хос рушд карда истодааст. Сайёҳӣ соҳаи сердаромад ва бениҳоят серҳаракат дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, рушди он ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла тиҷорат, нақлиёт, алоқа, сохтмон, кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти ниёзи мардум ва ғайра таъсири мусбат мерасонад.

Сайёҳӣ таъмингари миллионҳо ҷойи корӣ барои инсоният дар ҷаҳон арзёбӣ гардида, вобаста ба даромаднокӣ бошад, танҳо аз саноати истихроҷи нафт ва автомобилбарорӣ қафо мемонаду халос. Ба ҳиссаи сайёҳӣ тақрибан 6 дарсади маҷмуи маҳсулоти миллии ҷаҳон, 7 дарсади сармоягузории ҷаҳонӣ, ҳар як 16-умин таъсиси ҷойҳои корӣ, 11 дарсади хароҷоти истеъмолии ҷаҳонӣ ва 5 дарсади воридшавии ҳамаи андозҳо рост меояд [6].

Мақсади асосии мақолаи мазкур омӯзиши омилҳо ва мушкилоти асосие, ки ба рушди сифат ва мукамммалгардонии хизматрасониҳои сайёҳӣ дар Тоҷикистон таъсир мерасонанд, мебошад.

Лозим ба тазаккур аст, ки таърихнигорон пазируфтани сайёҳиро ҳамчун илм тақрибан ба солҳои 1920–1930 рабт медиҳанд [10]. Маҳз дар ҳамин давра пажуҳишҳои илмӣ вобаста ба соҳаи сайёҳӣ рӯйи кор омаданд. Донишҳои аввалини самти сайёҳиро, ки олимон гурӯҳбандии хос намудаанд, таърихнигорон ба ҳисоб мераванд. Баъдтар таҳқиқоти илмии сайёҳӣ аз тарафи чуғрофидонҳо ва иқтисоддонҳо бурда шуданд.

Академики академияи илмҳои Русия А.Новиков қайд менамояд, ки илм дар бораи сайёҳӣ дар ҳақиқат як илми маҷмуавии мураккаб ба ҳисоб меравад. Ҳамаи пажуҳиши илмиро дар самти сайёҳӣ ин муҳаққиқ ба чунин гурӯҳ тақсим намудааст: [6]

1. Таҳқиқот доир ба асосҳои илмии сайёҳӣ;
2. Таҳқиқот оид ба навъҳои сайёҳӣ;
3. Таҳқиқоти соҳавӣ роҷеъ ба мушкилоти сайёҳӣ.

Академик А.Новиков мақоми сайёҳатшиносиро дар сохтори илмҳои муосир ҳамчун илми амалӣ дар қатори илмҳои тиб, педагогика ва ғайра ҷой додааст [9].



Расми 1. Тавсифи сайёҳӣ ва таҳқиқоти сайёҳӣ аз диди назариявии академик А.Новиков.

Зарурати такмили механизмҳои идоракунии давлатии рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон ба рушди навъҳои муосири он барои ҳалли бисёр масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ ва коркарди нокифояи методологии ин мушкилот нигаронида шудааст. Тайи солҳои истиқлол дар кишвар омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии такмили механизмҳои идоракунии давлатии рушди сайёҳӣ дар самти истифодаи зарфияти минтақаҳои Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ корҳои муҳим марҳала ба марҳала амалӣ гардида истодаанд. Аммо масъалаҳои таҳқиқи равишҳои инноватсионии рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ пурра омӯхта нашудаанд. Гуфтаҳои дар боло зикршуда аҳаммияти мавзуи интихобшударо асоснок намуда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мақолаи мазкурро муайян мекунанд.

Мақсади мақола омӯзиши муқаррароти назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ доир ба такмили механизмҳои идоракунии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Омилҳои зерин ба рушди бозори меҳнати сайёҳӣ таъсир мерасонанд: [6]

– вазъи демографӣ дар кишвар;

– ҷаҳонишавӣ ва шаҳрнишинӣ;

– ҳамгироӣ ба бозори байналмилалии меҳнат;

– сифати қувваи корӣ;

– тавозуни вақти холӣ ва корӣ;

– ҳаракати қувваи корӣ;

– дараҷаи ҳимояи давлатии бозори меҳнати дохилӣ;

– сатҳи шуғл;

– маҳдудкунии раванди корӣ дар бозори меҳнат аз рӯи ҷинс, синну сол, маош, дин, мансубияти ҳизбӣ ва ғайра;

– шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол;

– баланд будани андоз ва ғайра.

Бар асоси омилҳои дар боло зикршуда, раванди мушаххаси бозори меҳнати сайёҳӣ чунин арзёбӣ карда мешавад [1,2]:

– бинобар зарурати муошират мустақим бо муштариён дар бозори мазкур ҳиссаи қувваи корӣ "зинда" бештар ба назар мерасад;

– технологияи таҳия, таблиғ ва фурӯши маҳсулоти сайёҳӣ иштироки якчанд гуруҳҳои касбиро тақозо менамояд;

- хусусиятҳои ташкилию технологии раванди соҳаи сайёҳӣ иштироки қариб 400 нафар намояндагони касбҳои гуногунро тақозо мекунанд;

– ҳиссаи занон қисми зиёди бозори меҳнати сайёҳиро ташкил медиҳанд;

– дар бозори меҳнати сайёҳӣ норасоии коргарони соҳибихтисос ба назар расида, аммо аз ҳад зиёд будани кормандони маъмурӣ дар ҳама сатҳҳо боиси нигаронӣ арзёбӣ мегардад.

Сатҳи шуғл дар соҳаи сайёҳӣ дар саросари кишварҳо хеле фарқ мекунанд. Ин барои он кишварҳое, ки сайёҳӣ манбаи асосии даромад аст ва 30–50 дарсади тамоми шуғлро ташкил медиҳад, муҳим аст. Ин ҳам ба кишварҳои пешрафтаи бузург ва ҳам ба кишварҳои рӯ ба инкишоф дахл дорад [5].

Вазифаҳои таъхирнопазири имрӯза аз он иборатанд, ки ҳамаҷониба дар заминаи экологӣ ва комилан илмӣ истифода бурдани навъҳои мавҷудаи захираҳо барои пурра қонеъ гардонидани талаботи сайёҳони дохилию хориҷӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, арзёбии зарфияти (иқтидори) сайёҳии сарватҳои табиӣ яке аз самтҳои муҳимми стратегияи рушди иқтисоди миллӣ ва идораи давлатӣ мебошад. Давлат аз рушди сайёҳӣ фоидаи калон ба даст оварда, ба манфиати худ медонад, ки тадбирҳои ҳифзи муҳити зистро амалӣ созад, рақобати солими байни ширкатҳои хизматрасонии сайёҳӣ нигоҳ дошта шавад, афзоиши беасоси нархҳо пешгирӣ карда, афзоиши шуғли аҳолӣ таъмин карда шавад [4].

Давлат аз ҳама бештар ба тиҷорати сайёҳӣ таваҷҷуҳ дорад, аммо барои ба даст овардани раванди устувор, аввал сармоягузориро бояд ба роҳ монад. Сайёҳӣ ҳамчун як соҳаи иқтисодиёт наметавонад бидуни дастгирии давлат фаъолият кунад. Устувории иҷтимоӣ шарти асосии фаъолияти комплекси сайёҳӣ мебошад. Маҷмааи сайёҳӣ аз ҳисоби ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ бо шартҳои шарикии мақомоти соҳавӣ ва ҳудудӣ бо ҷалби корхонаҳо ва ширкатҳои хусусии сайёҳӣ дар ташкили фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни маҷмаа аз маркази ягонаи ҳамоҳангсозӣ таъсис дода мешавад.

Фоидаи бевоситаи сайёҳӣ ба давлат аз вусъати шуғли аҳолӣ, вусъати хизматрасонии сайёҳӣ ва афзоиши саёҳатҳои хориҷӣ ба даст меояд. Дар сохтори идораҳо ва мақомоти давлатӣ давлат намояндагии ҳокимияти олӣ буда, бо маҷмуи мақомоти махсусгардонидашуда, инчунин, унсурҳои меъёрҳои ҳуқуқие, ки фаъолият ва муносибатҳоро бо дигар субъектҳои ҳокимият ва шаҳрвандони кишвар танзим менамоянд, намояндагӣ мекунанд.

Дар соли 2025 дар Тоҷикистон афзоиши босуръати шумори сайёҳон мушоҳида шуда, шумораи онҳо нисбат ба соли қаблӣ 27,5% афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаи омории воридшавии сайёҳон ба Тоҷикистон тайи солҳои 2023-2025

№	Номгӯи нишондиҳанда	Солҳои таҳлилшаванда			Соли 2025 нисбат ба соли 2023, маротиба
		2023	2024	2025	
1.	Шумораи умумии нафароне, ки аз кишвар боздидкунанда, ҳазор нафар	1231,5	1469,3	2104,7	1,7
2.	Аз ин, шумораи умумии сайёҳон, ҳазор нафар	1166,2	1400,0	1784,4	1,5

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф.*

Аз ҷадвали болозикр бармеояд, ки шумораи умумии нафароне, ки аз кишвар боздидкунанда дар соли 2025 ба 2104,7 ҳазор нафар шаҳрвандони хориҷӣ баробар буда, аз он ҷумла 1784,4 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ, 149,9 ҳазор нафар сайёҳон аз хориҷи дур ва 1634,5 ҳазор нафар сайёҳон аз ИДМ рост меояд, ки ин аз таҳкими равобити Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя гувоҳӣ медиҳад. Бахусус, дар як қатор кишварҳое, ки шаҳрвандонашон бештар Тоҷикистонро барои истироҳат ва сафар интихоб мекунанд, ба қайд гирифта шудааст.

Ҷадвали 2.

***Динамикаи воришдавии сайёҳон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон*, ҳазор нафар.**

№	Номгӯйи кишварҳо	Солҳои таҳлилшаванда		Дарсади (дарсади) соли 2024 нисбат ба соли 2023
		2023	2024	
1.	Узбекистон	806,0	897,3	111,3
2.	Русия	262,4	334,5	127,5
3.	Қазоқистон	31,5	34,6	109,8
4.	Чин	4,9	20,5	4,2 маротиба
5.	Эрон	6,8	11,9	1,7маротиба
6.	Афғонистон	-	11,5	-

***Сарчашма**: таҳияи муаллиф.*

Мувофиқи маълумоти Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи се соли охир дар бобати воридшавии сайёҳон ба кишварамон, Ҷумҳурии Узбекистон пешсаф мебошад. Яке аз ҷумҳуриҳое, ки айни ҳол дар ин соҳа рушди тоза касб намуда истодааст, Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошад (реҷаи бераводид). Ҳамчунин, дар тарифҳои рафтуомад бо нақлиёти ҳавоӣ тахфиф пешниҳод гардидааст: дар самти Душанбе–Машҳад–Душанбе аз 2400–3200 сомонӣ ба 800–1900 сомонӣ ва дар самти Душанбе–Теҳрон–Душанбе бошад, аз 2500-4000 сомонӣ ба 1300–2250 сомонӣ.

Гузашта аз ин, миқдори нафарони тоҷикистоние, ки ҳамчун сайёҳ Ҷумҳурии Исломии Эронро боздидкунанда раванди рушд дорад. Аз ҷумла,

соли 2024-ум 678 нафар ҳамчун сайёҳ ба Эрон сафар намудаанд ва ин рақам дар соли 2025 ҳудуди 938 нафарро ташкил дод, ки 38,4 дарсад нисбати соли 2024 зиёд мебошад.

Ҳадафи асосии "Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таъмини рушди устувори сайёҳӣ дар кишвар аст. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи асосӣ Стратегия "...ҳадафҳои стратегии зеринро муайян мекунад:

– ташаккули заминаи институтсионалии рушди соҳаи сайёҳӣ;

– ташаккули инфрасохтори муосири сайёҳӣ;

– риояи стандартҳои байналмилалӣ ва таъмини амнияти сайёҳон;

– таъсис ва рушди кластерҳои сайёҳӣ, пешниҳоди инноватсияҳо ва сармоягузорӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ».

Зарур аст, ки «...ташаккули инфрасохтори муосири саноати сайёҳӣ:

– ҳавасмандгардонии рушди инфрасохтори сайёҳӣ, ташкили равзанаи ягона, инчунин, системаи автоматикунонидашудаи бақайдгирии сайёҳон (гузариш ба раванди рақамикунононии соҳаи сайёҳӣ);

- навсозии нуқтаҳои қабули сайёҳон, аз ҷумла фурудгоҳҳои муҳимми маҳаллӣ ва байналмилалӣ, гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва терминалҳои нақлиётӣ»;

– рушди инфрасохтори нақлиёту роҳҳои автомобилгард, аз ҷумла иншооти муосири канори роҳ барои ҳизматрасонии санитарию гигиенӣ ва техникӣ, шиору рамзҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ;

– рушди базаи инфрасохтории сайёҳӣ, ки маҷмааҳои варзишӣ, фароғатӣ ва ғайраро фаро мегирад;

– рушди инфрасохтори сайёҳии кӯҳӣ ва экологӣ;

– рушди инфрасохтори муосири шабакавии меҳмонҳонаҳо, тарабхонаҳо, осорхонаҳо ва китобхонаҳо, муассисаҳои театрӣ ва кино мутобиқи унсурҳои миллӣ;

– муаррифии иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ».

Зарур аст, ки «...таъмини рақобатпазирии маҳсулоти сайёҳӣ дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ:

– таъмини рақобатпазирии ҳизматрасониҳои сайёҳӣ тавассути баланд бардоштани сифати он;

– диверсификатсияи таркиб ва васеъ намудани намудҳои ҳизматрасонии сайёҳӣ» [4];

– васеъ намудани ҳизматрасониҳои сайёҳии электронӣ дар шакли дархостҳои онлайн (виза, меҳмонхона, тарабхона, нақлиёт);

– таҳияи низоми шаффофи арзёбии сифати ҳизматрасонӣ, тасниф ва муайян намудани сатҳ ва мақоми онҳо;

– ташаккули фарҳанги нархгузорӣ ба хизматрасониҳои сайёҳӣ.

Зарур аст, ки «... ташкили кластерҳои сайёҳӣ ва таъмини рушди инноватсионӣ ва сармоягузории соҳаи сайёҳӣ:

– ташкили кластерҳои сайёҳӣ дар минтақаҳои лижаронӣ, рекреатсионӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ;

– ташкили кластерҳои сайёҳӣ (соҳибкорӣ) барои гузаронидани вохӯриҳо, форумҳо, симпозиумҳо ва конфронсҳои байналмилалӣ;

– ташкили кластерҳои маҳсуси сайёҳии мавзуӣ;

– дастгирии инноватсионӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ;

– беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

– ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ;

– пешниҳод ва татбиқи имтиёзҳо ва кафолатҳои давлатӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои сармоягузорон.

Механизми ҳамкории сохторҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бо корхонаҳои сайёҳӣ ба таври васеъ ташаккул наёфтааст (норасоии кадрҳо) [1,2,3].



Расми 2. Амсилаи дурнамои талаботи сайёҳии кадрӣ

Дар маҷмуъ моделсозии пешгӯйии талабот ба қувваи кории сайёҳӣ дар асоси “Стратегияи миллии рушд то соли 2030” ва нақшаи рушди захираҳои инсонӣ яке аз муҳимтарин ҷузъҳои барномаи рушди сайёҳӣ ва барномаи шуғл дар минтақаҳои мушаххаси ҷумҳурӣ, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳияи дурнамо барои рушди соҳаи сайёҳӣ дар маҷмуъ, ва

бозори меҳнат, махсусан, таъсири мураккаби омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ба назар гирифта шавад.

Омилҳои асосии монеъшаванда ба рушди сайёҳии дохилӣ инҳоянд [1]:

- инфрасохтори нокифоя рушдёфта дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ;
- тарифҳои баланди нақлиёти мусофирбар;
- таблиғи нокифояи маҳсулоти сайёҳии миллӣ дар хориҷа;
- нарасидани кадрҳои баландихтисос;
- сифати пасти хизматрасониҳои пешниҳодшаванда;
- расмиёти нокомили раводид.

Ҳар як минтақаи сайёҳӣ ва фароғатӣ дар ҷумҳурӣ таҳияи стратегияеро барои муаррифии худ дар бозорҳои сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ тақозо менамояд, ки ба инобат гирифтани амалҳои зерин ҳатмӣ мебошад:

1. Таъмини рушди устувор ва фаъолияти самараноки бахши сайёҳӣ ва фароғатӣ;

2. Беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва таҳияи системаи омодасозии кадрҳо барои ниёзҳои сайёҳӣ;

3. Эҷод ва нигоҳ доштани имиҷи мусоиди минтақаҳои сайёҳӣ ва фароғатӣ;

4. Васеъ кардани доираи пешниҳодҳои сайёҳӣ ва рушди намудҳои нави сайёҳӣ;

5. Таъмини дастгирии давлатӣ ба бахши сайёҳӣ ва афзоиши даромад барои минтақаҳои сайёҳӣ;

6. Рушди шарикии давлатӣ ва хусусӣ ва эҷоди заминаи молиявӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ба сайёҳӣ.

7. Афзоиши ҷараёни сайёҳони воридотӣ ва дохилӣ ва ҳамвор кардани ноустувории мавсимӣ дар ҷараёни сайёҳӣ;

8. Татбиқи навовариҳо дар бахши сайёҳӣ, фароғатӣ ва рушди инфрасохтори моддӣ ва техникии минтақаҳои сайёҳӣ;

9. Рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ; [3]

10. Беҳтар кардани амалияҳои ҳифзи ҳуқуқ (бақайдгирии операторони сайёҳӣ, баланд бардоштани масъулияти ҳуқуқии операторони сайёҳӣ, такмили системаи таснифоти иншооти саноати сайёҳӣ ва стандартикунонии хизматрасонии сайёҳӣ, таҳияи стандартҳои суғурта дар бахши сайёҳӣ, тақвияти чораҳои амниятӣ, сертификатсияи дастурдиҳандаҳо, роҳбаладҳо ва тарҷумонҳо ва ғайра).

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз тамоюлҳои мусбати рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон, иқтидори бузурги сайёҳии кишвар ҳанӯз дар марҳалаи аввали рушд қарор дорад. Аксари мушкилоте, ки рушди сайёҳӣ бо онҳо рӯбарӯ

аст, мураккабанд ва ҳалли онҳо аз ҳамаи иштирокчиёни бозори сайёҳӣ вобаста аст: мақомоти давлатӣ, соҳаи сайёҳӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи илмӣ. Воқеият нишон дода истодааст, ки бо вуҷуди муҳайё намудани раванди ташкилию иҷтимоии соҳаи сайёҳӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саноати сайёҳии дохилӣ аз ҷиҳати хизматрасонӣ ва рушди инфрасохтор аз ҳамтоёни хориҷии худ каме қафотар баҳогузорӣ гардида истодааст.

Мукаммалгардонии соҳаи сайёҳӣ метавонад дар ҳоле рушд кунад, ки имкониятҳои раванди табиӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ аз заминаи инноватсионӣ бархурдор гардад. Дар ҳамин ҷабҳа Тоҷикистон метавонад ба яке аз марказҳои сайёҳӣ дар минтақа устувор гардад.

Дар мақолаи илмӣ пешниҳодҳо вобаста ба рушди соҳаи сайёҳии мамлакат оварда шудааст, ки масъулини соҳаро мебояд бештар ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

АДАБИЁТ

1. Александрова А.Ю. Туристические кластеры: содержание, границы, механизмы функционирования. Современные проблемы сервиса и туризма, 2007. – С.51-61

2. Байкалова В. Сельский туризм: проблемы и перспективы. – Крымские известия. – №204 (3923).

3. Боголюбов В.С., Быстров С.А., Боголюбова С.А. Экономическая оценка инвестиций в развитие туризма. – М.: Изд. центр «Академия», 2009. –272 с.

4. Латорцев А.А. «Повышение конкурентоспособности национальной туристской индустрии в условиях глобальной конкуренции». Москва, 2011 http\\dlib/rsi.ru.

5. Мухаббатов Х. М, Хоналиев Н.Х. Памир: ресурсный потенциал и перспективы развития экономики. – Душанбе: «МАСТЕР принт», 2005. С.233.

6. Писаревского Е.Л. (коллективный автор). Основы туризма: учебник. Москва: Федерального агентство по туризму, 2014-384с.

7. Проблемы устойчивого развития горных территорий Республики Таджикистан. //Академия наук и Министерство охраны природы Республики Таджикистан –Душанбе: Сурушан, 2002. –256 с.

8. Сангинов Д. Ш. Государственное регулирование туристской деятельности в годы независимости в Таджикистане. http://www.portalus.ru/modules/theoryoflaw.

9. Туристика: от гипотез к теории: монография / Российская международная академия туризма. – М.: Советский спорт, 2009. — 157с.

10. Hall C. M. Rethinking the Social Science of Mobility. Harlow: Pearson Education, 2005.p. 347.

УЛУЧШЕНИЕ ТУРИСТИЧЕСКОГО СЕКТОРА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

РАДЖАБЗОДА АБДУХАЛИМ АБДУРАХИМ,
кандидат экономических наук, исполняющий обязанности доцента кафедры таможенного дела Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана
734055, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Борбада, 48/5
тел: (+992) 100-72-92-72, e-mail: raa_16.12.78.@mail.ru

В современных условиях рыночной экономики Таджикистана туризм как сектор экономики играет важную роль в обеспечении занятости и повышении благосостояния населения, способствуя развитию экономики страны в целом. Этот сектор является одним из самых прибыльных в мире.

Теоретическая и практическая значимость заключается в том, что представленные в статье теоретические и методические положения, выводы и рекомендации способствуют формированию научно-методических основ для совершенствования механизмов государственного управления развитием туризма, развитие которого в Таджикистане имеет большое научно-практическое значение.

Реализация этих предложений позволит превратить туризм в один из приоритетных секторов национальной экономики, как с точки зрения обеспечения занятости населения, особенно сельского, так и с точки зрения содействия социально-экономическому развитию страны.

Ключевые слова: *туризм, теория, методология, туристический бренд, турист, стратегия, туристическая инфраструктура, льгота.*

IMPROVING THE TOURISM SECTOR IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

RAJABZODA ABDUKHALIM ABDURAKHIM,
PhD in Economics, Acting Associate Professor, Department of Customs, International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan.
734055, Tajikistan, Dushanbe city, Borbad avenue, 48/5;
tell: (+992) 100-72-92-72, e-mail: raa¬_16.12.78.@mail.ru

In the current market economy of Tajikistan, tourism plays a vital role in providing employment and improving the well-being of the population,

contributing to the overall economic development of the country. This sector is one of the most profitable in the world.

The theoretical and practical significance of the article lies in the fact that the theoretical and methodological provisions, conclusions, and recommendations presented in this article contribute to the formation of a scientific and methodological foundation for improving public administration mechanisms for tourism development, the development of which in Tajikistan is of great scientific and practical importance. Implementing these proposals will transform tourism into a priority sector of the national economy, both in terms of providing employment, especially in rural areas, and in terms of promoting the country's socioeconomic development.

Keywords: *tourism, theory, methodology, tourism brand, tourist, strategy, tourism infrastructure, incentives.*

УДК 338.48:004(575.3)

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ЦИФРОВОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ И УРОВЕНЬ РАЗВИТИЯ ЦИФРОВЫХ СЕРВИСОВ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

САХИБОВ ЕВГЕНИЙ НУРУЛЛОЕВИЧ,
кандидат экономических наук, старший преподаватель
кафедры менеджмента и маркетинга
Российско-Таджикского (Славянского) Университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица М. Турсунзаде д. 30;
телефон: (+992) 917-26-66-17; e-mail: esakhibov@mail.ru

ГАЗИЗОДА СИТОРА,
к.э.н., доцент кафедры туризм и сервиса
Российско- Таджикского (Славянского) Университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, ул. М. Турсунзаде 30;
телефон: (+992) 903-01–84–10; e-mail: sitoransor@gmail.com

В статье рассматривается современное состояние цифровой инфраструктуры и уровень развития цифровых сервисов туристической отрасли Республики Таджикистан в контексте государственной политики поддержки туризма и цифровой трансформации экономики. Цель исследования — оценить степень готовности отрасли к внедрению цифровых решений и определить ключевые факторы, влияющие на конкурентоспособность туристического направления и качество туристского опыта. Методологическая основа включает анализ нормативно-правовых и стратегических документов (концепции и программы цифровой экономики, электронного правительства, профильные законы и указы), контент-анализ государственных цифровых порталов и официальных туристических ресурсов, а также статистический анализ динамики въездного туризма и распространения интернет-доступа за 2018–2024 гг. Показано, что после пандемийного спада 2020–2021 гг. наблюдается устойчивое восстановление и рост туристических прибытий, сопровождающиеся расширением цифровой среды и ростом числа интернет-пользователей. Отмечены практические результаты цифровизации, значимые для въездного туризма: функционирование системы e-Visa, развитие национального туристического портала и ведомственных платформ, распространение онлайн-сервисов бронирования и безналичных платежей, а также усиление роли цифрового маркетинга (мультиязычный контент, социальные сети, партнерские каналы). Сделан вывод, что сформированная в стране

нормативно-стратегическая база и рост интернет-проникновения создают предпосылки для дальнейшего масштабирования цифровых сервисов в туризме, повышения прозрачности рынка, снижения административных и транзакционных барьеров, а также укрепления доверия иностранных туристов. Предложено рассматривать цифровизацию как ключевой инструмент повышения международной конкурентоспособности туристической отрасли Таджикистана и совершенствования управления отраслью.

Ключевые слова: *туризм, цифровая инфраструктура, цифровые сервисы, цифровая экономика, e-Visa, электронное правительство, интернет-проникновение, туристический портал, онлайн-бронирование, безналичные платежи, защита персональных данных, цифровой маркетинг.*

Республика Таджикистан уделяет особое внимание сфере индустрии туризма. Основатель мира и национального единства — Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, Указом от 2 января 2019 года №1170, в соответствии со статьей 69 Конституции Республики Таджикистан, в целях ускорения развития села, туризма и поддержки народных ремесел, постановил объявить 2019-2021 годы «Годами развития села, туризма и народных ремесел». Стоит отметить, что 2018 год был «Годом развития туризма и народных ремесел». Благодаря этому Указу в Республике Таджикистан началось бурное развитие индустрии туризма [11].

Правительство Республики Таджикистан последовательно уделяло внимание развитию туризма в предшествующие годы. По инициативе Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмон была утверждена «Стратегия развития туризма до 2030 года» [9]

Стоит отметить, что 2025–2030 годы объявлены в Республике Таджикистан «Годами развития цифровой экономики и инноваций». Данное решение было озвучено Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в послании парламенту в конце 2024 года, Указом Президента РТ № 911 от 8 января 2025 года [10].

Цифровая трансформация, происходящая во всём мире, представляет собой комплексное явление, коренным образом меняющее жизнь людей, организацию и функционирование бизнеса и государственного управления в целом. При этом сама эта трансформация тесно связана с тенденцией развития информационно-коммуникационных технологий, которые предъявляют и новые вызовы человечеству [2, с.115]

Одним из важнейщих показателей для туритической отрасли является количество туристических прибытий в страну (диаграмма 1.)

Диаграмма 1. *Численность иностранных туристов, въехавших в страну как «туристы» в РТ (по данным ГУ пограничных войск, тыс. человек, в период с 2018 по 2025 годы) [8, с.186].*

Исходя из диаграммы 1 можно сделать вывод о том, что в Республике Таджикистан из года в год увеличивается количество туристических прибытий, стоит отметить, что в 2020 и 2021- году произошел спад в связи с пандемией, поэтому данные года являются исключением. С 2022-го года идёт планомерный рост количества туристических прибытий, причем рост в среднем составляет 21 %, а если оценивать 2025 год по отношению к 2022 году, то рост составил 80%. Данные показатели показывают эффективность мер, принимаемых государством с целью развития сферы туризма.

Стоит отметить, что в Республике Таджикистан уже имеются и приняты ряд основных стратегических документов и нормативно-правовых актов в сфере цифровизации экономики Республики Таджикистан, которые представлены в таблице 1.

Таблица 1.

Основные стратегические документы и нормативно-правовые акты в сфере цифровизации экономики Республики Таджикистан

Концепция цифровой экономики Республики Таджикистан (утверждена постановлением Правительства от 30 декабря 2019 г. № 642)	1. Концепция была принята в соответствии со ст. 8 закона о государственных прогнозах. Правительство утвердило концепцию и обязало министерства и местные органы обеспечить её реализацию; финансирование осуществляется за счёт годовых бюджетов и привлечённых средств. Концепция разрабатывалась на основе послания президента 2018 г. и гармонизирована с национальными стратегиями. Она нацелена на устойчивый рост, повышение уровня жизни, создание рабочих мест и формирование новых отраслей благодаря широкому внедрению цифровых технологий (в том числе «прорывных»). Документ предусматривает укрепление правовых основ, развитие инфраструктуры, цифровизацию государственных услуг, социальных сфер, энергетики, горной добычи, сельского хозяйства и финансового сектора (нацбанк отвечает за финтех). Концепция предполагает три этапа трансформации

	до 2040 г., для каждого из которых должны разрабатываться отдельные программы [7]
Среднесрочная программа развития цифровой экономики (2021–2025)	Программа разработана на развитие концепции. Доступ к полному документу ограничен, однако в материалах Министерства транспорта отмечено, что она предусматривает переход к новой экономической модели, широкое внедрение цифровых технологий, создание инновационной инфраструктуры, совершенствование электронного правительства и поддержку отечественных IT-специалистов.
Указ Президента от 8 января 2025 г. № 911 «Об объявлении 2025–2030 годов Годами развития цифровой экономики и инноваций»	Указ провозгласил 2025–2030 годы «Годами развития цифровой экономики и инноваций» и нацелил государство на ускоренное внедрение цифровых технологий и переход к инновационной модели развития [10].
Концепция формирования электронного правительства (утв. постановлением Правительства от 30 декабря 2011 г. № 643; ред. постановления № 655 от 15.11.2012)	Правительство, руководствуясь законом о государственных прогнозах, утвердило концепцию формирования электронного правительства, определило информационно-технический центр исполнительного аппарата президента органом регулирования, контроля и координации, а министерствам и местным органам поручило принять меры по её реализации. Концепция содержит положения об укреплении нормативно-правовой базы, создание инфраструктуры (защищённой межведомственной системы электронного документооборота), развитие портала электронного правительства, предоставление электронных услуг, информационной безопасности, кадровом обеспечении и этапах реализации.
Закон «Об информатизации» от 6 августа 2001 г. № 40 (в ред. 2019 г.)	Закон регулирует отношения, возникающие при создании и использовании документированной информации и информационных ресурсов, а также определяет порядок защиты информационных ресурсов и права и обязанности участников процессов информатизации. Цель закона — создать условия для удовлетворения информационных потребностей граждан и органов власти путем развития современной информационной инфраструктуры и интеграции в международные сети. Закон распространяется на деятельность государственных органов, органов местной власти, юридических и физических лиц по созданию, внедрению и использованию информационных систем, защите информации и управлению информационными процессами. [6]
Закон «Об информации» от 10 мая 2002 г. № 55 (в ред. 2014 г.)	Закон устанавливает правовые основы информационной деятельности, принципы, субъекты и объекты информационных отношений и государственную информационную политику. Он даёт определения (информация, информационная деятельность, правовая информация и т.д.) и регламентирует право граждан на получение информации, виды информации и режим доступа.

Источник. *Составлено автором.*

Анализ таблицы 1 подтверждает, что в Республике Таджикистан имеется последовательная развивающаяся нормативно-правовая база в сфере цифровизации экономики и охватываются такие как стратегические, так и институционально-регуляторные уровни. Данные документы потверждают что в стране имеется системный подход со стороны государства к цифровой трансформации, начиная с базовых законодательных актов и заканчивая долгосрочными стратегическими программами. Среди представленных в таблице 1 стратегических документов и нормативно-правовых актов особое значение имеют Концепция цифровой экономики Республики Таджикистан (утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 г. № 642), Среднесрочная программа развития цифровой экономики на 2021–2025 годы**,** Указ Президента Республики Таджикистан от 8 января 2025 г. № 911 «Об объявлении 2025–2030 годов Годами развития цифровой экономики и инноваций**»**, а также Концепция формирования электронного правительства (утверждена постановлением Правительства от 30 декабря 2011 г. № 643). Именно эти документы формируют стратегическую основу цифровой трансформации страны, поскольку в них определены долгосрочные цели, приоритетные направления, институциональные механизмы и этапы развития цифровой экономики до 2040 года. Их положения создают базовый фундамент для развития цифровой инфраструктуры, расширения электронных государственных услуг, совершенствования системы электронного правительства и цифровизации ключевых отраслей национальной экономики, включая финансовый сектор, социальную сферу, государственное управление, энергетику, сельское хозяйство, а также сферу туризма. Наличие поэтапного подхода в реализации данной концепции свидетельстует о долгосрочном характере государственной политики в области цифровизации. В целом анализ таблицы 1 позволяет сделать вывод о том, что в Республике Таджикистан создана номартивно-правовая и стратегическая основа для развития цифровой эономики и цифровых сервисов, в том числе, связанных со сферой туризма.

Можно отметить, что в Республике Таджикистан уже имеется ряд достижений в области развития цифровых сервисов туристической отрасли. К примеру, для получения туристической визы в 2016 году была усовершенствована и введена система «e-Visa», являющаяся одной из самых передовых и максимально простых в плане интерфейса. Она позволяет гражданам, желающим посетить Таджикистан, получить визу за один-три дня с момента заполнения электронного заявления. Это удобство позволяет сэкономить время на посещении консульств потенциальным

туристам, что действительно значимо в масштабах государства, потому как технические разработки позволяют вывести всю туристическую отрасль на новый уровень, соответствующий современности. [1, с.184]

Данный сервис является критически важным элементом для въездного туризма, который снижает административные барьеры и делает туристический поток в Республику Таджикистан более эластичным по отношению к маркетинговым компаниям и сезонным предложениям.

В таблице 2 представлены данные по динамике роста пользователей интернета в Таджикистане на период с 2018 по 2024 гг. Развитие туристической отрасли в нынешних условиях невозможно без развития сети интернета.

Таблица 2.

Динамика роста пользователей интернетом в Таджикистане на период с 2018 по 2024-ы гг.

Годы	Количество пользователей (человек)	Проникновение интернета
2018	2,4 млн	26%
2019	2,7 млн	28,5%
2020	3,0 млн	31%
2021	3,2 млн	33%
2022	3,4 млн	35%
2023	3,5-3,7 млн	36-38%
2024	4.5 млн	43 %
Численность населения в 2024 году 10,5 млн. человек.		

Источники: Из отчетов Службы связи РТ. [Электронный ресурс] https://khovar.tj/rus/2025/01/sluzhba-svyazi-dlya-dostupa-k-vysokoskorostnomu-internetu-v-tadzhikistane-ustanovleno-798-bazovyh-stantsij/, https://www.gs.gov.tj, Заявление на пресс-конференции в контексте итогов 2024, Отчёты операторов: Tcell, Megafon Таджикистан. [3, с.110]

Анализируя таблицу 2, можно сделать вывод об устойчивом и поступательном росте, как числа пользователей сети интернета, а также уровне распространения интернета в Республике Таджикистан. Средний годовой рост составляет примерно 11 процентов, а если сравнивать 2024 год по отношению к 2018 году, то рост составил в 1.9 раза. Это свидетельствует о существенном развитии и прогрессе цифровой инфраструктуры и увеличении пользователей интернет-услугами в Республике Таджикистан.

Рост уровня пользователей интернета в Республики Таджикистан оказывает прямое и важное значение для развития въездного туризма и на его динамику. Причиной является расширение доступа к сети Интернета,

который обеспечивает потенциальным иностранным туристам оперативный доступ к официальной информации о туристических ресурсах страны, а также доступ к коммерческой информации, включая маршруты, условия въезда, визовые требования, транспортную доступность и места размещения. Стоит отметить, что развитие цифровой инфоструктуры способствует эффективному фукционированию онлайн-брогнирования гостиниц и билетов, безналичные формы оплаты услуг или товаров, тем самым снижает транзакционные и административные издержки для туристов, въежающих в страну. Исходя из данных факторов, можно сделать вывод, что повышается уровень доверия к туристическому направлению нашей страны и формирует благоприятную цифровую среду. Подтверждением вышесказанного является устойчивый рост числа въезда инностранных туристов в страну, которые совпадает с увеличением числа пользователей сети интернета и расширением цифровых сервисов в стране.

Современное состояние цифровой инфраструктуры и уровень развития цифровых сервисов туристической отрасли Республики Таджикистан опирается на взаимодействие государственных порталов. Такими примерами может являться национальный туристический портал - traveltajikistan.tj, городской портал Душанбе, e-Visa и быстро расширяющейся телеком-инфраструктуры, такие как: 4G/5G, магистральные оптоволокольные сети и публичные сети Wi-Fi.

Стоит выделить цифровые туристические порталы и ключевые онлайн-площадки как traveltajikistan.tj, оператором которых является Комитет по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан. Целью данного портала является информационная поддержка туристов во время поездки, видов туризма в Республике Таджикистан, маршрутов разных видов сложностей, мероприятий и национальных праздников. Также есть сайт ctd.tj, данный ресурс — прежде всего ведомственный сайт Комитета по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан. На сайте размещены нормативные документы, новости, структуры и контакты. Можно также отметить, что в Республике Таджикистан имеются множество платформ для покупки билетов, бронирование гостиниц, и согласно Указу Президента Республики Таджикистан № 586 от 22 июня 2023 года, с 1 августа 2023 года все кредитно-финансовые организации принимают оплату государственных услуг (налоги, пошлины, штрафы и др.) исключительно в безналичной форме.

Для туристов очень важно иметь возможность осуществлять цифровые платежи путем использования карт и электронных кошельков. С целью осуществления безопасных платежей был принят закон в 2018 году

Закон РТ «О защите персональных данных» [5]. Закон определяет правовые и организационные основы сбора, обработка и защита персональных данных.

Важным моментом является цифровой маркетинг в туризме. Цифровой маркетинг имеет не только наличие собсвенного сайта , но также работает с целевыми аудиториями через мультиязычный контент, социальные сети и партнерские каналы. Государственные сайты и туристические порталы задают тренд официального позиционирования страны, как направления и каналы распространения информации о стране. В отличние от традицонных каналов продвижения, цифровой маркетинг обеспечивает адресное взаимодействие с целевой аудиторией, и самое главное, что цифровой маркетинг позволяет создавать гибкие маркетинговые компании и возможность оперативной корректировки стратегии на основе обратной связи или анализа больших данных. В результате использования инструментов цифрового маркетинга повышается информированность потециальных клиентов, сокращаются этапы принятия решений туристом о поездке в страну, что положительно влияет на показатели международного туристического прибытия. Цифровой маркетинг является важным фактором в повышении конкурентоспособности туристической отрасли Республики Таджикистан на мировой арене.

Таблица 3.

Состояние цифровизации туристической отрасли Таджикистан.

Направление	**Современное состояние и уровень развития цифровых сервисов туристической отрасли**	**Значение для туристической отрасли**
Нормативно-стратегическая база	Сформирована последовательная нормативно-правовая основа цифровизации: Концепция цифровой экономики, Среднесрочная программа развития цифровой экономики на 2021-2025 годы, Концепция электронного правительства, профильные законы и Указ Президента о 2025-2030 годах как Годах развития цифровой экономики и инноваций.	Создает институциональную основу для цифровой трансформации туризма, внедрения онлайн-сервисов и повышения эффективности управления отраслью.
Электронная виза (e-Visa)	Функционирует система электронного оформления виз, позволяющая иностранным гражданам получать визу дистанционно в короткие сроки.	Снижает административные барьеры, упрощает въезд в страну и повышает привлекательность Таджикистана для иностранных туристов.
Интернет-инфраструктура	Наблюдается устойчивый рост числа интернет-пользователей и уровня интернет-проникновения; развивается	Расширяет доступ туристов к информации, цифровым услугам,

	телекоммуникационная инфраструктура, включая мобильные сети и оптоволоконные линии.	онлайн-бронированию и навигации.
Государственные и туристические порталы	Действуют национальный туристический портал traveltajikistan.tj, сайт Комитета по развитию туризма ctd.tj, а также другие государственные цифровые ресурсы.	Обеспечивают информационную поддержку туристов, продвижение маршрутов, видов туризма, мероприятий и условий въезда.
Онлайн-бронирование и покупка билетов	Расширяется использование цифровых платформ бронирования гостиниц, транспорта и туристических услуг.	Упрощает планирование поездок, сокращает временные издержки и повышает удобство туристического опыта.
Безналичные платежи	Развиваются цифровые платежные сервисы, банковские карты и электронные кошельки; усиливается роль безналичной оплаты услуг.	Повышает удобство расчетов для туристов, снижает транзакционные издержки и способствует прозрачности финансовых операций.
Защита персональных данных	Действует законодательная база в сфере защиты персональных данных и информационной безопасности.	Формирует доверие к цифровым сервисам, особенно при визовом оформлении, онлайн-оплате и бронировании.
Цифровой маркетинг	Используются мультиязычный контент, социальные сети, официальные сайты и партнерские каналы продвижения.	Повышает международную узнаваемость туристического направления, способствует росту туристического потока и укреплению конкурентоспособности.
Динамика туристических прибытий	После спада 2020-2021 гг. наблюдается устойчивое восстановление и рост въездного туризма.	Подтверждает положительное влияние цифровых решений и государственной поддержки на развитие отрасли.
Общий уровень цифровой готовности отрасли	Туристическая отрасль находится на этапе активного развития цифровых сервисов при наличии сформированной базы для дальнейшего масштабирования.	Создает предпосылки для повышения качества туристических услуг, прозрачности рынка и международной конкурентоспособности страны.

Источник: составлено автором.

Проведенный анализ современного состояния цифровой инфраструктуры и уровня развития цифровых сервисов туристической отрасли Республики Таджикистан показывает, что цифровизация является одним из важных факторов повышения конкуретноспособности сферы туризма, а также последовательная государственная политика в сфере

туристической отрасли потверждается стратегическими и нормативно правовыми документами, что создает важный фундамент для внедрения цифровых технологий в туристическую сферу Республики Таджикистан. Современные технологические достижения, особенно в области информационных и коммуникационных технологий, значительно облегчили и расширили доступ к различным туристическим направлениям. [4, с. 185] Стоит выделить, что рост развития интернет- проникновения в стране играет важную роль в динамике въездного туризма путем повышения информирования потенциальных иностранных туристов, упрощению процедур планирования поездок, положительному формированию доверия к туристическому направлению Республики Таджикистан на мировой арене. Республика Таджикистан за последнее десятилетие внедрила и развивала такие цифровые сервисы, как электронная система получения визы (e-Visa), онлайн-бронирование, безналичные формы оплаты и государственные цифровые порталы, которые позволили снизить административные и транзакционные барьеры, что положительно отразилось на росте туристического потока в страну.

ЛИТЕРАТУРА

1. Давлатзода, Д. А. Современное состояние и развитие туризма в Республике Таджикистан / Д. А. Давлатзода, Е. Н. Сахибов // Таджикистан и современный мир. – 2021. – № 2(74). – С. 181-191. – EDN KFJJVN.

2. Джурахонзода, С. Цифровая экономика и её вызовы рынку труда / С. Джурахонзода, С. К. Рустамджони // Таджикистан и современный мир. – 2023. – № 2(82). – С. 115-123

3. Ёров Д. Н. Формирование и направления развития туристско-рекреационных комплексов Республики Таджикистан: теория, методология, практика: дис. … д-ра экон. наук: 08.00.04 – Отраслевая экономика (08.00.04.06 – Экономика сферы туризма). – Душанбе, 2025. – 372 с.

4. Еров, Д. Н. Роль государства в стимулировании развития экологического туризма / Д. Н. Еров, А. Н. Сохибов // Финансово-экономический вестник. – 2025. – № 1. – С. 182-191. – EDN JXBSSV.

5. Закон Республики Таджикистан от 3 августа 2018 года № 1537 «О защите персональных данных» URL:https://pokiza.tj/upload/TJK-2018-L-109580.pdf (Дата обращения: 02.02.2026).

6. Закон Республики Таджикистан от 6 августа 2001 года №40 “Об информатизации” (В редакции Законов Республики Таджикистан от 26.12.2005 г. №124, 04.04.2019 г. №1595) URL:https://www.adlia.tj /show_doc.fwx?rgn=1874&conttype=2 (Дата обращения: 02.02.2026).

7. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 декабря 2019 года № 642 «О Концепции цифровой экономики в Республике Таджикистан» URL:https://online.zakon.kz/Document/ (дата обращения 02.02.2026).

8. Статистический ежегодник Республики Таджикистан. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан г. Душанбе. 2024 г

9. Стратегия развития туризма в Республике Таджикистан на период до 2030 года от 1 августа 2018 года, №372. URL:http://www.adlia.tj/ show_doc.fwx?rgn=132279&conttype=3 (Дата обращения: 20.01.2026.)

10. Указ Президента Республики Таджикистан Об объявлении 2025-2030 годов «Годами развития цифровой экономики и инноваций» URL: https://president.tj/event/documents/49416 (Дата обращения: 20.01.2026)

11. Указ Президента Республики Таджикистана «Об объявлении 2019-2021 годов «Годами развития села, туризма и народных ремесел» от 02.01.2019 №1170 [Электронный ресурс].–URL.: http://www.adlia.tj /show_doc.fwx?rgn=132914 (Дата обращения: 20.01.2026)

ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИНФРАСОХТОРИ РАҚАМӢ ВА САТҲИ РУШДИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ РАҚАМӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

САХИБОВ ЕВГЕНИЙ НУРУЛЛОЕВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, омӯзгори калон кафедраи менеҷмент ва маркетингии Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода 30;
тел.: (+992) 917-26-66-17; e-mail: esakhibov@mail.ru

ГАЗИЗОДА СИТОРА,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи туризм ва сервиси Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30;
тел.: (+992) 903-01-84–10; e-mail: sitoransor@gmail.com

Дар мақола ҳолати муосири инфрасохтори рақамӣ ва сатҳи рушди хизматрасониҳои рақамии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи сиёсати давлатии дастгирии сайёҳӣ ва табдили рақамии иқтисод баррасӣ гардидааст. Ҳадафи таҳқиқот арзёбии сатҳи омодагии соҳа ба ҷорӣ намудани қарорҳои рақамӣ ва муайян кардани омилҳои калидие мебошад, ки ба рақобатпазирии самти сайёҳӣ ва сифати таҷрибаи сайёҳӣ таъсир мерасонанд. Асоси методологӣ таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегӣ (консепсияҳо ва барномаҳои иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ, қонунҳо ва фармонҳои соҳавӣ), таҳлили муҳтавои порталҳои

давлатии рақамӣ ва захираҳои расмии сайёҳӣ, инчунин, таҳлили омории динамикаи сайёҳони воридшаванда ва паҳншавии дастрасӣ ба интернет дар солҳои 2018–2024-ро дар бар мегирад.

Нишон дода мешавад, ки баъд аз коҳиши давраи пандемия (2020–2021) барқароршавии устувор ва афзоиши шумораи сайёҳони воридшаванда мушоҳида шуда, он бо густариши муҳити рақамӣ ва зиёд шудани шумораи истифодабарандагони интернет ҳамроҳ аст. Натиҷаҳои амалии рақамикунонӣ, ки барои сайёҳии воридотӣ аҳаммияти калон доранд, қайд мегарданд: фаъолияти низоми e-Visa, рушди портали миллии сайёҳӣ ва платформаҳои соҳавӣ, паҳншавии хизматрасониҳои онлайн барои бронкунӣ ва пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳамчунин тақвият ёфтани нақши маркетинги рақамӣ (муҳтавои бисёрзабона, шабакаҳои иҷтимоӣ, каналҳои шарикӣ).

Хулоса, ташаккули заминаи меъёрии стратегӣ ва афзоиши сатҳи паҳншавии интернет дар кишвар барои васеъ гардондани хизматрасониҳои рақамӣ дар сайёҳӣ, баланд бардоштани шаффофияти бозор, коҳиши монеаҳои маъмурӣ ва хароҷоти транзаксионӣ, инчунин, таҳкими эътимоди сайёҳони хориҷӣ замина фароҳам меорад. Пешниҳод мешавад, ки рақамикунонӣ ҳамчун таҳлили калидии баланд бардоштани рақобатпазирии байналмилалии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ва такмили идоракунии соҳа баррасӣ гардад.

Калидвожа: *сайёҳӣ, инфрасохтори рақамӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, иқтисоди рақамӣ, e-Visa, ҳукумати электронӣ, сатҳи паҳншавии интернет, шабаҳои сайёҳӣ, бронкунии онлайн, пардохтҳои ғайринақдӣ, ҳифзи маълумоти шахсӣ, маркетинги рақамӣ.*

THE CURRENT STATE OF DIGITAL INFRASTRUCTURE AND THE LEVEL OF DEVELOPMENT OF DIGITAL SERVICES IN THE TOURISM INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

SAKHIBOV EVGENIY NURULLOEVICH,
Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer Department of Management and Marketing, Russian–Tajik (Slavic) University
734025,Tajikistan, Dushanbe city, M. Tursunzade str. 30;
tel.: (+992) 917-26-66-17; e-mail: esakhibov@mail.ru

SITORA GAZIZODA,
PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Tourism and Service Russian–Tajik (Slavic) University
734025,Tajikistan, Dushanbe city, M. Tursunzade str. 30;
tel.: 903-01-84-10; e-mail: sitoransor@gmail.com

The article examines the current state of digital infrastructure and the level of development of digital services in the tourism industry of the Republic of Tajikistan in the context of the state policy aimed at supporting tourism and the digital transformation of the economy. The purpose of the study is to assess the industry's readiness to implement digital solutions and to identify key factors affecting the competitiveness of the tourism destination and the quality of the tourist experience. The methodological framework includes an analysis of regulatory and strategic documents (concepts and programs for the digital economy, e-government, relevant laws and presidential decrees), content analysis of governmental digital portals and official tourism resources, as well as a statistical analysis of inbound tourism dynamics and the spread of Internet access for 2018–2024. The study shows that after the pandemic-related decline in 2020–2021, inbound tourist arrivals have demonstrated stable recovery and growth, accompanied by the expansion of the digital environment and an increase in the number of Internet users. Practical outcomes of digitalization that are significant for inbound tourism are highlighted, including the operation of the e-Visa system, the development of the national tourism portal and sectoral platforms, the wider use of online booking services and cashless payments, and the growing role of digital marketing (multilingual content, social media, and partner channels). It is concluded that the country's established regulatory and strategic framework and increasing Internet penetration create prerequisites for scaling digital tourism services further, enhancing market transparency, reducing administrative and transaction costs, and strengthening the confidence of foreign tourists. Digitalization is proposed as a key instrument for improving the international competitiveness of Tajikistan's tourism industry and upgrading sector governance.

Keywords: *tourism, digital infrastructure, digital services, digital economy, e-Visa, e-government, Internet penetration, tourism portal, online booking, cashless payments, personal data protection, digital marketing.*

УДК: 330.322:338.46:330.34

НАҚШИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА РУШДИ ХИЗМАТРАСОНӢ ҲАМЧУН ОМИЛҲОИ АСОСӢ БАРОИ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

ДУСТМАТОВ БАҲОДУР МУРОДОВИЧ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молияи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел.(+992) 918-98-64-64; e-mail: dustmatov1981@mail.ru

МАҲМАДОВ УМАРҶОН РАҲМАТҶОНОВИЧ,
магистранти курси 2-юми ихтисоси 25010400 – молия ва қарзи
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734061, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел.(+992) 918-98-64-64; e-mail: dustmatov1981@mail.ru

Мусаллам аст, ки таҳқиқи масъалаи мазкур дар шароити имрӯзаи ҷаҳонӣ ва рақобати иқтисодӣ аҳаммияти стратегӣ дорад. Сармоягузорӣ, ҳамчун муҳаррики рушди инфрасохтор, истеҳсолот ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба устувории иқтисоди миллӣ таъсир мерасонад, дар ҳоле ки хизматрасонӣ самаранокии сармоягузориро афзоиш дода, рушди иқтисодиёт ва беҳбудии иҷтимоиро таъмин менамояд. Мавзуи номбурдпа мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳамоҳангии сармоягузорӣ ва хизматрасонӣ сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт асоснок карда шудааст. Имрӯз иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо рақобати шадид ва тағйирёбии тези нархҳо, маҳдудияти захираҳои табиӣ ва таъсири омилҳои геосиёсӣ мувоҷеҳ мебошад. Мавзуи мазкур мубрам мебошад, зеро устувории иқтисоди миллӣ дар шароити рақобат ва ноустувории ҷаҳонӣ бевосита ба самаранокии сармоягузорӣ ва рушди хизматрасонии соҳаҳо вобаста мебошад.

Калидвожаҳо: *мубрамият, сармоягузорӣ, хизматрасонӣ, устувории иқтисодӣ, ҷалби сармоя, рақобатпазирӣ, сиёсати давлатӣ, инфрасохтор, рушди иҷтимоӣ, стратегияҳои миллии иқтисодӣ.*

Дар шароити имрӯзаи рақобати иқтисодӣ, рушди устувори кишварҳо бевосита ба иқтидори онҳо барои ҷалби сармоя ва истифодаи самараноки он вобастагии зич дошта, он метавонад иқтисоди миллиро тақвият бахшад, сатҳи зиндагии аҳолиро беҳтар ва заминаи рушди устувори кишварро таъмин намояд. Аз ин рӯ, сармоягузорӣ натанҳо воситаи ба даст овардани фоида барои соҳибкорон ва ширкатҳо мебошад, балки омили асосӣ барои устувории иқтисоди миллӣ, рушди инфрасохтор, афзоиши самаранокии

истеҳсолот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, сармоягузорӣ имкон фароҳам меорад, ки кишварҳо технологияҳои нав ва таҷрибаҳои пешқадамро ҷалб намуда, иқтидори рақобатпазирии худро дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ боло баранд. Дар натиҷа, сармоягузорӣ натанҳо ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад, балки заминаи рушди устувор ва таъмини амнияти иҷтимоӣ ва иқтисодиро ҳам таъмин мекунад.

Дар робита ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии кишвар (16 декабри соли 2025) қайд намуданд, ки *“…ҳоло дар кишвар дар самти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, сохтмону азнавсозии иншооти энергетикиву нақлиётӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, тавсеаи хизматрасониҳо, густариши ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муҳим тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда истодаанд”* [1].

Метавон гуфт, ки дар Тоҷикистон низ тайи солҳои охир масъалаи ҷалби сармоя ва рушди самаранокии он яке аз ҳадафҳои стратегии иқтисодӣ муайян гардидааст, зеро сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки кишварҳо иқтидори рақобатпазирии худро дар бозорҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ боз ҳам боло бардоранд. Аз ин нуқтаи назар, дар кишвар барномаҳои давлатӣ ва сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла тавассути имтиёзҳои андозӣ ва осон намудани расмиёти гумрукӣ, таъсири мусбат ба рушди бахшҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ ба фазои мусоиди сармоягузорӣ таъсиргузор мебошанд. Масалан, ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои соноату энергетика, сохтмон ва кишоварзии кишвар имкон дод, ки инфрасохтори энергетикӣ ва роҳу нақлиёт таҷдид ва васеъ гардад ва ба рушди минбаъдаи иқтисодӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат намояд.

Бояд тазаккур дод, ки бо мақсади беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ роҳбарияти олии кишвар як қатор тадбирҳои муҳимро амалӣ менамояд, ки дар расми 1 нишон дода шудааст.

Метавон гуфт, ки расми 1 маҷмуи тадбирҳои калидии роҳбарияти олии кишварро инъикос менамояд, ки ба беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ равона гардидаанд. Амалисозии ин тадбирҳо, аз ҷумла сода намудани расмиёти иҷозатдиҳӣ, густариши шарикии тиҷоратӣ, ҷалби технологияҳои муосир ва татбиқи ислоҳоти институтсионалӣ, барои баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ, таҳкими рақобатпазирии иқтисод ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Расми 1.–Як қатор тадбирҳои муҳим бо мақсади беҳтарсозии муҳити сармоягузорӣ.

***Сарчашма**: таҳияи муаллифон дар асоси сарчашмаҳои соҳа*

Албатта, роҳбарияти олии кишвар равандҳои маъмурӣ ва расмиёти иҷозатдиҳиро сода намуда, ба фазои мусоиди сармоягузорӣ такони ҷиддӣ бахшидааст. Ин амал имкон медиҳад, ки сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ зудтар лоиҳаҳои худро амалӣ кунанд ва дар муҳити рақобатпазир фаъолият намоянд. Ба ақидаи пажуҳишгари тоҷик Ш.Раҳимзода ва дигарон: “Сармоягузориҳои дохилии хусусӣ ба манбаи муҳимтарини маблағгузории тараққиёти мамлакат табдил ёфта истодаанд” [5]. Ба андешаи мо бошад, ин тадбир шаффофияти амалиёт ва эътимоди сармоягузорон ба системаҳои давлатӣ ва иқтисодии кишварро мунтазам зиёд намуда истодааст, ки боиси ҷалби сармояи дарозмуддат, рушди устувори бахшҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва таҳкими рушди иқтисоди миллӣ мегардад.

Илова бар ин, рушди механизми ҳамкорӣ байни сохторҳои давлатӣ ва соҳибкорон барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва барномаҳои стратегӣ яке аз омилҳои асосии афзоиши иқтисод ва ҷалби сармоя мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамкории мутақобилан судманд байни давлат ва бахши хусусӣ барои эҷоди муҳити рақобатпазир, беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо дар ҳама самтҳо ва маҳсулот ва рушди самараноки соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ аҳаммияти калони стратегӣ дорад, чунки дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги истеҳсолӣ, инфрасохтор ва инноватсионӣ густариши шарикии тиҷоратӣ муҳиммияти хоссаи худро дорад. Масалан, раванди зерин метавонад мустақиман ба таҳкими захираҳои молиявӣ, зиёд гардидани зарфияти истеҳсолӣ, ҷалби технологияҳои муосир ва беҳтар намудани системаи идоракунии лоиҳаҳо таъсиргузор бошад.

Дигар ин, ки барои давлат ҳамкории мутақобилан судманд бо бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодиро ба таври самаранок амалӣ карда шаванд. Ба ақидаи коршинос, номзади илмҳои иқтисодӣ А. Одиназода: “Соли 2025 маҳз иштироки фаъоли бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя имкон фароҳам овард, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар ин давра муътадил нигоҳ дошта шуда, суръати рушди воқеии иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 8,4 дарсад таъмин гардад” [12]. Дар ин замина, рисолати худ дар таъмин намудани шаффофият, кафолатҳои ҳуқуқӣ ва таҳкими захираҳои стратегӣ амалӣ гардад. Ин ҳамгироӣ имкониятҳои нав барои воридшавии сармояи мустақим ва рушддиҳии захираҳои маҳаллиро фароҳам меорад ва заминаи афзоиши рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва устувории бозорҳоро устувор мекунад.

Дар шароити ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ ва рақобати шадид барои захираҳо, истифодаи васеи воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ аҳаммияти махсус дорад. Ин аст, ки роҳбарияти олии кишвар ҳамасола таваҷҷуҳи хос ба беҳтар намудани фазои соҳибкорию сармоягузорӣ зоҳир намуда, густариши шарикии тиҷоратӣ байни давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун муҳаррик ва кафили рушди иқтисодиёт, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки стратегӣ нақши беназир доранд. Пас, бо қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки дар шароити имрӯза масъалаи сармоягузорӣ натанҳо ҳамчун омили пешбарандаи иқтисодиёт, балки ҳамчун муҳаррики рушди инноватсионӣ ва таъсис додани ҷойҳои нави корӣ метавонад хизмат намояд. Ба ақидаи пажуҳишгар З.Шарипова: “Рушди сармоягузорӣ ва ташаккули фазои сармоягузорӣ дар кишвар ҳамчун стратегия ва омили муҳимми таҷдиди иқтисодиёти миллӣ муайян шудааст” [6]. Албатта, тибқи мушоҳидаҳо давлатҳои рушдкарда боз ҳам талош меварзанд, ки сармоягузории хориҷиро мунтазам ҷалб намоянд, зеро он ҷойҳои нави корӣ таъсис дода, маҳсулот истеҳсол мекунад, ба буҷаи андоз даромад меорад ва барои рушди соҳаҳои содиротӣ заминаи мусоид мегузорад. Бо дарназардошти ин, сармоягузории хориҷӣ барои рушди устувори иқтисодӣ, таъмини истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳо дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба ақидаи муҳаққиқ Ш.Рахимзода ва дигарон: “Ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ дар Тоҷикистон ҳудуди 7-8 дарсади ММД-ро ташкил медиҳад, ки ин аз рӯйи стандартҳои байналмилалӣ баланд буда, аз муҳиммияти баланд бардоштани сифат ва самаранокии сармоягузориҳои давлатӣ шаҳодат медиҳад” [5]. Ба андешаи мо, дар чунин шароит масъалаи калидӣ на зиёд кардани ҳаҷми сармоягузориҳо, балки баланд бардоштани

сифати банақшагирӣ, интихоби лоиҳаҳо, мониторинг ва арзёбии самаранокии онҳо ба шумор меравад. Дар шароити кунунӣ самаранокии рушди иқтисодӣ бештар аз ҳаҷм не, балки аз сифати банақшагирӣ, интихоби лоиҳаҳо ва низоми мониторинг ва арзёбии онҳо вобаста аст. Бе ин, ҳатто сармоягузориҳои баланд метавонанд таъсири кофии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ надошта бошанд.

Солҳои охир ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиш дорад. Сармоягузорон, одатан, ба соҳаҳои фоиданок ва афзалиятноки иқтисоди миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар ин раванд, барномаҳои давлатии сармоягузорӣ, ки бо сармоягузорони хориҷӣ мувофиқа шудаанд, дар рушди инфрасохтори бозор ва саноат нақши муҳим мебозанд. Дар робита ба ин, доир ба сармоягузорӣ ва фондҳои инноватсионӣ пажушигарони тоҷик О.Муртазозода ва А. Нуриддинзода иброз менамоянд: “Дақиқ аст, ки маблағгузорӣ ва сармоягузории устувор барои амалӣ шудани лоиҳаҳои инноватсионӣ бениҳоят зарур дониста мешавад. Ташкилотҳои молиявӣ ва қарзӣ натанҳо сармоя пешниҳод мекунанд, балки дар арзёбии таваккалҳо ва таҳияи механизмҳои бозгашти сармояҳо низ кумак мерасонанд” [3]. Ё ин, ки М. Шмарков ба соҳаи туризм афзалият дода, иброз медорад, ки “таваҷҷуҳи махсус бояд ба эҷоди муҳити мусоиди сармоягузорӣ дода шавад, ки барои ҷалби сармоягузорон ба соҳаи сайёҳӣ шароити мусоид фароҳам меорад” [7]. Ба ақидаи мо, муҳимтар аз ҳама, эҷоди муҳити боэътимод ва устувори сармоягузорӣ буда, метавонад ба ҷалби сармояи хориҷӣ, рушди инфрасохтор ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ заминаи мусоидро фароҳам оварад. Танҳо тавассути муҳити хуби ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иттилоотӣ ташкилотҳои молиявӣ ва сармоягузорон, метавонанд таваккалҳоро коҳиш диҳанд, маблағгузорӣ кунанд ва дар амалӣ кардани лоиҳаҳои инноватсионӣ дар тамоми самтҳо ҳиссагузор бошанд.

Лозим ба таъкид аст, ки тайи солҳои охир суръати рушди иқтисоди ҷаҳон суст гардида, таҳримҳои иқтисодии кишварҳои аврупоӣ ва ИМА нисбати шариконии тиҷоратии Тоҷикистон афзудааст, ки ба иқтисоди кишвар метавонад таъсиргузор бошад. Дар баробари ин, вазъи мазкур метавонад мушкилоти нав ва ҳамзамон, имкониятҳои иловагиро барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба миён орад. Аз лиҳози имкониятҳо аз ҷалби сармоягузориҳои ширкатҳои таҳримзада, содироти молу маҳсулоти ватанӣ ба кишварҳои таҳримдор, воридоти технологияҳои муосир ва бастани созишномаҳои нави ҳамкорӣ иборат мебошанд, ки барои амалигардонии ҳадафҳои стратегӣ ва таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ дар кишвар вобаста ба муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва рӯнамоии иқтидорҳои ватанӣ чораҷӯйӣ карда мешавад. Чунки дар сенарияи дурнамои

соҳаи саноат ба саноатикунонии босуръат, устуворгардонии низоми молиявӣ ва ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ диққати аввалиндараҷа дода шудааст.

Самаранокии сиёсати сармоягузории давлатӣ бе танзими шаффоф, татбиқи босифати қонунгузорӣ ва истифодаи механизмҳои таҳлили стратегӣ имконнопазир аст. Қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» қадами муҳим дар самти такмили муҳити сармоягузорӣ ба ҳисоб рафта, барои рушди ҳам сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ замина фароҳам овард. Ҳамин тавр, фаъолияти сармоягузорӣ дар Тоҷикистон бо як низоми мукаммал аз санадҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои стратегӣ танзим мешавад, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Заминаи ҳуқуқӣ ва барномавии танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Санадҳои ҳуқуқӣ ва барномаҳои стратегӣ	Самти танзим	Мазмуни асосӣ	Афзалият ва аҳаммияти стратегӣ
1.	**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ”**	Қонун заминаи ҳуқуқии фаъолияти сармоягузориро муайян мекунад, ҳуқуқ ва кафолатҳои сармоягузоронро фароҳам меорад.	Қонун муҳити боэътимоди ҳуқуқиро барои ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ таъмин менамояд.	Заминаи ҳуқуқӣ барои ҷалби сармоя, кафолатҳои ҳуқуқӣ барои сармоягузорон, муҳити боэътимоди сармоягузорӣ.
2.	**Барномаҳои сармоягузории давлатӣ (солҳои 2010-2012, 2012-2014, 2016-2020, 2021-2025)**	Барномаҳо ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва тақсимоти захираҳои молиявиро танзим мекунанд.	Барномаҳо самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ ва рушди инфрасохториро таъмин менамоянд.	Танзими ҷараёни сармоягузорӣ, самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, рушди инфрасохтор.
3.	**Қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи тартиби таҳияи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва амалӣ намудани Барномаи сармоягузориҳои давлатии ҶТ”**	Қарор равандҳои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, аз ҷумла назорат ва баҳогузорӣ, ба роҳ монда шудааст.	Шаффофият ва назорати муассирро дар татбиқи сармоягузориҳои давлатӣ таъмин менамояд.	Таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо, назорат ва баҳогузорӣ, шаффофият ва назорати муассир.
4.	**Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030**	Стратегия самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро муайян намуда, ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷиро пешбинӣ мекунад.	Ин санад самти умумии рушди кишвар ва мутобиқати сармоягузориҳоро бо ҳадафҳои стратегӣ таъмин менамояд.	Муайян кардани самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, мутобиқати сармоягузорӣ бо ҳадафҳои стратегӣ.
5.	**Барномаи рушди**	Барнома ба рушди	Барнома рушди	Рушди технологӣ

	инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020	технологӣ ва инноватсионӣ, инчунин, ҷалби сармояи хусусӣ ба самти инноватсия равона шудааст.	иқтисоди донишбунёд ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишварро ҳавасманд мекунад.	ва инноватсионӣ, ҷалби сармояи хусусӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисод.
6.	**Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025**	Барнома ба рушди саноат, ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ ба соҳаҳои афзалиятнок ва афзоиши истеҳсол равона шудааст.	Барнома суръати саноатикунониро афзоиш медиҳад ва таъсири мусбати сармоягузориҳоро ба иқтисоди миллӣ таъмин менамояд.	Афзоиши саноат, ҷалби сармояи давлатӣ ва хусусӣ, таъсири мусбат ба иқтисоди миллӣ.

Сарчашма: *таҳияи муаллифон дар асоси адабиёти соҳа.*

Дар робита ба ҷадвали 1 метавон гуфт, ки дар шароити Тоҷикистон ҳамаи ин санаду барномаҳо ба якдигар такя карда, як муҳити боэътимод барои сармоягузорӣ ва рушди хизматрасониро дар тамоми самтҳо фароҳам меоранд. Маҳз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” ва “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” заминаи ҳуқуқӣ ва самтҳои афзалиятнокро муайян мекунанд, барномаҳои сармоягузорӣ ва саноатикунонии босуръат ҷалби маблағ ва рушди инфрасохторро таъмин менамоянд ва барномаи инноватсионӣ рақобатпазирии иқтисоди Тоҷикистонро баланд мебардорад. Ин ҳама омилҳо дар якҷоягӣ ба устувории иқтисоди миллӣ ва беҳбудии зиндагии мардум мусоидат мекунанд. Илова бар ин, ин нишон медиҳад, ки Тоҷикистон барои фаъолиятҳои сармоягузорӣ як муҳити мукаммали ҳамоҳангшударо аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, стратегӣ ва амалӣ доро мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ҳамгироии ду омил, яъне сармоягузорӣ ва хизматрасонӣ, таъсири ба маротиб бештар дорад. Ин ҳамгироӣ ба он асос меёбад, ки сармоягузорӣ ва хизматрасонӣ якдигарро такмил медиҳанд ва самаранокии умумии иқтисодро афзоиш медиҳанд.

–якум, сармоягузорӣ ба инфрасохтор, ба мисли нақлиёт, энергетика ва алоқа, заминаи устувори рушдро барои соҳаи хизматрасонӣ таъмин мекунад. Масалан, беҳтар шудани шабакаи роҳҳо ва қудрати энергетикӣ ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки хизматрасонии тиҷоратӣ ва саноатиро ба таври босифат ва зуд таъмин кунанд. Ин раванд рушди соҳаҳои савдо, логистика, нақлиёт ва молияро суръат мебахшад.

– *дуюм*, рушди хизматрасонии молиявӣ ва технологӣ самаранокии сармоягузориро афзоиш медиҳад. Хизматрасонии бонкӣ, суғурта ва технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки сармоягузорон захираҳои худро бо хатари камтар ва бо манфиати бештар ба лоиҳаҳо равона созанд. Ин омил рушди истеҳсолот ва эҷоди ҷойҳои нави кориро таъмин мекунад.

Мутмаин ҳастем, ки ҳамгироии ин ду омил ба афзоиши маҳсулнокӣ, зиёд шудани ҷойҳои корӣ ва беҳбудии иҷтимоӣ оварда мерасонад. Аз ин

рӯ, ҳамгироии сармоягузорӣ ва хизматрасонӣ натанҳо барои рушди иқтисоди миллӣ муҳим аст, балки барои таъмини рушди устувор ва беҳбудии иҷтимоӣ низ нақши калидӣ мебозад. Бахусус, барои рушди устувори Тоҷикистон низ ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ ва тақвияти соҳаи хизматрасонӣ муҳим арзёбӣ гардида, ба мустаҳкам шудани буҷаи давлатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ба беҳбудии сатҳи зиндагии мардум мусоидат хоҳад намуд. Дар ин хусус пажуҳишгарони тоҷик С.Холаҳмади ва Н.Саидова ба таври муфассал ибрози андеша намудаанд [8]. Ба ақидаи таҳлилгарон, инноватсияҳо ва сармоягузориҳо ба рушди сифатан хуби хизматрасониҳо ва соҳибкорӣ дар мамлакат мусоидат хоҳанд кард.

Ба ақидаи муҳаққиқ Б.Вишнякова: “Имрӯз давлат пеши худ мақсади рушди бахши хурду миёнаи соҳибкориро гузоштааст. Барои расидан ба ин мақсад, давлат фаъолияти соҳибкориро тавассути ҷалби сармоягузорӣ ва эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ мувофиқ месозад” [2]. Албатта, дар ин самт давлат нақши калидӣ дошта, шароити рушдро ҳам фаъолона фароҳам меорад, ки мусоидаткунандаи рушди устувори бахши хурду миёнаи соҳибкорӣ мебошад.

Аз ин нуқтаи назар, сармоягузорӣ ва рушди хизматрасонӣ натанҳо омилҳои рушд, балки пояҳои устувории иқтисоди миллӣ мебошанд. Кишварҳое, ки тавонистаанд ҳам сармоягузорӣ ва ҳам хизматрасониро дар ҳамоҳангӣ рушд диҳанд, сатҳи зиндагии мардумро баланд намуда, ба иқтисодиёти устувор ноил шудаанд. Масалан, давлати Сингапур бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди соҳаи хизматрасонии молиявӣ ва технологияҳои иттилоотӣ тавонист иқтисодиёт ва сатҳи зиндагии шаҳрвандонашро ба сатҳи ҷаҳонӣ расонад. Аслан, Сингапур як кишвари шаҳрӣ дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ аст, ки дар чанд даҳсолаи охир яке аз намунаҳои муваффақи рушди иқтисодӣ дар ҷаҳон гардид [9]. Бо вуҷуди набудани захираҳои табиӣ, Сингапур тавонист иқтисодиёти пешрафта ва сатҳи баланди зиндагии шаҳрвандонро таъмин намояд. Асосҳои муваффақияти кишвар ҷалби стратегӣ ва самараноки сармояҳои хориҷӣ, рушди соҳаи молиявӣ ва татбиқи фаъолонаи технологияҳои иттилоотӣ мебошанд.

Лозим ба ёдоварист, ки татбиқи сиёсатҳои созандаи роҳбарияти олии кишвар ва фаъолияти бахши хусусӣ барои фароҳам овардани муҳити мусоид натанҳо ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат намуд, балки барои наслҳои оянда устувории дарозмуддати кишварро таъмин намуд. Дар солҳои охир Тоҷикистон ислоҳоти фарогир дар низоми иҷозатдиҳиро амалӣ намуд, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 17-уми декабри соли 2025 ба тасвиб расида, аз 23-юми декабр эътибор пайдо кардааст. Дар натиҷа, 44 номгӯйи санадҳои дорои хусусияти иҷозатдиҳӣ ва 43 зернавъи фаъолияти онҳо бекор гардида,

шумораи умумии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва санадҳои тасдиқ аз 208 то 164 номгӯй коҳиш ёфт. Ҳамчунин, мақомоти иҷозатдиҳанда аз 33 ба 30 мақомот кам карда шуданд [10]. Ин ислоҳот се гурӯҳи асосии абзорҳои танзимкунандаро фаро гирифта, ба содагардонии муҳити соҳибкорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ равона шудааст. Аз ҷумла шумораи иҷозатномаҳо аз 78 то 68, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ аз 71 то 56 ва санадҳои тасдиқ аз 56 то 37 коҳиш дода шуд. Ҳамин тавр, тағйирот бо ворид намудани ислоҳ ба қонунгузории низоми иҷозатдиҳӣ амалӣ гардиданд.

Ин раванд дар доираи сиёсати давлатии рақамикунонӣ ва бо истифода аз таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ марҳала ба марҳала татбиқ шуда истодааст. Дар маҷмуъ, ислоҳоти мазкур сарбории маъмурӣ ва хавфҳои санҷиширо коҳиш дода, шаффофият ва самаранокиро баланд бардошта, барои рушди устувори соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар робита ба ин, ҳаҷми воридоти сармояҳои хориҷӣ дар диаграммаи 1 нишон дода шудааст.

Диаграммаи 1

Ҳаҷми воридоти сармояҳои хориҷӣ (миллион $)



Сарчашма: [11]

Номгуй	Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот *дар январ-декабри соли 2025 (бо нархҳои с. 2025)*	Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот *дар январи – декабри соли 2025 (бо нархҳои муқоисави соли 2024)*	*Вазни қиёсӣ бо дарсад*			
			Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот дар январи декабри соли 2025, бо % нисбат ба *январ-декабри соли 2024*	*Хоҷагиҳои ҷамъиятӣ*	*Хоҷагиҳои деҳқонӣ*	*Хоҷагиҳои аҳолӣ*
Ҳаҷми маҷмуи маҳсулот, ҳамагӣ	**88006,3**	**84653,8**	**109,5**	**12,5**	**34,7**	**52,8**
ВМКБ	*1278,3*	*1131,2*	104,0	22,6	11,9	65,5
Вилояти Суғд	*26196,8*	*25928,9*	111,0	19,6	41,0	39,4
Вилояти Хатлон	47181,2	45238,9	109,7	9,0	31,5	59,5
НТҶ	13350,0	12354,8	106,1	9,2	35,5	55,3
Рустанипарварӣ	**57173,0**	**56588,0**	**109,9**	**13,5**	**48,5**	**38,0**
ВМКБ	609,2	588,8	105,4	43,3	20,8	35,9
Вилояти Суғд	17386,8	17812,1	108,7	17,2	55,3	27,5
Вилояти Хатлон	30891,6	30166,7	111,4	12,5	44,3	43,2
НТҶ	8285,4	8020,4	107,8	7,0	51,2	41,8
Чорводорӣ	**30833,3**	**28065,8**	**108,5**	**10,4**	**7,0**	**82,6**
ВМКБ	669,1	542,4	102,5	0,2	2,2	97,6
Вилояти Суғд	8810,0	8116,8	116,4	25,0	9,5	65,5
Вилояти Хатлон	16289,6	15072,2	106,5	2,1	5,9	92,0
НТҶ	5064,6	4334,4	102,9	13,4	6,4	80,2

Сарчашма: *таҳия ва ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Вазъи иҷтимоию иқтисодӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2025. –Саҳ.23.*

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар моҳҳои январ–декабри соли 2025 ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 12,5 дарсадро ташкил дод, ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои ВМКБ 22,6 дарсад, вилоятҳои Суғд 19,6 дарсад, Хатлон 9,0 дарсад ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 9,2 дарсад рост меояд. Дар ин давра ба хоҷагиҳои деҳқонӣ 34,7 дарсади ҳиссаи ҳаҷми умуми маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд. Дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ҳиссаи хоҷагиҳои аҳолӣ 52,8 дарсадро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои ВМКБ 65,5 дарсад, вилояти Суғд 39,4 дарсад, дар вилояти Хатлон 59,5 дарсад ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 55,3 дарсадро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 2.

Воридоти сармоя дар моҳҳои январ–декабри соли 2024–2025 аз рӯйи минтақаҳо

Минтақаҳо	Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ (млн. сомонӣ)		Вазни қиёсӣ (ҳисса)-и минтақаҳо дар ҳаҷми умумии сармоя бо % ба ҳолати моҳи январ январ – декабри соли 2024 –2025	
	2024	2025	2024	2025
Ҷумҳурии Тоҷикистон	**22543.0**	**28736.0**	**100,0**	**100,0**
ВМКБ	1184,8	1282,7	5,3	4,5
Вилояти Хатлон	3446,8	4003,5	15,3	13,9
Вилояти Суғд	2964,6	4229,5	13,2	14,7
ш.Душанбе	6126,8	8336,8	27,2	28,3
НТҶ	8820,0	10883,5	39,0	46,8

Сарчашма: *таҳия ва ҳисоби муаллиф аз рӯйи маълумоти Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, январ–декабри соли 2025. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2025. –С-37.*

Воридшавии сармояҳо дар моҳҳои январ–декабри соли 2025 дар минтақаҳо чунин тавсиф мешаванд, ВМКБ–1282,7 млн. сомонӣ ё 4,5 дарсад, дар вилояти Хатлон 4003,5 млн. сомонӣ (13,9 дарсад), дар вилояти Суғд 4229,5 млн. сомонӣ (14,7 дарсад), дар шаҳри Душанбе 8336,8 млн. сомонӣ (29,0 дарсад) ва дар НТҶ 10883,5 млн. сомонӣ ё 37,9 дарсади ҳаҷми умумии сармоягузориҳои ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Таҳқиқи сармоягузорӣ вобаста ба сохтори он ба сармояи асосӣ нишон дод, ки аз рӯйи ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ мақоми аввалро зироаткорӣ, сабзаваткорӣ, боғдорӣ ва мақоми дуюмро бошад, парандапарвариӣ ишғол мекунад. Ҳаҷми сармоягузориҳо ба соҳаи кишоварзӣ дар соли 2025, маблағи умумии сармоягузориҳо 12,9 млн. сомонӣ ё нисбат ба моҳи январ–декабри соли 2024-ум 33,8 дарсадро (бо нархҳои муқоисавӣ) ташкил додааст. Ҳолати мазкур бозгӯйи вазъи нодуруст ва нокифоягии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзиро нишон медиҳад ва тақозо менамояд, ки ҳолати мазкур диверсификатсия карда

шавад. Яке аз роҳҳои ҷалби сармоя, ки нокифоягии онро дар соҳаи кишоварзӣ бартараф менамояд, ин пайванди низоми бонкии кишвар ҷиҳати маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур мебошад. Барои такмили соҳа "...дар "Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таъсис додани бонки махсусгардонидашудаи соҳаи кишоварзӣ пешбинӣ шудааст" [2].

Дар баробари ин, дар тули панҷ соли охир "Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ барои солҳои 2021–2025", "Барномаи рушди соҳаи харгӯшпарварӣ барои солҳои 2022–2026", "Барномаи маҷмуавии рушди соҳаҳои чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва занбуриасалпарварӣ барои солҳои 2023–2027", "Барномаи рушди низоми агроғизоӣ ва кишоварзии устувор то соли 2030", "Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ барои солҳои 2025–2029" ва "Барномаи рақамикунонии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025–2030" қабул гардидаанд, ки онҳо ба навсозии бахши аграрӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии он ва таъмини амнияти озуқавории кишвар равона карда шудаанд.

Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди аҳаммияти калони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, то ҳол бо масъалаи камбудии сармоягузориҳои иловагӣ мувоҷеҳ аст. Дар солҳои охир ҳаҷми умумии сармоягузориҳо афзоиш ёфтааст, аммо ҳиссаи онҳо дар маҷмуи сармоягузориҳои иқтисодӣ то ҳол номутаносиб паст боқӣ мондааст.

Манбаъҳои асосии сармоягузорӣ маблағҳои давлатӣ, хусусӣ ва хориҷӣ мебошанд, ки асосан ба инфрасохтори обёрӣ, механизатсия, коркарди заминҳои нав ва рушди чорводорӣ равона карда мешаванд. Аммо ҷалби сармоя бо мушкилоти зиёде, аз ҷумла хавфи баланди сармоягузорӣ, муддати дарози баргаштани сармоя, сатҳи пасти самаранокӣ ва номукаммалии базаи қонунгузорӣ мувоҷеҳ аст.

Бо вуҷуди ин, имкониятҳои бузурги сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри афзудани бахши кишоварзӣ дида мешавад, аз ҷумла дорои захираҳои ғании табиӣ будани мамлакат, захираҳои бузурги меҳнатии арзон, наздикии ҷуғрофӣ бо бозорҳои калон ва дастгирии давлатӣ. Барои истифодаи самараноки ин имкониятҳо татбиқи чорабиниҳои комплексӣ доир ба беҳтар намудани базаи қонунгузорӣ, такмили низоми молиявӣ, ташаккули пояи моддию техникӣ, ҳарчи зудтар истифода бурдани технологияҳои муосир ва такмил додани малакаи корӣ мутахассисон муҳим арзёбӣ мегардад.

Татбиқи таҳлили пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки шароити мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ муҳайё гардида, ҷалби сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ таъмин карда шавад, ки ин дар ниҳоят ба рушди

устувори соҳа ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Вазъи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон январ – декабри соли 2025. –Душанбе, 2025. –39 с.

2. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658. (Захираи электронӣ) https://mmih.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=34299# (Санаи мурочиат: 29.11.2025).

3. Омори солонаи вилояти Суғд, 2023. Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 418 с.

4. Рахматзода Р., Кудратова Ф.Р. Таҳлили сохтори сармоягузории хориҷӣ барои рушди устувори соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Рахматзода Р., Кудратова Ф.Р., // Паёми ДДМИТ “Молия ва иқтисод”-Душанбе, -2023 сол, № 4/2 (39). – С. 36-44. [Захираи электронӣ] URL: https://vestnik.tgfeu.tj/storage/jurnals/February2025/mqSQXgcYmM2j2RmmXWfF.pdf (Санаи мурочиат: 10.03.2026).

5. Раҳматзода Р. Асосҳои назариявӣ-методологии такмили фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ / Р. Раҳматзода, Ф. Р. Қудратова // Паёми Молия ва иқтисод. – 2022. – №2.1(31). – С. 35 – 42. [Захираи электронӣ] URL: https://vestnik.tgfeu.tj/storage/jurnals/February2025/cb2NhL3ZtntyZxKDtvwq.pdf

6. Сафаров Б. Г. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии мафҳуми сармоягузории хориҷӣ / Б. Г. Сафаров, М. И. Ҳамроев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – № 4-2(34). – С. 34-42.

7. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов Антология экономической классики:// Смит А. Собр. соч.: В 2 т. - Т. 1 – М., 1991. –474 с.

ОЦЕНКА СОСТОЯНИЯ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫЙ СЕКТОР РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

ГУЛОМНОСИРОВА ФАРЗОНА МАМАДНОСИРОВНА,
заместитель начальника Управления по анализу и прогнозированию макроэкономических вопросов Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, улица Шотемур 27;
тел .: (+99237) 889-04-01-01; e-mail: fmamadno@gmail.com

Статья посвящена анализу состояния привлечения инвестиций в сельскохозяйственный сектор Республики Таджикистан. В ходе исследования изучены основные направления инвестирования, источники финансирования, проблемы и возможности привлечения капитала в эту важную отрасль экономики. Результаты исследования показывают, что сельскохозяйственный сектор, несмотря на большое экономическое и социальное значение, страдает от нехватки дополнительных инвестиций. В статье представлены практические предложения по улучшению инвестиционного климата и повышению привлекательности данной отрасли для отечественных и иностранных инвесторов.

Ключевые слова: *инвестиции, сельское хозяйство, Таджикистан, источники финансирования, инвестиционная среда, экономическое развитие.*

ASSESSMENT OF THE STATE OF INVESTMENT ATTRACTION IN THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

GULOMNOSIROVA FARZONA MAMADNOSIROVNA,
deputy head of the Department of analysis and forecasting of
Macroeconomic issues of the Center for strategic research
under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Shoytemur str. 27;
tel.: (+99237) 889-04-01-01; e-mail: fmamadno@gmail.com

The article is devoted to the analysis of the state of investment attraction in the agricultural sector of the Republic of Tajikistan. The study examines the main directions of investment, sources of financing, problems and opportunities for attracting capital to this important sector of the economy. The research results show that the agricultural sector, despite its great economic and social importance, suffers from a shortage of additional investments. The article presents practical proposals for improving the investment climate and increasing the attractiveness of this sector for domestic and foreign investors

Keywords: *investment, agriculture, Tajikistan, sources of financing, investment environment, economic development.*

УДК: 004:35:34

МАҚОМ ВА НАҚШИ НИЗОМИ ҲУКУМАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР РУШДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ СОҲАИ САНОАТ: МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ ВА ДУРНАМОИ РУШД

ИСМОИЛИЁН КОМРОН ИСМОИЛЗОДА,
сардори шуъбаи ҳуқуқи ҶДММ “Пӯлодӣ Плаза”, унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Саид Носир 33;
тел.: (+992) 926-30-80-03; e-mail: komron_i@mail.ru

Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ҷанбаҳои гуногуни истифодаи истилоҳоти технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва ҳукумати электронӣ дар қиёс бо истилоҳоти дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифодашаванда мавриди таҳлил қарор дода шавад. Муҳаммияти иттилоот ва иттилоотонӣ дар раванди татбиқи ҳукумати электронӣ баррасӣ гардида, заминаҳои ҳуқуқии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳким ёфтани равандҳои иттилоотонӣ бо роҳи ҷоринамоии низоми ҳукумати электронӣ таҳқиқ шуда, доир ба натиҷаҳои ба дастомада ибрози андеша карда шудааст. Муҳим шуморида мешавад, ки танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии босамари консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои рушди саноат ва амалигардии ҳадафи чоруми стратегӣ маҳсуб меёбад. Барои мақсаднок ва натиҷабахш будани ташаккули низоми ҳукумати электронӣ бояд ин раванд ба таври маҷмуӣ амалӣ карда шавад: бо истифодаи барномаву нармафзорҳои санҷидашудаи муътадил фаъолияткунанда; бо инфрасохтори ТИК-и устувору фарогири тамоми минтақаҳо; бо иштироки васеъ ва фаъолонаи шахсони воқеъию ҳуқуқӣ; бо такмили сохтори идораи давлатӣ ва иштироки доиммии он дар веб-фазои интернетӣ.

Калидвожаҳо: *ҳукумати электронӣ, Ҳ-электронӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, нақши Ҳ-электронӣ дар рушди саноат, ТИК дар саноат, танзими ҳуқуқии Ҳ-электронӣ.*

Ба инсоният бо азхудкунии ашёву афзор, бо кашфу ба даст гирифтани зимоми қувваи энергия, бо ихтироъи механизмҳои пуриқтидору аз кашфи хурдтарин мавҷудоти рӯйи замин то кашфи коинот дар ниҳояти кор зарурате пеш омад, ки роҳҳои ҷамъоварӣ, коркард, маҳфуз, нигоҳ доштан, паҳн намудан ва истифодаи васеъи чунин иттилоот ва умуман, иттилоотро низ андеша намояд, зеро вақте мо иттилоот мегирем, он танҳо чун маълумот нест, балки он барои чизе лозим аст.

Дар марҳалаи муосир, рушди илму техника ва умуман тамоми соҳаҳо бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ғайриимкон аст ва пеш аз он, ки мақом ва нақши низоми ҳукумати электронӣ дар рушди идоракунии давлатии соҳаи саноат баррасӣ карда шавад, моро лозим аст, ки сараввал мухтасар ба мафҳуми «технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» рӯй оварем, зеро «ҳукумати электронӣ» бевосита бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ амалӣ гардида, истифодаи он дар низоми идоракунии давлатӣ ҳануз пеш аз пайдоиши мафҳуми «ҳукумати электронӣ» ба вуҷуд омадааст. Ҳамзамон, то тасдиқ шудани "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643) дигар санадҳои қонунгузорӣ, меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие қабул ва тасдиқ гардида буданд, ки ба пешрафти илмию техникӣ, махсусан, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, мусоидат намуда, барои ташаккул ва амалишавии «ҳукумати электронӣ» заминаи ҳуқуқӣ гузоштаанд.

Мафҳуми «технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ» – (минбаъд ТИК) дар сарчашмаҳои гуногуну соҳаҳои мухталиф, вобаста ба таъиноти истифодабарии ТИК, тафсири ягона надошта, ба таври гуногун шарҳу тавзеҳ дода шудааст. Чунончи, дар луғати тафсирӣ доир ба ҷомеаи иттилоотӣ ва иқтисоди нав омадааст, ки «ТИК – маҷмуи усулҳо, равандҳои истеҳсолӣ ва воситаҳои барномавию техникӣ, ки бо мақсади ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ, паҳн, намоиш ва истифодаи иттилоот ба манфиати корбарони он муттаҳид карда шудаанд» [1]. Аз нуқтаи назари ҷомеашиносӣ бошад, ТИК чун тафсири қаблӣ, вале бо каме тафсилот шарҳ дода шудааст, яъне он воситаҳои гуногуни таҷҳизоти нармафзории дар асоси техникаи компютерӣ амалкунанда ва инчунин, воситаҳои муосиру низоми мубодилаи иттилоот мебошад, ки ҷамъоварӣ, захиранамоӣ, нигоҳдорӣ, истеҳсол ва интиқоли иттилоотро таъмин мекунанд [1], фаҳмида мешавад. Дар "Энсиклопедияи калон"-и Русия онро чун маҷмуи усулҳо, воситаҳои барномавӣ-техникӣ ва технологӣ, ки ҷамъоварӣ, захирасозӣ, коркард, нигоҳдорӣ, пешниҳод, паҳнкунии иттилоот, инчунин, автоматикунонии идоракунии равандҳои тиҷоратии ташкилотҳо, тарҳрезӣ ва истеҳсоли таҷҳизоти гуногунро таъмин мекунанду ба таркиби ТИК ҳатман ҳам воситаҳои техникӣ ва ҳам усулҳои интиқоли иттилоот (масалан, хатти алоқа, шабакаи компютерӣ) дохил мешаванд [3], шарҳ додаанд.

Дар Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174 тасдиқ шудааст, истилоҳи «технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони (ТИК)» чунин

муқаррар гардидааст: «маҷмуи объектҳо, амалу қоидаҳои ба таҳия, коркард ва расонидани иттилоот вобастабуда, дар алоқамандӣ бо коммуникатсияи шахси, оммави ва истеҳсоли, инчунин, кулли технологияҳо ва соҳаҳо, ки ҷараёни номбаршударо якҷоя таъмин мекунанд» [4]. Бо ҷамъбаст намудани шарҳу тавзеҳоти фавқуззикр метавон гуфт, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ин низоми фарогирест, ки иттилооту раванди иттилоотониро идора намуда, бо истифода аз он ба тамоми соҳаҳо таъсири бевосита ва ё бавосита расонидан имконпазир аст.

Бо дарназардошти зарурати ташкили шароитҳои технологӣ, воситаҳои нармафзорию таҷҳизотӣ, низоми телекоммуникатсионӣ, таъмини дастрасии фарогир ба иттилоот ва истифодаи васеи чунин воситаҳои босамари муосиру низоми иттилоотонӣ, ки дар рушди иқтисодиёту иҷтимоиёт ва умуман, дар рушди тамоми соҳаҳо омили муҳим арзёбӣ мегардад, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат 20 марти соли 2002 чунин дастур дода буданд: *«Бо дарназардошти вазъи геополитикии кишварамон, рушди рӯзафзуни технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва таъсиру нуфузи иттилооти омма ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба мо зарур аст, ки консепсияи ташаккул ва рушди фазои ягонаи иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои дахлдори иттилооти давлатиро таҳия, баррасӣ ва қабул намоем»* [3].

Дар ин замина ва то қабул гардидани Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор санадҳои мушаххаси меъёрии ҳуқуқие қабул ва тасдиқ гардида буданд, ки муносибатҳои байни давлат ва шахсони воқеъию ҳуқуқиро дар самти иттилооту иттилоотонӣ муқаррар ва танзим намуда, асосҳои ҳуқуқии ҷорӣ намудани «ҳукумати электронӣ»-ро гузоштаанд, аз қабили Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» (16.09.1999, №1347); Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2004, №61); қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ» (10.05.2002, №46); «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» (10.05.2002, №51), «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» (10.05.2002, №53); «Дар бораи сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» (10.05.2002, №54); «Дар бораи иттилоот» (10.05.2002, №55); «Дар бораи алоқаи барқӣ» (10.05.2002, №56); «Дар бораи номгӯйи маълумоти дорои сирри давлатӣ» (10.05.2002, №57); «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ» (22.04.2003, №5); «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» (03.03.2006, №168); «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» (30.07.2007, №320); «Дар бораи сирри

тиҷоратӣ» (18.06.2008, №403); «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» (18.06.2008, №411); «Дар бораи парки технологӣ» (21.07.2010, №629); қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкили системаи ягонаи автоматиконидашудаи таҳияи аснод дар дастгоҳи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (19.02.1997, №108); «Дар бораи таъсиси Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот ва тадбирҳои танзими воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» ва «Дар бораи Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон (08.08.2001, №389); Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони барои рушди Тоҷикистон» (05.11.2003, №1174); Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (03.12.2004, №468).

Чунонки таҳлилҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда нишон доданд, танзими истифодаи ТИК ва истифодаи он дар раванди идораи давлатӣ ва соҳаҳои гуногун талаботи замони мусоир буда, яке аз мақсадҳои ҷоринамоии низоми «ҳукумати электронӣ» низ маҳз баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ бо истифодаи васеъи ТИК ва ислоҳоти низоми идораи давлатӣ мебошад [1].

Асосҳои конститутсионии ҷорӣ намудани низоми «ҳукумати электронӣ» – (минбаъд Ҳ-электронӣ) хусусан дар моддаҳои 1, 14, 25, 31 ва 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардида, муқаррар менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварда, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд; онҳо вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд; шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсан ва ё якҷоя бо дигарон ба мақомоти давлатӣ муроҷиат намояд ва ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад [2].

Азбаски Ҳ-электронӣ чун яке аз омилҳои рушди давлат, хусусан, соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ маҳсуб меёбад, таваҷҷуҳи олимон низ ба омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни Ҳ-электронӣ ҷалб гардид, зеро бо роҳандозии низоми нави идоракунӣ ва кӯшиши содагардонии муносибати сохторҳои ҳукуматӣ бо шахсони воқеию ҳуқуқӣ мушкилоти гуногуни техникиву технологӣ, сиёсиву маъмурӣ, бунёдиву ҳуқуқӣ, раванди татбиқ ва ғайраҳо ба миён омаданд. Дар охири солҳои 90-уми асри гузашта ва дар оғози асри XXI сараввал олимони давлатҳои ғарбӣ ва баъдан олимони рус вобаста ба ин масъала як қатор корҳои илмиро анҷом доданд. Дар доираи илмии

мамлакати мо бошад, пас аз солҳои 2010 аввал олимони иқтисодшинос ва баъдан ҳуқуқшиносон корҳои муайяни илмии худро бахшида, фикру ақидаҳои худро вобаста ба мукаммал намудани раванди татбиқи низоми Ҳ-электронӣ пешниҳод намуда истодаанд.

Вобаста ба бартарияти Ҳ-электронӣ муҳаққиқон Ю.Матвеенко ва А.Дурасов қайд менамоянд, ки «бартараф кардани монеаҳои гуногуни сиёсӣ ва маъмурӣ, коҳиш додани дастгоҳи бюрократӣ (мувофиқан хароҷоти нигоҳдории он), ноил шудан ба ҳалли фаврии масъалаҳои гуногун–ин бартариҳои муҳимтарини консепсияи ҳукумати электронӣ мебошад» [3].

Санад доир ба ҳукумати электроние, ки 17 декабри соли 2002 дар ИМА ба имзо расида буд, Ҳ-электрониро ҳамчун аз ҷониби ҳукумат истифода бурдани веб-барномаҳои интернетӣ ва ё технологияҳои дигари иттилоотӣ барои беҳтар намудани дастрасиву расонидани иттилооти ҳукуматӣ ва хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ, ташкилотҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ, ё ин ки ба даст овардани беҳбудӣ дар фаъолияти ҳукумат, бо роҳи самаранокию натиҷабахшӣ ва сифатнокии хизматрасониҳои давлатӣ ё ислоҳот, муқаррар намудааст.

Дар "Нақшаи амалиёти аврупоӣ оид ба ҳукумати электронӣ барои солҳои 2011–2015", ки Комиссияи Аврупо қабул кардааст, қайд мешавад, ки ҳангоми ташаккули механизми мукаммали фаъолияти ҳукумати электронӣ, бояд ҳалли масъалаҳои мушаххас, пеш аз ҳама: ба низоми идоракунии давлатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотии самараноктарин ва дар сатҳи олӣ санҷидашуда; рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ва ба вазъи устувор расонидани он; ҳавасмандгардонии шаҳрвандони кишвар барои гирифтани хизматрасониҳои давлатӣ тавассути технологияҳои иттилоотӣ; навсозии ниҳодҳои идораи давлатӣ; татбиқи ҳузури доимӣ ва фаврии давлатии «веб-ҳузур».

Бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи Ҳ-электронӣ дар Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон» истифода шуда, он чун соҳаи истифодабарии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки ҳамкории байни ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрвандонро таъмин менамояд, муқаррар шуда чун замимаи нави ТИК пешбинӣ гардида буд.

Назарияи ҳукумати электронӣ ба консепсияҳои анъанавии идоракунии давлатӣ манбаи иловагие ҳисобида шуда, ба раванди ислоҳоте, ки дар доираи татбиқи принсипҳои идоракунии нави давлатӣ гузаронида шудаанд, мазмуни сифатан нав медиҳад.

Мувофиқи тафсири пажуҳишгар А. Смирнов, ҳукумати электронӣ «низоми Интернет-порталҳои расмии мақомоти ҳокимияти давлатӣ» [4]

мебошад. Дар тафсири муҳаққиқ И.Богдановская бошад, «Ҳукумати электронӣ–шакли нави ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ буда, хусусияти асосии он–истифодаи васеи ТИК мебошад, ки тавассути он ҳукумати электронӣ сатҳи сифатан нави хизматрасониро ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо таъмин менамояд» [3].

Пажуҳишгарон Н.Апатова ва О.Королёв дар натиҷаи омӯзиши раванди таъсири низоми рақамикунонӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба хулосае омаданд, ки «ин раванд танҳо дар ҳампайвандӣ, бо ҷӯршавии сиёсати оқилонаи давлатию маҳаллӣ, навовариҳои ташкилию технологӣ, дастгирӣ ва ҳавасмандии ҳамаи намуди соҳибкорӣ ва аҳолӣ ба даст хоҳад омад» [4].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи аввали дар амал ҷорӣ намудани низоми Ҳ-электронӣ бо татбиқи зербоби 4.1.-уми Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсиони барои рушди Тоҷикистон», ки ба такмили идораи давлатӣ дар заминаи ТИК (ҳукумати электронӣ) бахшида шуда, зиёд шудани ҳаҷми электроникунонии меҳнати шахсони роҳбарикунандаро таъкид менамуд, нақши заминавии худро бо иҷрои чунин самтҳои асосии ҳамкории мутақобилаи муайяншуда ба анҷом расонид:

–инкишофи системаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ва шабакаҳои маҳаллии иттилоотӣ;

–таъмини мутобиқати стандартҳои нигаҳдории иттилоот, коргузорӣ ва гардиши ҳуҷҷатҳо дар сатҳи миллӣ ва байнидавлатӣ;

–дар заминаи истифода аз ТИК таъмини возеҳият дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ба ҳамагон дастрас будани захираҳои кушодаи давлатии иттилоотӣ;

–ба вуҷуд овардани шароит барои ҳамкории самараноки мақомоти идораи давлатӣ бо шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагӣ, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байнидавлатӣ.

Дар заминаи Стратегияи мазкур бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, №468, “Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тасдиқ гардид, ки он заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, сохтори захираҳои иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотии афзалиятнок, хизматрасонии иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ ва ҳимояи маълумот, системаи иттилоотии идоракунии давлатӣ, ҳолати рушди ТИК дар соҳаи алоқа ва иттилоотонӣ, таъминоти кадрии ҷараёни иттилоотонии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракуниро муайян намуда, барои дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани Шурои

технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Натиҷаҳои татбиқи стратегия ва барномаи мазкур ба соҳаи саноат низ таъсири мусбат расонида, барои рушди он заминаҳои мусоиди технологиву идорӣ фароҳам овард. Барои мисол, бар ивази муросилоти анъанавӣ почтаи электронӣ ташкил гардид, ҷараёни коргузорӣ шакли сифатан нави компютерикунонидашударо касб намуд, пайдо шудани алоқаи мобилӣ ва интернет имкониятҳои дастрасӣ ба иттилоот ва табодули онро садҳо маротиба осон намуд, имкониятҳои муколамаи мутақобила бо сарфаи вақт васеъ гардида, ҷараёни ҷалби сармояву сармоягузор ба соҳа беҳтар шуд, аз ҷониби давлат имтиёзҳои иловагӣ барои ҳавасмандгардонии воридоту ҷоринамоии ТИК пешбинӣ гардид, барои баланд бардоштани касбияти мутахассисон шароитҳои иловагӣ фароҳам оварда шуд.

Марҳалаи нави татбиқшавии Ҳ-электронӣ бо қабули қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643 оид ба тасдиқ намудани «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз гардид. Консепсияи мазкур идомаи мантиқии татбиқи стратегияву барномаи болозикр буда, инчунин, бо мақсади амалисозии “Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, №1713 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Мувофиқи консепсияи мазкур, мақсадҳои зерин асоси ташаккули ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд:

–баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

–баланд бардоштани сатҳи сифат ва дастрас будани хизматҳои иҷтимоие, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо расонида мешаванд;

–сода гардонидани қоидаҳо ва кам кардани мӯҳлатҳои расонидани хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин, кам кардани хароҷоти маъмурӣ, ки ба расонидани ин хизматҳо вобастагӣ доранд;

– баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

–ташаккули системаи ягонаи табодули иттилоотӣ бо истифода аз захираҳои иттилоотии электронӣ ва пайвастшавии доимӣ ба система ва шабакаҳои маҳдуди баҳисобгирии алоқаи ҳамаи истифодабарандагон;

– ҳавасмандкунии иқтисодии истифода аз интернет ва технологияҳои муосири технологӣ.

Инчунин, мувофиқи Консепсияи мазкур ба мафҳуми Ҳ-электронӣ тафсири муосир дода шуд ва он чун шакли нави ташкил намудани

фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки аз ҳисоби истифодаи васеи ТИК сатҳи нави фаврият ва муносиби аз ҷониби шаҳрвандон ва муассисаҳо дарёфт намудани хизматҳои иҷтимоӣ ва иттилоот дар бораи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин мекунад, муқаррар гардид.

Тибқи Консепсияи мазкур се марҳалаи титбиқи Ҳ-электронӣ пешбинӣ гардида, дар ин давра як қатор тадбирҳои судманд андешида шуданд, ки барои рушди соҳаи саноат низ таъсири мусбат расонид. Новобаста аз шароити иқтисоди дар ҳоли гузариш қарордошта, ҷойгиршавии ҷуғрофии кишвар, нобаробарии рақамӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ, ба таври комил рушд накардани инфрасохтори ТИК, донишҳои зарурии истифодаи ТИК, нокифоягии таъминот бо техникаи муосири компютерӣ, сатҳи пасти таъмини амнияти иттилоотӣ, нокифоягии серверҳо ва дигар мушкилиҳои ҷойдошта, чораҳои амалигардида барои рушди соҳаи саноат низ назаррас буда, маълумоти зерин далели ин гуфтаҳост:

Такмили заминаҳои ҳуқуқӣ:

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2012, №285 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ»;

–қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012, №908 ва аз 31 декабри соли 2014, №1174 «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №769 «Дар бораи Барномаи хариди электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015»;

–Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2013, №2-ф «Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ»;

–Қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2014 ва аз 25 июни соли 2015, №117, №244 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба «Қоидаҳои амалигардонии пардохтҳои электронӣ тавассути низоми пардохтии Бонки миллии Тоҷикистон»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2016, №429 «Дар бораи Тартиби ташкил, пур кардан ва пешбурди махзани ягона оид ба санҷишҳои гузаронидашуда ва низоми иттилоотии идоракунӣ»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 январи соли 2017, №31 «Дар бораи Қоидаҳои барасмиятдарорӣ, додани раводид ва раводиди электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2017, №282 «Дар бораи Тартиби нигоҳдорӣ ва нест кардани ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони масъул»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 июли соли 2020, №409 «Дар бораи Қоидаҳои пешбурди феҳристи ягонаи давлатии электронии иҷозатномаҳо»;

–Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2021, №1/ф «Дар бораи шаклҳои эъломияи андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми анҷом додани хизматрасониҳои электронӣ аз ҷониби шахсони хориҷӣ, ариза барои баҳисобгирӣ (аз ҳисоб баровардан) ва бақайдгирии шахсони хориҷӣ барои мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми анҷом додани хизматрасониҳои электронӣ»;

–Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2021, №147 «Дар бораи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2021, №374 «Дар хусуси лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Русия оид ба татбиқи мутақобилаи системаҳои электронии сертификаткунонии истеҳсоли мол»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 октябри соли 2021, №460 «Дар бораи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»;

–Фармоиши вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 ноябри соли 2021, №174 «Дар бораи гузаштан ба маблағгузории электронӣ бе таҳвили коғазӣ»;

–Фармоиши раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 январи соли 2022, №6-ф «Дар бораи Тартиби пешбурди ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва пешниҳоди ҳисоботи андозӣ дар шакли электронӣ»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2022, №127 «Дар бораи Рӯйхати хизматрасониҳои давлатии бо шакли электронӣ дар асоси як ариза расонидашаванда»;

–Фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2022, №64 «Дар бораи Дастурамали аз мақомоти давлатӣ дар ҳомилҳои коғазӣ ва мошинӣ (электронӣ) гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2022, №601 «Дар хусуси лоиҳаи Ёддошти тафоҳум байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки Покистон (Идораи федералии пардохтҳо) оид ба ташкили мубодилаи электронии маълумот»;

–Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1921 «Дар бораи савдои электронӣ»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2023, №72 «Дар бораи Номгӯйи хизматрасониҳои давлатие, ки бояд муносиб ва автоматӣ гардонида шаванд ва муҳлати ба шакли электронӣ гузаронидани онҳо»;

–Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2023, №1965 «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2023, №263 «Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо»;

– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ»;

–Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2023, №530 «Дар бораи Шартҳои дастрасӣ ба портали ягонаи хариди давлатии электронӣ ва воситаҳои дигари электронӣ»;

– Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2023, №525 «Дар бораи Қоидаҳои пешбурди феҳристи ягонаи электронии молу мулки давлатӣ»; инчунин, ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба чандин қонунҳои амалкунанда вобаста ба амалигардонии ҳисоббабробаркуниҳои ғайринақдӣ ва мубодилаю дастрас намудани иттилоот тариқи электронӣ.

Баҳри такмили инфрасохтори ҳукумати электронӣ ҳуҷҷатгузории электронӣ ба роҳ монда шуда, ҳамзамон, савдои электронӣ, низоми электронии пардохтҳо, таъминот бо кортҳои бонкӣ ва смарт-кортҳо, тарҳрезигардии барномаҳои хизматрасонии электронии миллӣ, таъмини инфрасохтори ТИК бо ноқилҳои нахӣ-оптикӣ, ташкили махзани ҳуқуқии иттилоотии «Адлия», ташкили сайтҳои мақомотҳои марказию маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва порталҳои зерини хизматрасониҳо, аз қабили https://tajtrade.tj, https://tajinvest.tj, https://eprocurement.gov.tj, http://marketing.agentstva.tj, https://portal.ncpi.tj, https://tj.accelerateprosperity.org/ru, http://b2b.tj, http://ijozat.tj, http://investcom.tj, http://andoz.tj, http://gumruk.tj, http://industry.tj, https://portal.swcustoms.tj, http://tds.tj/ru/, https://swcustoms.tj, https://ijozatnoma.tj/tj/licenses ва амсоли инҳо.

Тадбирҳои андешидашуда ба дастгирии ҳаматарафаи ташаббуси бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ равона гардида, дар ин самт ба як андоза ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳои маъмурии сунъӣ ва таъмини шаффофияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноат ва сарфаи хароҷоти онҳо барои амалиёти маъмурию тиҷоратӣ мусоидат намуд. Натиҷаи чунин тадбирандешиҳо буд, ки

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтинги Индекси рушди ҳукумати электронӣ (EGDI), ки аз ҷониби Департаменти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ дар ду сол як маротиба раванди омодагии кишварҳоро ба ҷорӣ намудан ва истифодаи хизматрасониҳои электронии давлатӣ пешниҳод мекунад, соли 2024 аз байни 193 давлат чор зина боло рафта, мақоми 125-ро ишғол намуда, аввалин бор ба қатори гурӯҳи кишварҳои бо EGDI-и баланд дохил шуд[1].

Лекин ин дастовардҳо ҳануз ҳам қонеъкунанда нестанд, зеро низоми Ҳ-электронӣ ба он шакле, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ татбиқ мешаваду тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулгардида муқаррар шудааст, ба таври комил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда нашудааст. Мувофиқи маълумоти интернет-портали ИДМ, аз байни 11 давлатҳои аъзо танҳо дар 9 давлат интернет-портали Ҳ-электронӣ амал мекунад [2].

Аз ин рӯй, барои ҳарчи зудтар ноил шудан ба ҳадафҳои ҷоринамоии низоми комили Ҳ-электронӣ пешниҳод менамоем:

–ташкили фишангҳо барои мунтазам идоракунӣ ва мониторинги амалисозии муассири низоми Ҳ-электронӣ;

–андешидани тадбирҳо ҷиҳати бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ ва ҷараёни хоҷагидории анъанавӣ;

–баланд бардоштани донишҳои техникии аҳолӣ ва мунтазам дар ВАО пешниҳоди маълумот доир ба имкониятҳо ва дастовардҳои низоми Ҳ-электронӣ;

–бо мақсади коҳиш додани нобаробарӣ дар истифодаи ТИК, андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати рушди инфрасохтор ва мутобиқ намудани ТИК ба талаботи замони муосир (бо роҳи ҳавасмандгардонию пешниҳоди имтиёзҳо ба операторону провайдерон);

–тарбияи мутахассис–барномасозон, инчунин, дар самти ҳифзи иттилоот ва идоракунии хатару таваккалҳо барои ҳалли мушкилоти бехатарӣ ва махфияти рақамӣ;

–ба роҳ мондани ҳамкории зич байни корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олии касбӣ бо мақсади таъминот бо кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ;

–дар маҳалҳо (минтақаҳои саноатӣ) ташкил намудани паркҳои технологию бизнес–инкубаторҳо ва робитаи доимии корхонаҳои саноатӣ бо чунин муассисаҳо;

–муқаррар намудани заминаҳои ҳуқуқии саноати электронӣ (консепсияи Саноат 4.0) ва ба тариқи таҷрибавӣ ба роҳ мондани татбиқи он дар як ё якчанд МОИ (минтақаҳои озоди иқтисодӣ).

АДАБИЁТ

1. Апатова Н.В, Королёв О.Л. Цифровизация регионального развития: Монография. Симферополь: ИП Зуева Т.В., – 2019. – С. 5.

2. Богдановская И. Ю. Концепция «электронного государства» (сравнительно-правовые аспекты) // Право и интернет: теория и практика. – 2012. – №5. – С. 31.

3. Большая российская энциклопедия. 2022. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://bigenc.ru/c/informatsionnye-tekhnologii-db7a30 (Санаи мурочиат: 17.05.2024).

4. Интернет–портал СНГ: сайты ГОСУСЛУГ. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://e-cis.info/page/3610/ (Санаи мурочиат: 24.05.2024 сол).

5. Исследование ООН: Электронное правительство 2022. [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://desapublications.un.org › files › 2023-02 (Санаи мурочиат: 24.05.2024 сол).

6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Нашриёти Ганҷ, 2016.

7. Матвеенко Ю.И., Дурасов А.В. Информационные технологии и электронные правительства в нач. XXI века. [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/informatsionnye-tehnologii-i-elektronnye-pravitelstva-v-nach-xxi-veka (Санаи мурочиат: 19.05.2024 сол).

8. Смирнов А. М. Электронная демократия как теоретическая модель виртуализации гражданского общества. // Материалы III Всероссийского социологического конгресса 21–24 окт. 2008 г. / – М., 2008. – С. 116.

9. Солодов В.В. Электронное правительство как инструмент трансформации государственного управления: дис. канд. полит. наук: 23.00.02. – М., 2007. – С. 136.

10. Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон». [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: Феҳристи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Барномаи «Адлия»).

11. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони зиёиёни мамлакат. [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://prezident.tj/node/6697 (Санаи мурочиат: 17.05.2024).

12. Толковый словарь по информационному обществу и новой экономике. 2007. [Захираи электронӣ].– Реҷаи дастрасӣ: https://information_society.academic.ru/143 (Санаи мурочиат: 17.05.2024).

СТАТУС И РОЛЬ СИСТЕМЫ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА В РАЗВИТИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТЬЮ: ВОПРОСЫ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ

ИСМОИЛИЁН КОМРОН ИСМОИЛЗОДА,
кандидат юридических наук, руководитель юридического отдела ООО «Пулоди Плаза», факультет административно-финансового права, Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Таджикистан, город Душанбе, ул. Саида Носира 33;
Тел.: (+992) 926308003; E-mail: komron_i@mail.ru

В данной статье предпринята попытка проанализировать различные аспекты использования терминов информационно-коммуникационных технологий и электронного правительства в сравнении с терминами, используемыми в нормативных правовых актах. Обсуждена важность информации и информатизации в процессе внедрения электронного правительства, исследованы правовые основы установления информационных процессов в Республике Таджикистан посредством внедрения системы электронного правительства, высказаны мнения о полученных результатах. Считается важным, что правовое регулирование и эффективная реализация концепции формирования электронного правительства в Республике Таджикистан является одним из факторов промышленного развития и реализации четвертой стратегической цели. Для того чтобы формирование системы электронного правительства было эффективным и действенным, этот процесс должен осуществляться комплексно: с использованием бесперебойно функционирующих проверенных программ и программного обеспечения; со стабильной и инклюзивной инфраструктурой ИКТ во всех регионах; при широком и активном участии физических и юридических лиц; путём совершенствования структуры государственного управления и её постоянным участием в веб-пространстве Интернета.

Ключевые слова: *электронное правительство, Э-правительство, информационно-коммуникационные технологии, роль Э-правительства в развитии промышленности, ИКТ в промышленности, правовое регулирование Э-правительства.*

THE STATUS AND ROLE OF THE E-GOVERNMENT SYSTEM IN THE DEVELOPMENT OF PUBLIC ADMINISTRATION IN INDUSTRY: ISSUES OF LEGAL REGULATION AND DEVELOPMENT PROSPECTS

ISMOILIYON KOMRON ISMOILZODA,
Head of the Legal Department of LLC "Pulodi Plaza", Candidate of Law, Department of Administrative and Financial Law, Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Tajikistan, Dushanbe city, Said Nosir str., 33;
tel.: (+992) 926-30-80-03; e-mail: komron_i@mail.ru

This article attempts to analyze various aspects of the use of the terms information and communication technologies and e-government in comparison with the terms used in regulatory legal acts. The importance of information and informatization in the process of introducing e-government was discussed, the legal basis for establishing information processes in the Republic of Tajikistan through the implementation of an e-government system was explored, and opinions were expressed on the results obtained. It is considered important that legal regulation and effective implementation of the concept of forming e-government in the Republic of Tajikistan is one of the factors of industrial development and the implementation of the fourth strategic goal. In order for the formation of an e-government system to be effective and efficient, this process must be carried out comprehensively: using uninterruptedly functioning proven programs and software; with stable and inclusive ICT infrastructure in all regions; with the broad and active participation of individuals and legal entities; by improving the structure of public administration and its constant participation in the Internet web space.

Keywords: *electronic government, E-government, information and communication technologies, the role of E-government in industrial development, ICT in industry, legal regulation of E-government.*

УДК: 339.9(575.3+510):330.322

ҲАМКОРИҲОИ ТИҶОРАТИЮ ИҚТИСОДӢ ВА САРМОЯГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН

СОҲИБИ БАҲРУЛО,
ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии Институти
омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел.: (+992) 917-82-02-02; e-mail:sohibbahrulo@gmail.com

ФАЙЗУЛЛАЕВА НИГОРА НЕГМАТОВНА,
ходими хурди илмии шуъбаи ИДМ-и Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
735025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33;
тел: (+992) 901-22-88-18; e-mail faizulloevanigora123@gmail.com

Дар мақола ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодию сармоягузории Тоҷикистону Чин мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки мулоқоти сатҳи олӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байнидавлатӣ, Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Чин оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ маҳз дар таҳкиму рушди ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории ду кишвар нақши назаррас гузоштааст. Бо ҷалби сармояи чинӣ ва таъсиси корхонаҳои муштарак соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар сол то сол рушд меёбад. Ҳамкорӣ бо шарикони чинӣ боиси зиёд шудани шумораи корхонаҳои истиҳсолии кишвар ва зиёдшавии содироти молу маҳсулот мегардад.

Калидвожаҳо: *ҳамкорӣ, иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, корхонаҳои муштарак, ҷалби сармояи чинӣ, корхонаҳои истиҳсолӣ*

Имрӯз Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз шарикони асосӣ ва боэътимоди иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва сармоягузории Тоҷикистон ба шумор меравад. Вусъати минбаъдаи робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо Чин ҳамчун давлати пешрафта барои Тоҷикистон аҳаммияти махсус дорад. Ба шарофати сиёсати хирадмандона ва дурандешонаи сарони ду кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии байни ҳар ду мамлакат ба манфиати тарафайн инкишоф ёфта, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро фаро мегирад.

Чин яке аз кишварҳои бузург ва тараққикарда дар минтақаи Осиёи Шарқӣ ба шумор меравад. Ин кишвар дорои иқтидори бузурги иқтисодӣ

буда, бештар ба рушди иқтисоду тиҷорат ва сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсуси худро равона намудааст. Сиёсати Чин ба ҳадафҳои геоиқтисодӣ равона гардидааст. Барои ба даст овардани ҳадафҳои худ бо дигар кишварҳо ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамтаро ба роҳ монда, пайваста ин ҳамкориҳоро густариш медиҳад.

Дар давраи ҳукумати Ху Сзинтао тағйироти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин оғоз ёфта, Си Ҷинпин, роҳбари кунунии Чин, онро идома дод ва нигоҳ доштани муносибатҳои созанда, шарикӣ ва ба қадри имкон дӯстонаро бо давлатҳои ҳамсоя дар асоси "дипломатияи ҳусни ҳамҷаворӣ" пеш мебарад [14,70]. Ҷумҳурии Мардумии Чин баҳри ба даст овардани ҳадафҳои геоиқтисодии худ пайваста кӯшиш менамояд, ки робитаҳои дуҷонибаву бисёрҷонибаи худро бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаҳои сиёсиву дипломатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, илмӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ташкил диҳад.

Робитаҳои наздик ва дӯстонаи сарони ду кишвар шарикию эътимоднокии муносибатҳои бисёрҷабҳаи ду давлатро ба вуҷуд оварда, гарави рушди ҳамкориҳо мебошад. Зимни сафари давлатии роҳбарони кишварҳо доир ба масъалаҳои ба роҳ мондани муносибатҳои шарикии стратегӣ, ки заминаи устувори рушди дарозмуддати ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин ба ҳисоб меравад, ба имзо расонида шуд [2]. Инчунин, сарони ду кишвар изҳороти муштаракро нашр карданд, ки он боиси боз ҳам мустаҳкамтар гардидани ҳамкориҳои дуҷонибаи ду кишвар гардид. Инчунин, пайвастани ташаббуси “Як камарбанд, як роҳ” бо “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ки яке аз иқдомҳои бузург барои кишварҳои мазкур аст, ба рушди ҳамкориҳо мусоидат хоҳад кард. Дар доираи Ҳамоиши “Осиёи Марказӣ ва Чин”, ки ба таърихи 17 июни соли 2025 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин барои таҳкими шарикии стратегӣ дар самти ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла дар соҳаи саноат, ҳамгироии минтақавӣ ва навоварӣ баррасӣ намуданд. Сафари мазкур ҷанбаи таърихӣ дошта, сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин ба Тоҷикистон уфуқҳои нави шарикии ҳамаҷонибаи стратегии ду кишварро боз кард. Воқеан ҳам, Тоҷикистон сатҳи имрӯзаи шарикии стратегии ҳамаҷонибаро бо ин кишвари ҳамсоя баланд намуда, татбиқи натиҷаҳои онро барои ҳарду ҷониб самарабахш медонад.

Дар мақола таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Нишон дода мешавад, ки сайёҳӣ ба афзоиши даромад, ташаккули ҷойҳои нави корӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтор таъсири мусбат мерасонад. Дар таҳқиқот нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи сайёҳӣ гурӯҳбандӣ ва аз лиҳози назариявӣ таҳлил гардидаанд. Бо истифодаи аз маълумоти оморӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ саҳми соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисоди кишварҳо ва минтақаҳо асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, таъсири иҷтимоии сайёҳӣ, аз ҷумла, беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди ҳамгироии иҷтимоӣ баррасӣ мегардад. Дар боробари паёмадҳои мусбат, ба баъзе таъсирҳои манфии иҷтимоии рушди сайёҳӣ низ ишора шудааст. Дар мақола зарурати татбиқи принсипҳои рушди устувор дар идоракунии соҳаи сайёҳӣ таъкид мегардад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи сиёсати рушди устувори соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти амалӣ дошта бошанд.

Калидвожаҳо: *сайёҳӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ, рушди устувор, ММД, инфрасохтор.*

Дар шароити муосири рушди иқтисоди миллӣ соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минтақавӣ ва устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Соҳаи сайёҳӣ яке аз манбаҳои муҳимми соҳаи даромад ва инчунин, ҷалби сармоягузорӣ ғайр аз ин ҳамчун омиле барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар, яъне ташкили фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, рушди инфрасохтор ва баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоии минтақаҳо низ ба шумор меравад. Дар ҳамин замина арзёбӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд [1, 25].

Барои рушди сайёҳӣ дар кишвар аз аввал таввақуҳи амиқ дода мешуд, аммо дар даҳсолаи охир бошад, таввақуҳи дучанд дода шуд. Хусусан, аз ҷони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон соли 2017 дар Паёми навбатии ба Маҷлиси Олӣ таъкид намудаанд, ки соҳаи сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар фароҳам овардани ҷойҳои корӣ барои аҳолии кишвар ва сифатан хуб намудани сатҳи зиндагии онҳо инчунин, рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ва истеҳсолӣ нақши муҳим мебозад. Дар баробари ин рушди сайёҳӣ ҳамчун воситаи муҳимми муаррифии таъриху фарҳанг, табиати нодир ва анъанаҳои миллии кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад [2].

Дар илмҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рушди соҳаи сайёҳӣ ҳамчун як равандест, ки ба маҷмуи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таъсири мустақим ва ғайримустақим мерасонад. Арзёбии ин нишондиҳандаҳо имкон медиҳад, ки сатҳ, самт ва самаранокии рушди сайёҳӣ дар ҳудуди муайян ба таври илмӣ муайян карда шавад. Дар ҳамин замина муайян намудани асосҳои назариявии таҳлили нишондиҳандаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калидӣ дорад [3, 51].

Соҳаи сайёҳӣ аз ҷиҳати нишондиҳанда одатан, ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан зарур аст, ки ин нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда, тамоми паҳлуҳои зарурии соҳаи мазкур маҳз дар ҳамин ду нишондиҳанда дарҷ мегардад [4, 44-48].

Дар соҳаи сайёҳӣ нишондиҳандаи иқтисодӣ ба рушди иқтисодии минтақа саҳми худро мегузорад, дар ин раванд нишондиҳандаи иҷтимоӣ ба сатҳи зиндагии мардум таъсиргузор мебошад.

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аслан, ба ҳаҷми даромад, шумораи субъектҳои хоҷагидории сайёҳӣ, ҷойҳои нави корӣ, сармоягузорӣ ва рушди инфрасохтори иқтисодӣ вобастагӣ дошта, имкон медиҳанд, ки нақши воқеии сайёҳӣ дар рушди иқтисоди минтақа ба таври дақиқ арзёбӣ карда шавад.

Дар натиҷаи таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодии соҳаи сайёҳӣ муайян гардид, ки дар баробари рушди инфрасохтор, даромади иқтисодӣ ва ҷойҳои нави корӣ инчунин, дар афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) низ саҳмгузор мебошад. Дар раванди чунин таҳлил маҷмуи усулҳои гуногун, аз ҷумла пурсишҳои оморӣ то моделҳои эконометрӣ, истифода бурда мешаванд. Барои дақиқ муайян намудани таъсири иқтисодии сайёҳӣ хизматрасониҳо ба ду гурӯҳ–хизматрасониҳои асосӣ ва ҳамроҳ (сопутствующие), ҷудо карда мешаванд. Ин имкон медиҳад, ки таъсири воқеии соҳа натанҳо дар доираи истеъмоли мустақим, балки тавассути таъсирҳои мултипликативӣ, яъне таъсири дигар соҳаҳо дар соҳаҳои ҳамбасташуда, аз қабили нақлиёт, савдои чакана ва сохтмон, ба таври ҳамаҷониба арзёбӣ карда шавад [5].

Ҷадвалли 1.

Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ

1.	Саҳм дар ММД	Саҳми мустақим ва ғайримустақими соҳаи сайёҳӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии миллӣ ё минтақавӣ
2.	Шуғли аҳолӣ	Шумораи ҷойҳои нави кории таъсисёфта ва сатҳи шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва соҳаҳои ҳамбастаи он
3.	Даромадҳо	Хароҷоти сайёҳон, даромад аз содироти хизматрасониҳои сайёҳӣ, инчунин, воридоти андоз аз фаъолияти сайёҳӣ
4.	Сармоягузорӣ	Ҷалби сармоягузориҳо ба рушди инфрасохтор, аз ҷумла меҳмонхонаҳо, нақлиёт ва хизматрасониҳои фароғатӣ
5.	Инфрасохтор	Рушди инфрасохтори нақлиётӣ, коммуникатсионӣ, тиббӣ ва фароғатӣ
6.	Тавозуни пардохтҳо	Таъсири соҳаи сайёҳӣ ба воридшавӣ ва хориҷшавии асъори хориҷӣ

Дар ҷадвали мазкур шаш нишондиҳанда қариб тамоми самтҳои иқтисодии соҳаи сайёҳиро ифода менамоянд. Чунонки дар нишондиҳандаи якуми ҷадвал, ки он саҳми сайёҳӣ дар ММД-и кишвар мебошад, қайд намудем, ки чӣ гуна саҳми соҳаи сайёҳӣ ба ММД-и кишвар таъсир мерасонад. Воқеан, ҳастанд кишварҳое, ки соҳаи сайёҳӣ барои ММД-и кишвар нақши калонро мебозад, масалан, кишварҳои Антигуа ва Барбуда (87,1%), Аруба 71,1%, Малдив 58,9% ва амсоли ин гуна кишварҳо зиёданд ва як нуқтаро бояд қайд намуд, ки ин кишварҳо аслан, ҷазира буда, аҳолии зиёд надоранд ва аз ҷиҳати масоҳат низ бузург нестанд.

Аз ҷиҳати ташрифи шумораи зиёди сайёҳони хориҷӣ бошад, соли 2025 дар панҷгонаи аввал Фаронса (102 млн), Испания (94 млн), ИМА (72,4 млн), Туркия (60,6 млн) ва Италия (57,8 млн) қарор гирифтаанд.

Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми арзёбии рушди соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб мераванд. Ба ин гурӯҳ сатҳи шуғли аҳолии маҳаллӣ, беҳтар гардидани шароити зиндагӣ, рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳо, баланд гардидани сатҳи фарҳангӣ ва иҷтимоии ҷомеа дохил мешаванд. Рушди сайёҳӣ метавонад ҳамчун омили коҳиш додани муҳоҷирати корӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иҷтимоӣ ва таҳкими ҳамгироии иҷтимоӣ хизмат намояд.

Аз нигоҳи назариявӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди сайёҳӣ бояд ба принсипҳои рушди устувор**,** самаранокӣ**,** мутавозинӣ ва манфиати иҷтимоӣ асос ёбад. Яъне, рушди сайёҳӣ танҳо дар ҳолате самаранок арзёбӣ мегардад, ки он ҳамзамон, ба рушди иқтисодӣ ва беҳбуди шароити иҷтимоии аҳолии маҳаллӣ мусоидат намояд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ иқтидори назарраси рушди иқтисодиро доро мебошад. Пешрафти фаъолияти соҳаи хизматрасонӣ, аз қабили хизматрасониҳои нақлиётӣ, тарабхонавӣ, муассисаҳои таъмини ҷойи хоб, яъне, меҳмонхонавӣ, инчунин, муассисаҳое, ки хизматрасониҳои фарҳангию фароғатӣ пешниҳод

мекунанд, вобастагии зич доранд, ба ташрифи шумораи зиёди сайёҳон, ки дар натиҷа афзудани талабот нисбати хизматрасониҳои зерин боис мегардад.

Нишондиҳандаи иқтисодии муҳим дар соҳаи сайёҳӣ ин ба даст овардани фоида ва даромад мебошад. Дар дунё ҳастанд кишварҳое, ки манбаи асосии даромади онҳоро маҳз соҳаи сайёҳӣ ташкил медиҳад. Инчунин, дар ин радиф боз ҷойҳои нави кориро ташкил дода, ба паст намудани сатҳи бекорӣ ва ба васеъ сохтани имкониятҳои шуғли аҳолӣ мусоидат менамояд.

Диаграммаи 1.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [6].

Чуноне дар диаграмма оварда шудааст, даромади панҷсолаи соҳаи сайёҳии байналмилалӣ аз соли 2020 то соли 2025 зиёда аз се маротиба афзуда аст. Ягона омили таъсиргузоре, ки ба кам шудани даромад дар солҳои 2020–2021 оварда расонид, пандемияи “COVID-19”, ки тамоми дунёро фаро гирифта буд, ки бо ин сабаб тамоми сарҳадҳои кишварҳои дунё баста шуда, ба фаъолияти сайёҳӣ монеаи бузурге ба вуҷуд оварда буд [7]. Илова бар ин, рушди сайёҳӣ ба ҷалби сармоягузорӣ ва беҳтар гардидани инфрасохтори иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонад. Бунёди меҳмонхонаҳо, роҳҳо, марказҳои хизматрасонӣ ва дигар иншооти марбут ба сайёҳӣ заминаи рушди минбаъдаи иқтисодиро фароҳам меорад.

Дар радифи рушди иқтисодӣ дар сайёҳӣ, рушди иҷтимоӣ низ дар соҳаи сайёҳӣ аҳаммияти калон дорад. Яке аз таъсирҳои муҳимми иҷтимоии сайёҳӣ беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ ба шумор меравад. Даромадҳои иловагӣ аз фаъолияти сайёҳӣ имкон медиҳанд, ки шароити иҷтимоии хонаводаҳо беҳтар гардад.

Бояд гуфт, ки соҳаи сайёҳӣ таъсири иҷтимоии гуногунҷабҳаро доро буда, ба рушди мубодилаи фарҳангӣ, боло бурдани сатҳи зинадгии аҳолӣ бо воситаи такмил ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, инчунин, мусоидат ба ҳифзу эҳёи мероси таърихию фарҳангӣ ва анъанаҳои миллӣ менамояд.

Бо вуҷуди ин, дар сурати набудани банақшагирии устувор ва идоракунии самаранок, фаъолияти сайёҳӣ метавонад боиси пайдоиши мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла муноқишаҳои иҷтимоӣ, тағйирёбии арзишҳои фарҳангӣ ва паҳн гардидани муносибати манфӣ нисбат ба меҳнати истеҳсолӣ дар натиҷаи «даромадҳои осон» гардад. Даромадҳои осон, яъне, ба маънои пулӣ осон дарҷ шудааст, ки дар соҳаи сайёҳӣ масалан, фоидаи зуд ба даст овардан, аммо кӯтоҳмуддат мебошад. Дар ин раванд, соҳибкорон ё сокинони маҳаллӣ кӯшиш мекунанд, ки аз сайёҳон ҳарчи зудтар ва бештар пул гиранд (масалан, боло бурдани нархи хидматрасонӣ ё маҳсулот), бе он ки дар бораи сифат ё ояндаи соҳа фикр кунанд. Ба ҳамин монанд ҳастанд ҳолатҳое, ки дар баъзе кишварҳо аҳолии маҳаллие, ки дар соҳаи сайёҳӣ кор мекунанд, нисбати дигар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар даромади зиёд мегиранд, ки дар натиҷа нобаробарии даромад ба миён меояд. Масалан, сайёҳ метавонад ба як корманди ҷавон барои интиқоли бағоҷ ҳамчун ҳаққи хизмат маблағи панҷ ё даҳ доллар пардохт намояд, дар ҳоле ки падари ӯ чунин маблағро тавассути меҳнати вазнин дар давоми якчанд рӯз ба даст меорад. Ин нобаробарии даромад боиси ташаккули муноқишаҳои иҷтимоӣ гардида, дар ҷомеа тасаввури «даромадҳои осон»-ро ба вуҷуд меорад [8,75].

Аз ин рӯ, татбиқи принсипҳои рушди устувор дар соҳаи сайёҳӣ шарти муҳимми кам кардани паёмадҳои манфӣ ва таҳкими таъсири мусбати иҷтимоии он ба ҳисоб меравад.

Соҳаи сайёҳӣ ва меҳмондорӣ дар баробари як қисми муҳимми иқтисодиёт маҳсуб будан, инчунин, ба рушди соҳаи иҷтимоӣ низ таъсиргузор мебошад, ки қобилият дорад ба беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии маҳаллӣ саҳмгузор бошад. Соҳаи мазкур яке аз воситаҳое ба ҳисоб меравад, ки дар робитаи фарҳангу тамаддунҳо нақши муҳим дошта, дар баробари ин, дар рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ заминагузор мебошад. [9, 55-60].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсири рушди сайёҳӣ ва меҳмондорӣ натанҳо дар шаҳру марказҳои кишвар, инчунин, дар қисмҳои берун аз шаҳр ва минтақаҳои дурдаст низ аз худ дарак медиҳад, ки дар ин минтақаҳо объектҳои табиӣ, мероси таърихию фарҳангӣ яке аз омилҳои асосии рушди устувор ва пешрафти иқтисоди хизматгузорӣ мебошад [10, 61-65].

Бояд тазаккур дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодию иқтимоӣ маҳз соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб меравад, ки ба иқтисод ва ҳаёти иҷтимоии кишвар таъсири бисёрҷониба мерасонад. Бо дарназардошти захираҳои ғании табиӣ, таърихию фарҳангии кишвар, соҳаи сайёҳӣ метавонад ба яке аз омилҳои муҳимми рушди устувор табдил ёбад.

Ҳар сол ташрифи сайёҳони хориҷӣ дар кишвар афзоиш ёфта истодааст, масалан, агар дар соли 2024 тахминан 1 млн 400 ҳазор нафарро ташкил диҳанд, дар соли 2025 бошад, наздик ба 1 млн 780 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд, ки 380 ҳазор нафар ё 27% зиёд аз соли қаблӣ мебошад, [11].

Дар солҳои охир шумораи инфрасохторҳои сайёҳӣ низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд гардидааст, ки ин ба яке аз омилҳои беҳсозии шароити иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардидааст. Мувофиқи ҳисоботи оморӣ, дар моҳи январ–июни соли 2025 дар ҳудуди кишвар 182 ширкати сайёҳӣ ба қайд гирифташуда фаъолият доранд. Дар ин давра 219 меҳмонхона фаъолият карда истодаанд.

Дар соли сипаришуда, дар кишвар фаъолияти хостелу мотелҳо 56 адад, осоишгоҳҳо 57 адад, марказҳои муолиҷавӣ 6 адад, хонаҳои истироҳатӣ 10 адад ва базаҳои сайёҳӣ 5 адад ба қайд гирифта шуд. Дар субъектҳои хизматрасонӣ бошад шумораи миёнаи коргарон 4046 нафарро ташкил дода, даромад аз пешниҳоди хизматрасониҳо бошад, 170 миллион сомониро ташкил додааст [12].

Нишондиҳандаҳои дар боло зикр гардида аз он дарак медиҳанд, ки чӣ тарз метавонад соҳаи сайёҳӣ ба рушди самтҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсиргузор бошад. Аз ин нишондиҳандаҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, шумораи кормандони субъектҳои хизматрасонӣ, ки дар вақтҳои охир ба кор таъмин намудани аҳолӣ дар кишвар ин як раванди асосӣ ба ҳисоб меравад. Ин метавонад ба самти иқтисодӣ ва ҳам ба самти иҷтимоии кишвар саҳмгузор бошад.

Рушди соҳаи сайёҳӣ бо афзоиши фаъолнокии иқтисодӣ дар минтақаҳо робитаи мустақим дорад. Вуруди сайёҳон ба минтақаҳо ҷараёни доимии воситаҳои молиявиро таъмин намуда, боиси гардиши онҳо дар дохили иқтисоди маҳаллӣ мегардад. Раванди мазкур барои баланд гардидани даромади субъектҳои сайёҳӣ, аз қабили меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, марказҳои фарҳангию фароғатӣ, марказҳои ҳунармандӣ, нуқтаҳои савдо таъсири худро мегузорад. Дар натиҷа талаботи устувор ба молу хизматрасониҳо инъикос гардида, дар ҳавасманд намуданаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва таҳкими заминаҳои иқтисодии минтақа саҳми худро мегузорад [13].

Таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии соҳаи сайёҳӣ нишон медиҳад, ки ин соҳа дорои иқтидори баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Самаранокии рушди сайёҳӣ дар ҳолате таъмин мегардад, ки сиёсати рушди соҳа ба истифодаи оқилонаи захираҳо, ҷалби сармоягузорӣ ва таъмини манфиатҳои иҷтимоии аҳолӣ равона карда шавад.

Дар маҷмуъ, арзёбии умумии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ имкон медиҳад, ки нақши воқеии соҳаи сайёҳӣ дар рушди соҳаи

иқтисодӣ ва иҷтимоӣ муайян гардида, барои асоснок кардани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ самтҳои мазкур заминагузор бошанд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев А. Н. Иқтисодиёти сайёҳӣ.–Душанбе: Ирфон, 2016. – 240 саҳ.

2. Эмомалӣ Раҳмон. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, 22 декабри соли 2017.

3. Александрова А. Ю. Экономика туризма. – М.: КНОРУС, 2016.– 320 с.

4. Каримов Ҷ. К. Рушди устувори сайёҳӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии он // Паёми ДДТТ. – 2021. – №2. – С. 44–48.

5. Калитвинцева М.В. Экономические показатели вклада туристической отрасли в экономику региона». Захираҳои электронӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomicheskie-pokazateli-vklada turisticheskoy-otrasli-v-ekonomiku-regiona. (Санаи мурочиат: 03 январи соли 2026).

6. UNWTO reports International tourism recovers pre-pandemic levels in 2024. Захираҳои электронӣ: https://tourismanalytics.com/expertinsights/unwto-reports-international-tourism-recovers-pre-pandemic-levels-in-2024?utm. (Санаи мурочиат: 16 марти соли 2026).

7. UNWTO (World Tourism Organization*).* Impact assessment of the COVID-19 outbreak on international tourism.–Madrid: UNWTO, 2020. Захираҳои электронӣ: https://www.untourism.int/impact-assessment-of-the-covid-19 outbreak -on-international-tourism. (Санаи мурочиат: 3 январи соли 2026).

8. Александрова А.Ю. География туризма: учебное пособие.–М.: КНОРУС, 2010. – 592 с.

9. Ҳамроев Ф. А. Нақши иҷтимоию иқтисодии сайёҳӣ дар рушди минтақаҳо // Ахбори Академияи илмҳои ҶТ. – 2020. –№1. – С. 55–60.

10. Ҳамроев Ф. А. Нақши захираҳои табиӣ ва фарҳангӣ дар рушди минтақавии сайёҳӣ // Ахбори АМИТ. – 2020. – №3. – С. 61–65.

11. Соли 2025 шумораи сайёҳон ба Тоҷикистон ба 1,7 миллион нафар расид. (Захираи электронӣ): https://radiotoj.tj/?p=45305&utm_source. (Санаи мурочиат: 25 феврали соли 2026.

12. Дар Тоҷикистон 182 ширкати сайёҳӣ фаъолият менамояд. (Захираи электронӣ): https://www.stat.tj/dar-tojikiston-182-shirkati-sajyohi-faoliyat-menamoyad/. (Санаи мурочиат: 05 январи соли 2026).

13. Влияние туризма и гостеприимства на улучшение качества жизни в регионах. (Захираи электронӣ): https://cspo.ru/articles/turizm-i-gostepriimstvo/vliyanie-turizma-i-gostepriimstva-na-uluchshenie-kachestva-zhizni-v-regionah/. (Санаи мурочиат: 4 январи соли 2026).

АНАЛИЗ ЭКОНОМИЧЕСКИХ И СОЦИАЛЬНЫХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ В ТУРИСТИЧЕСКОМ СЕКТОРЕ

ОДИНАЕВ КОСИМДЖОН ОЧИЛДИЕВИЧ,
ассистент кафедры туризма и гостиничный бизнес Таджикский международного университет туризма и предпринимательства.
734055, Таджикистан, город Душанбе, пр. Борбад 48/5;
тел.: (+992) 903-10-43-63; e-mail: kosim-1989@mail.ru

В статье анализируются экономико-социальные показатели развития туристической индустрии как одной из важных областей социально-экономического развития. Показано положительное влияние туризма на рост доходов, создание рабочих мест, привлечение инвестиций и развитие инфраструктуры. В исследовании сгруппированы и теоретически проанализированы основные экономико-социальные показатели туристической индустрии. С использованием статистических данных и международного опыта обосновывается вклад туристической индустрии в экономическое развитие стран и регионов. Одновременно рассматривается социальное воздействие туризма, включая повышение уровня жизни населения и развитие социальной интеграции. Наряду с положительными последствиями, отмечаются и некоторые негативные социальные последствия развития туризма. В статье подчеркивается необходимость внедрения принципов устойчивого развития в управление туризмом. Результаты исследования могут иметь практическое значение для разработки политики устойчивого развития туризма.

Ключевые слова: *туризм, экономические показатели, социальные показатели, устойчивое развитие, ВВП, инфраструктура.*

ANALYSIS OF ECONOMIC AND SOCIAL INDICATORS IN THE TOURISM SECTOR

ODINAEV QOSIMJON OCHILDIEVICH,
assistant of the Department of Tourism and Hotel Business of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan
734055, Tajikistan, Dushanbe city, Borbad ave. 48/5;
tel.: (+992) 903-10-43-63: e-mail: kosim-1989@mail.ru

This article analyzes the economic and social indicators of the tourism industry as a key area of socioeconomic development. It demonstrates the positive impact of tourism on income growth, job creation, investment, and infrastructure development. The study groups and theoretically analyzes the key economic and social indicators of the tourism industry. Using statistical data and international experience, the contribution of the tourism industry to the economic development of countries and regions is substantiated. The social impact of tourism, including improved living standards and the development of social integration, is also considered. Along with the positive consequences, some negative social consequences of tourism development are noted. The article emphasizes the need to implement sustainable development principles in tourism management. The results of the study may have practical implications for the development of sustainable tourism development policies.

Keywords: *tourism, economic indicators, social indicators, sustainable development, GDP, infrastructure.*

УДК: 316.7:32.019.5

ЭҲЁ ВА РУШДИ АРЗИШҲОИ ҲУВИЯТСОЗИ МИЛЛӢ ДАР МЕҲВАРИ СИЁСАТИ ФАРҲАНГСОЛОРОНАИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

ЗОКИРЗОДА СУҲРОБ ИБОД,
номзади илмҳои фалсафа, омӯзгори калони МДТ “Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода”
734033, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 73а;
тел: (+992) 938-60-66-77; e-mail: Sukhrob. Zokirov@bk.ru

Дар мақола бештар муаллиф арзишҳои ҳувияти миллии мардуми Тоҷикистон намоди арзиши сулҳу суботро, пеш аз ҳама, ба шахсияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистое нисбат медиҳанд ва ин нигоҳи холисона арзёбӣ намудани марҳалаи тақдирсози пуштисарнамудаи миллатамон дар роҳи эъмори давлати миллӣ воқеъбинона аст. Бинобар ин, бо такя ба қазовати фавқуззикр гуфтан лозим аст, ки табодули андешаҳои як зумра намояндагони мардумӣ доир ба зарурати таъсиси ниҳоди Пешвои миллат як навъ инъикоси мундариҷаи шуури ҷамъиятии солҳои охир ташаккулёфта буд, ки бо бардошт аз таҷрибаи иҷтимоӣ ҳангоми вохӯрии Президент бо омма ҳувайдо мегашт. Истиқболи мардум аз Президент дар ин мавридҳо бо ироаи таманниёти бепоён, изҳори миннатдориҳо, қироати ашъори иншонамудаи ҳозирини алоҳида ва шодиву сурур сурат мегирифт, ки аксар маврид нидоҳои «пешвои мо», «сарвари мо» ва ғайра аз издиҳоми мардум ва аз забони онҳо беихтиёр танинандоз мегардид. Ин таҷрибаҳои иҷтимоӣ батадриҷ андешаи зарурати нисбат додани унвони Пешвои миллатро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун нишони қадрдонии заҳматҳое, ки ӯ баҳри сулҳу суботи мамлакат ба харҷ додааст, ташаккул доданд. Яъне, инҳо арзишҳое мебошанд, ки натанҳо дар робита бо ҳодисаҳои аввали касби истиқлоланд, балки дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҳаёти ҷомеа низ асоси маънои мавҷудияти онро ташкил медиҳанд.

Муаллиф таъкид менамояд, ки муайянкунандаи ҷойгоҳи ҳар як арзиш дар ҳаёти ҷомеа ба сатҳи муроҷиати одамон ба онҳо барои барқаррории муносибат бо дигарон, ташкили беҳтари зиндагии фардию дастаҷамъӣ марбут мебошад. Барои шароити кунунии мавҷудияти афзалияти арзишҳои ба сулҳу субот тавъамбуда дар радабандии арзишҳои одамон гувоҳи аҳаммияти онҳо барои таъмини шароити дилхоҳи иҷтимоии ҷомеа мебошад. Дар тасаввури аҳли ҷомеа сарчашма ва замонати устувории ин равандҳо ба фаъолияти созандаи ҷомеасозиии Пешвои миллат ва Сарвари давлат рабт дода мешавад.

Калидвожаҳо: *сулҳ, арзишҳои маънавӣ, ҳуввияти миллӣ, суботи ҷомеа, ҷаҳонишавӣ, нақши нотакрор, барқарорсозии иҷтимоӣ, аммнияти мардум, ақалият, этникӣ, радабандии ҷомеа, ҷомеасозӣ, ҳувиятсозӣ, таъғирнамоӣ, дигаргуникунонӣ, алоқамандӣ, некуаҳволӣ, осоишта, анъанаҳои миллӣ, ҷашнҳои миллӣ, хушҳолӣ, рӯшноӣ, қавмҳои ориёӣ.*

Мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон намоди арзиши сулҳу суботро, пеш аз ҳама, ба шахсияти Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат медиҳанд ва ин нигоҳи холисона арзёбӣ намудани марҳалаи тақдирсози пуштисарнамудаи миллатамон дар роҳи эъмори давлати миллӣ воқеъбинона аст. Бинобар ин, бо такя аз қазовати фавқуззикр гуфтан лозим аст, ки табодули андешаҳои як зумра намояндагони мардумӣ доир ба зарурати таъсиси ниҳоди Пешвои миллат як навъ инъикоси мундариҷаи шуури ҷамъиятии солҳои охир ташаккулёфта буд, ки бо бардошт аз таҷрибаи иҷтимоӣ ҳангоми вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо омма ҳувайдо мегашт. Истиқболи мардум аз Президент дар ин мавридҳо бо ироаи таманниёти бепоён, изҳори миннатдориҳо, қироати ашъори иншонамудаи ҳозирини алоҳида ва шодиву сурур сурат мегирифт, ки аксар маврид нидои «пешвои мо», «сарвари мо» ва ғайра аз издиҳоми мардум ва аз забони онҳо беихтиёр танинандоз мегардид. Ин таҷрибаҳои иҷтимоӣ батадриҷ андешаи зарурати нисбат додани унвони “Пешвои миллат”-ро ба Президент ҳамчун нишони қадрдонии заҳматҳое, ки ӯ баҳри сулҳу суботи мамлакат ба харҷ додааст, ташаккул доданд. Яъне, инҳо арзишҳое мебошанд, ки натанҳо дар робита бо ҳодисаҳои аввали касби истиқлоланд, балки дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҳаёти ҷомеа низ асоси маънои мавҷудияти онро ташкил медиҳанд. Муайянкунандаи ҷойгоҳи ҳар як арзиш дар ҳаёти ҷомеа ба сатҳи муроҷиати одамон ба онҳо барои барқарории муносибат бо дигарон, ташкили беҳтари зиндагии фардию дастаҷамъӣ марбут мебошад. Барои шароити кунунии мавҷудияти афзалияти арзишҳои ба сулҳу субот тавъамбуда дар радабандии арзишҳои одамон гувоҳи муҳиммияти онҳо барои таъмини шароити дилхоҳи иҷтимоии ҷомеа мебошад. Дар тасаввури аҳли ҷомеа сарчашма ва замонати устувории ин равандҳо ба фаъолияти созандаи ҷомеасозии Пешвои миллат ва Сарвари давлат рабт дода мешавад.

Ҳамин тавр, ба расмияти ҳуқуқӣ даромадани ин тамоюл аз он маншаъ мегирад, ки яке аз дастовардҳои пуразиши давлати мо баъд аз касби Истиқлоли давлатӣ, ин таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва ба мардум пешниҳод намудани як мафкура, идеологияи кулли мардуми Точикистонро ба созандагию таъмини инкишофи кишвар сафарбаркунанда мебошад, ки таҳти унвони «Ваҳдати миллӣ» ёдоварӣ мешавад. Пайравӣ аз ин мафкура ба мардуми тоҷик имкон

дод, ки дар замони аз ҳама душвортарини таърихӣ алангаи домангири низоъи дохилиро дар як муддати кӯтоҳ бо роҳи мусолиҳатомез хомӯш кунад ва дар замири мардум умед ба фардои дурахшонро аз нав зинда намояд [1]. Аз ин хотир, мардуми Тоҷикистон ҳамасола таҷлили ду иди бузург, яъне, Истиқлоли давлатӣ ва Рӯзи Ваҳдати миллиро бо як самимияти хос таҷлил менамоянд ва онҳоро воқеан ҳам ҳамчун санаҳои сарнавиштсози таърихи навини худ меҳисобанд.

Чунин эҳтиром аз ин хизмати Сарвари мамлакатамон ва санаҳои таърихӣ аз фаъолияти давлатдории ӯ маншаъгиранда воқеан ҳам, асоси иҷтимоӣ доранд, зеро онҳо хатари даҳшатбори аз байн рафтани давлати миллии тоҷикон ва ба минтақаҳо парокандашавии мардуми куҳанбунёдамонро дар оғози касби Истиқлоли давлатӣ аз байн бурданд. Таҳдиди ин хатарро танҳо пас аз як муддати на чандон тулонӣ кулли мардуми кишварамон дарк намуданд ва барои ҷомаи амал пӯшиданаш ба майдон ва арсаи сиёсӣ баромадани шахсияти фозилу ҷасоратманде лозим буд, ки кафолати ҷомаи амал пӯшидани ин орзую омоли мардумро ба зиммаи худ гирад. Таърихи навини тоҷикон чунин шахсиятро дар симои Сарвари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба саҳнаи сиёсӣ овард, ки вай бо ҷасорати бузурги хеш фарорасии ин рӯзро барои ҷомеа наздиктар сохт. Ӯ таҳти шиори «тоҷикон худашон бояд ҳамаи масъалаҳои марбут ба Тоҷикистонро аз роҳи муколама ва гузаштҳои дутарафа ҳал намоянд» гурӯҳҳои ба оғӯши ҷанги таҳмилӣ ғутидаро ба ҳамдигарфаҳмӣ ва номуси ватандорӣ даъват намуд. Новобаста аз фишори гурӯҳҳои муқобили тантанаи оштии миллӣ дар Тоҷикистон, дар он айём ҳамаи қишрҳои ҷомеа аз ин даъват гарм истиқбол намуданд ва дар ҷодаи амалишавии он саъю кӯшиши фаровон ба харҷ доданд.

Чунин икдоми тарафайн тавонист минбаъд хатари ҷиддии аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон, халалдоршавии тамомияти арзии он, ба минтақаву маҳалҳои ҷудогона тақсим шудани онро аз байн барад. Тамоюли инкишофи ин хатарҳоро натанҳо фаъолияти рӯзафзуни тарафдорони берунии ин равand, балки фаъолияти бисёре аз неруҳои иҷтимоию сиёсии дохилӣ низ суръат мебахшиданд ва пайваста ба хотири бесалоҳият нишон додани давлату мақомоти роҳбари сиёсии он барои доғдор сохтани фазои кишвар кӯшиш ба харҷ медоданд. Бо истифода аз чунин вазъият баъзе аз воҳидҳои маъмурии Тоҷикистонро ташкилдиҳанда сайъ менамуданд, ки мухторияти ҳарчи бештарро аз марказ ба даст оранд ва онро дар рӯ ба рӯйи мушкилоти ба амаломада танҳо бигузоранд. Минбаъд аксари гурӯҳҳои муқобил ба хубӣ дарк карданд, ки идомаи ҷанг танҳо харобиро ба бор меорад ва дар ин гуна низоъ касе наметавонад ба пуррагӣ ғолибиятро ба даст орад. Бинобар ин, роҳи ягонаи аз ин вартаи

нобудӣ раҳоӣ ёфтан, танҳо тавассути паси мизи музокирот нишастан буду халос. Вале татбиқи ин ҳадаф ва ҳамчунин, барои дар шуури аъзои гурӯҳҳои мубталои ин муноқиша ба вуҷуд овардани бовару эътимод ба дурустии интихоби ин роҳ таҳаммул ва сайъу кӯшиши ҳамешагӣ лозим буд. Барои таблиғи ин ҳадаф фаъолияти васоити ахбори умуми кишвар низ ба ин самт равона карда шуд.

Ҳамин тавр, бо дарки зарурати ҳалли мушкилоти фавқуззикр акнун мушкилоти сулҳу ваҳдат ва ризояти ҷомеаро Сарвари давлат ба яке аз масъалахои муҳимми таъмини суботу инкишофи минбаъдаи кишвар табдил дод. Ин раванд такони азиме ба пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишвар бахшид ва шаклу усулҳои нави ҳамкориро миёни неруҳои мухталифи сиёсию чамъиятӣ ба вуҷуд овард. Ваҳдати миллӣ тавонист чунин тачрибаи ҳамкориеро миёни онҳо эҷод намояд, ки ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ манфиатҳои умумимиллиро дастгирӣ намуда, айни замон нуқтаи назари худро доир ба ин ва ё он масъала озодона ва кушоду равшан баён намоянд.

Маҳз дар ҳамин раванди ҷомеасозӣ бо ибтикори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо шоҳиди бори нахуст дар тачрибаи давлатдории тоҷикон роҳандозии муваффақонаи истифодаи зарфияти давлати миллӣ ба сифати дастгоҳи ҳувиятсози миллӣ гаштем, ки он яке аз рукнҳои муҳимми таъмини Истиқлоли сиёсии мамлакат ба шумор меравад [2]. Амалияи мазкур хотираи таърихии мардуми тоҷикро дар намоди давлати миллӣ гунҷонид ва бо шарофати ин иқдом акнун мудом саҳифаҳо аз бойгонии таърихи бою рангини ин сарзамин дар муошрату муносибатҳои гуногунҷанбаи нави ҷамъиятӣ ҳамчун навори зинда пеши назар меоянду чарх мезананд. Аз ҷумла, номи пули миллию намодҳои дар онҳо ғунҷонидашуда, номи аксари вилояту навоҳӣ, шаҳраку деҳаҳо хотироти таърихии мардумро дар меҳвари ифтихори миллию ватандӯстӣ давр мезанонанд ва ба кору пайкори созанда барои рушди ҷамъиятии ин сарзамин ҳидоят мекунанд. Ҳамасола тачлили ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла Истиқлоли давлатӣ бо арҷгузории фаъолияти намояндагони барӯманди фарҳанги миллӣ ва санаҳои муҳимми таърихӣ ба роҳ монда мешавад, ки тавассути ин иқдом натанҳо оммаи васеъ, балки аҳли илму эҷод низ амиқтар ба дарку омӯзиши онҳо фурӯ мераванд.

Лозим ба таъкид аст, ки дар амалияи ҷомеасозии даврони Истиқлол эҳёи хотираи таърихии ҷомеа пайваста дар меҳвари андешаи ба ҳам созиш додани анъанаҳои фарҳангии қавму халқиятҳои гуногуни маскуни ин сарзамин давр мезанад. Ин гуна фазои ҷомеасозӣ тадричан заминаи асосиро барои ташаккули ҳуввияти шаҳрвандии кулли сокинони мамлакат фароҳам меорад ва онҳо новобаста аз мансубияти қавмию этникӣ худро ҳамчун «тоҷикистонӣ» мешиносанд ва дар симои давлати миллӣ кафили

таъмини амнияту зиндагии шоистаи худро мебинанд. Ин тамоюлро яке аз тезисҳои барои гӯшу ҳуши мардум хушнавози Сарвари давлатамон «Тоҷикистон ватани кулли тоҷикистониён» маънии тоза мебахшад, ки он дар арафаи ҷашни 20-солагии Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо дода буд. Бинобар ин, дар ҷаҳони имрӯз агар падидаи бисёрқавмӣ аз ҷониби баъзе кишварҳо мояи ташвишу нигаронӣ барои таъмини суботу истиқлол пиндошта шавад, вале ҷомеаи тоҷикистонӣ бо такя аз таҷрибаи андӯхтаи таърихияш ин падидаро ба сифати омили таҳкими суботу рушди худ қабул дорад. Имрӯз ҳар як сокини ин сарзамин дар симои давлати Тоҷикистон кафили таъмини ҳуқуқу озодиҳо, омили татбиқи манфиатҳои ҳаётан муҳимми худро мебинанд. Зеро онҳоро арзишҳои эъломдоштаи сохти давлатдории имрӯзаи Тоҷикистон дар ғояи эъмори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро дар атрофи худ гирд овардааст ва ҳама гуна кӯшишҳои ба маҷрои дигар равона сохтани ин равандро дастгирӣ наменамоянд. Воқеан ҳам, ин самараи татбиқи он сиёсатест, ки аз кору пайкори созандаи Сарвари давлатамон сарчашма мегирад ва ӯро дар симати Пешвои миллат шоиста ҷилвагар месозад. Зеро ҳузури ӯ дар арсаи сиёсӣ тавонист ин шароитро фароҳам орад ва идеалҳои дар зеҳну қалби мардум нуҳуфтаро ба воқеият табдил диҳад.

Посухҳои муносиб ба талошҳои ҳассосу ҳавлангези ҷаҳони имрӯз, хусусан дар даҳсолаи охир гувоҳи роҳандозии фаъолияти муътадили ниҳодҳои давлатӣ аст, ки маҳсули сиёсати ҳадафмандонаи Президенти кишварамон мебошад. Дар ин радиф, иқдомҳои барои ҳифзи Истиқлоли кишвар аз таҳдидҳои мухталиф, эҷоди камарбанди дастаҷамъонаи амниятӣ дар тули хатти сарҳади давлат бо Афғонистон, шарикӣ дар эҳёи Роҳи Абрешим, эҷоди хатти иртибототии мустақим бо кишварҳои дунё, ҳимоят аз рукнҳои дунявии давлатдории миллӣ дар муносибатҳои сатҳҳои мухталиф ва ғайра пеши назари ҳар як фарди соҳибватан симои барҷастаи як давлатмарди асилу ҷасоратмандро ҷилвагар месозад, ки шоёни мақоми Пешвои миллат аст [3]. Гуфтан ҷоиз аст, ки чунин сиёсати пешгирифтаи Роҳбари давлатамон натанҳо дар дохил, балки аз ҷониби дигар давлатҳои дунё ва созмону ташкилотҳои байналмилалӣ низ ба хотири ҷанбаи васеи созандагӣ доштанаш мусбат ва қобили омӯзиш арзёбӣ карда мешавад.

Дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба шарофати роҳбари хирадманд ва ватандӯсти миллати тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ҳувияти миллӣ ва эҳё гардидани таърихи куҳан, инчунин, муроҷиат ба осори пешин ва зинда намудани чеҳраҳои таърихиву фарҳангии гузаштаи халқи тоҷик ба ҷойи аввал баромад. Бо таълифи асари бисёрҷилдаи «Тоҷикон дар оинаи таърих»,

«Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Забони миллат – ҳастии миллат» ва китобу мақолаҳои зиёди муҳимми хусусияти ватандӯстонадошта, Пешвои миллат исбот намуданд, ки халқи тоҷик таърихи ниҳоят бостонӣ дорад ва фарзандони баномус ва бузурге дар ин сарзамин умр ба сар бурдаанд, ки номашон натанҳо дар оинаи таърих, балки офаридаҳояшон барои башарият хидмат намудаанд. Боиси сарфарозист, ки маҳз тавассути асарҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббусҳои шоистаашон расму оинҳои неки ниёкон, ки барои рушди тамаддуни башарӣ хидмати босазое кардаанд, аз нав эҳё гардиданд ва аз тарафи аҳли ҷомеа ба хубӣ пазируфта шуданд. Дар байни онҳо ҷой ва мақоми чаҳор ҷашни миллию мардумӣ–Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада мавқеи хоссаро касб мекунанд.

Дар асоси ҳамин ишораҳои ватандӯстона омӯзиш, таҳқиқ ва ҷустуҷӯйҳои бостоншиносиву мардумшиносӣ дар ҷумҳуриамон бо диди нав оғоз шуд ва тайи ду даҳсола натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овард. Махсусан, ҷиҳати шинохти миллати тоҷик, таърихи ниҳоят қадимаи он як қатор таълифоти илмӣ арзи ҳастӣ карданд, ки онҳо барои таҳаввули тафаккури ҷомеа ва омӯзиши осори гузашта мусоидат намуданд. Ҳамин боис шуд, ки дар ин давра мардуми тоҷик ба омӯзиши фарҳанги маънавии таърихи миллати худ ва давраҳои ташаккули он майли бештар пайдо намуданд ва эҳсосу муҳаббаташон нисбат ба ин марзу бум ва мероси гаронбаҳои халқ бештар гардид [4].

Дар бораи ҷашни бостонии Сада дар осори адибону мутафаккирони тоҷику форс маълумот мавҷуд бошад ҳам бошад ҳам, вале доир ба таъриху баргузории он иттилооти нисбатан камтаре то замони мо омада расидааст. Анъанаҳои пайдоиши ҷашни Сада, ки марбут ба Офтоб ва тимсоли он оташ мебошад, хеле қадимӣ буда, ба замони пеш аз ориёӣ ва ҳатто аз он ҳам дуртар рафта мерасад [5]. Доир ба арзи ҳастӣ намудани он аввалин ахбор дар фарҳанги гуфторӣ, устураҳои мансух ишора рафта, тавассути ин ду сарчашма ба осори хаттӣ роҳ ёфтаанд. Хеле муҳим аст, ки боварҳо ва нишонаҳои эътиқод ба Хуршеду оташ, ки сабабгори аслии ба вуҷуд омадани ҷашни Сада мебошад, то имрӯз дар байни мардумони гуногуни олам ба назар мерасад.

Бо пайдо шудани оташ ва муқаддас гардидани он мардуми пешин барои худ ҷашни Садаро интихоб карданд. Ин аз як тараф, ифодагари рамзи ҷовидонагии Офтоб ва муқаддас донистани оташ мебошад, аз тарафи дигар, ба зиндагии инсон ва робитаи ӯ бо табиат вобастагии ногусастанӣ дорад. Баъдҳо маҳз пайдо шудани «Ҷашни Оташ» ва ҳамчун рамзи Хуршед донистани он ҷашни Сада дар миёни мардум густариш пайдо кард. Дар ҳақиқат, устураи Ҳушанг ва пайдоиши ҷашни Сада баъдҳо хусусияти

милливу маросимӣ гирифта, ба қатори дигар ҷашнҳои мардумӣ ворид шуд ва дар миёни мардуми эронитабор, аз ҷумла тоҷикон, мақому манзалати хос пайдо намуд, ки аксари шоирони пешин ва сарчашмаҳои таърихӣ аз тарзи баргузорӣ ва арҷ гузоштани он аз ҷониби шоҳон ва аҳолӣ ахбори зиёде ба ёдгор мондаанд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки «ҷашни Сада барои эҳтиром гузоштан ба Хуршед ва оташу рӯшноӣ асос гузошт ва боиси он гардид, ки одамони қадим ба ин муқаддасот эътиқод пайдо намоянд ва онҳоро ситоиш кунанд. Агар Хуршед бо нури гармии худ ва фурӯзонии хеш ба зиндагии одамон гармӣ ворид карда бошад, пас оташу рӯшноӣ барои мунаввар сохтани қалби онҳо ва идомаи зиндагиашон асос гузошта, баъдҳо онҳо ба ду ҷавҳари муқаддас табдил ёфтаанд, ки дар устураҳо ҷанбаи парастишӣ пайдо кардаанд ва баъдҳо аз ҷониби мубадон ситоиш ва ниёиш ёфтаанд. Ба таври дигар, пас аз садсолаҳо, он намои Ҳурмуз (Аҳуромаздо) маҳсуб ёфта, дар дини зардуштӣ ҷойгоҳи хос дошт ва бо усулҳои мухталиф парастиш мегардид».

Ҳамин тариқ, дар бораи пайдоиши ҷашни Сада назарҳо гуногун мебошанд. Баъзе муҳаққиқон ва донишмандон онро ҷашни замони ориёӣ мепиндоранд ва иддаи дигар падидории онро пеш аз даврони ориёиҳо медонанд. Вале ба ҳар сурат пайдоиши ҷашни Сада ва устураҳои марбут ба он ба масъалаи таҷаммули рӯшноӣ ва оташ вобаста мебошад ва аз таҳаввули ташаккули қавмҳои ориёӣ дарак медиҳад, ки онҳо ин ҷашнро аз пешиниён гирифтанд ва пасиниён онро то рӯзгори мо расонданд. Агар аз ин нуқтаи назар ба ҷашни Сада наздик шавем, нахуст аз ҳама Хуршед, Рӯшноӣ ва Оташ пеши назар меоянд, ки ҳар кадомаш ба ҳаёти инсон ва табиат вобастагии хос доранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки маҳз ба воситаи Хуршед тамоми мавҷудоти олам зинда аст ва ҳаракат мекунад. Дар ин бора Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар навиштаҳои худ ишорати ҷолибе доранд, ки чунин аст: *«Дар миёни қуввaҳои сершумори бадӣ, дар дашту ҷангалҳои Осиёи Марказӣ, ки ҷони инсонро дар азоб ва ба таҳлука меандохт, бахусус, хушкӣ ва торикӣ бисёр зиёновар буданд. Онҳо дарёфта буданд, ки бар зидди неруҳои номбурдаи бадӣ, озар ё оташ ва раъду барқ муассир буданд. Бар зидди торикӣ бошад, Хуршед чун унсури тавоно муқаддас дониста мешуд. Нисбати ҳамин аст, ки Хуршед дар миёни нажоди қавмҳои зиёди олами бостон ситоиш ва парастиш шудааст»[6]*.

Ба андешаи бархе аз донишмандон, ҳамин ки аз зимистони бузург сад рӯз мегузашт, мардум ҷашни Оташ, яъне Садаро барпо менамуданд. Онҳо бовар доштанд, ки лаҳзаҳои сахту сармои ҷонкоҳ гузаштаасту нармию гармӣ вориди рӯзгори мардум шудааст. Аз гузаштани сармои шадид, ки неруи аҳриманӣ аст, хушҳолӣ карда, аз дашту саҳро ҳезум, бутта, хошок

ҷамъ оварда, хирмани бузург месохтанд. Баробари расидани торикӣ он хирмани ҳезуму хасу хошокро оташ мезаданд, ки аз ин оташ ҳама ҷо фурӯзон мегашт ва дар гирди он рақсу бозию хушҳолӣ менамуданд. Дар он рӯзгорони қадим ниёкони мо–ориёиҳо бар он бовар буданд, ки ин гулхан ҳамчун неруи Ҳурмуз (Аҳурамаздо) бозмондаҳои сарморо, ки марбути Аҳриман аст, нобуд месозад.

Ҷашни Садаро дар даҳумин рӯзи моҳи баҳман (баробари 29-30 январ) баргузор мекарданд, ки аз зимистон сад рӯз (обон, озар, дай ва даҳ рӯзи баҳман) мегузашт. Ба ақидаи ориёиҳои қадим, сармо ба авҷи баланди худ мерасид ва баъдан ҳаво тадриҷан ба самти беҳбудӣ, нармӣ ва гармӣ мерафт. Аз ин рӯ, барои он ки ба киштукори онҳо зарар нарасад ва чорвоҳояшон аз сардӣ эмин бимонад, оташро ҳамчун рамзи Ҳурмуз меафрӯхтанд, то дар он қувваҳои бадӣ сӯзанду нобуд гарданд.

Мардуми шарафманди моро мебояд, ки аз файзу баракати Истиқлоли давлатӣ истифода бурда, расму оин ва урфу анъанаҳое, ки вобастаи ҷашнҳои миллӣ, аз ҷумла ҷашни Сада мебошанд, дар доираи ахлоқу иродаи хеш нишонаҳо ва боқимондаҳои қариб фаромӯшшудаи онҳоро бо истифода аз нақлҳои калонсолон эҳё намуда, дар комил намудани ҷашнҳои миллӣ дар шакли таърихиашон саҳмгузор бошанд. Беҳуда нест, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми шодбошии худ ба муносибати ҷашни Сада аз 25 январи соли 2020 чунин изҳор доштанд: *“Бовар дорам, ки эҳёву тавлили ҷашни Сада ҳамчун рамзи истиқболи фасли нуру гармӣ, некиву саховатмандӣ, сарҷамъӣ ва ваҳдати кулли шаҳрвандон дар густариши корҳои ободониву созандагӣ ва хуррамиву пешрафти Тоҷикистони азизамон нақши муассир гузошта, дар оғози сол чун паёмовари Наврӯзи оламафрӯз ба зиндагии мардуми шарифи Тоҷикистон муждаи хуррамиву хушбахтӣ хоҳад овард”.*

АДАБИЁТ

1. Эмомалӣ Раҳмонов. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ, 2006. – С.263.

2.Ниг.: Разӣ Ҳ. Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои Эрони бостон. –Теҳрон, 1371).

3. Зокиров С. Нақши арзишҳои маънавӣ дар фазои дигаргуниҳои фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон.-Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2024.-184 саҳ

4. Усмонзода Х., Зокирзода С. Сотсиологияи фарҳанг [Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ.–Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2024.–238 с.

5. Хуморов Д. Фалсафа барои мактабҳои олӣ.–Душанбе: Файзи борон, 2020.–293 с.

6. Шеллинг Ф.В. Философия искусства [Текст] / Ф.В. Шеллинг. – М.: Мысль, 1966. – 496 с.

7. Шлегель Ф. Сочинения. – М.: Quadrivium, 2015. – Т.1. – 816 с.

8. Лебон Г. Психология народов и масс [Текст] / Густава Лебона. – М.: Академический проект, 2011. – 238 с.

9. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо: маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон [Матн] / М. Шакурӣ. – Душанбе: Дониш, 2009. – 416 с.

10. Наврузов С. Человеческие способности [Текст]: соотношение социальных и биологических аспектов. –Душанбе, 1991. – 303 с.

11. Раҳимов С. Эстетика зороастризма [Текст] / С. Раҳимов.– Душанбе: Дониш, 2009.–406 с;

12. Раҳимов С. Нақши фарҳанги бадеӣ дар тарғиби идеяҳои Истиқлолият [Матн] / С. Раҳимов // Ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таҳкими истиқлоли сиёсӣ ва масоили консептуалии рушди давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Маводи конфронси илмию амалӣ. – Душанбе, 2016. – С.44-54.

ВОЗРОЖДЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ЦЕННОСТЕЙ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ В РАМКАХ КУЛЬТУРНОЙ ПОЛИТИКИ ЛИДЕРА НАЦИИ

ЗОКИРЗОДА СУХРОБ ИБОД,
кандидат философских наук, старший преподаватель
ГОУ «Таджикского государственного института культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде»
734033, Таджикистан, город Душанбе, пр. Борбада 73а;
тел: (+992) 938-60-66-77; e-mail: Sukhrob. Zokirov@bk.ru

В данной статье автор относит ценности национальной идентичности народа Таджикистана, символ мира и стабильности, прежде всего, к личности Президента страны, и этот объективный взгляд является реалистичной оценкой судьбоносного этапа, пройденного нашей нацией на пути строительства национального государства. Поэтому, основываясь на вышеизложенное, необходимо сказать, что обмен мнениями ряда народных представителей о необходимости учреждения института Лидера нации был своего рода отражением содержания общественного сознания, сформировавшегося в последние годы, что нашло отражение в общественном опыте во время встреч Президента с общественностью. Народ приветствует Президента в этих случаях бесконечными поздравлениями, выражениями благодарности, декламацией стихов, сочиненных каждым из присутствующих, радостью и смехом, часто сопровождаемыми невольно раздававшимися из толпы и с

уст возгласами «наш лидер», «наш царь» и т. д. Эти социальные переживания постепенно сформировали представление о необходимости присвоения Президенту звания Лидера нации в знак признательности за его усилия по обеспечению мира и стабильности в стране. Другими словами, это ценности, актуальные не только в связи с первыми событиями обретения независимости, но и на современном этапе развития общества.

Автор подчёркивает, что детерминанта места каждой ценности в жизни общества связана с уровнем обращения к ним людей для установления отношений с другими, лучшей организации индивидуальной и коллективной жизни. В современных условиях приоритет ценностей, связанных с миром и стабильностью, в рейтинге ценностей народа свидетельствует об их важности для обеспечения желаемых социальных условий жизни общества. В сознании общества источником и залогом устойчивости этих процессов видится конструктивная социализирующая деятельность главы страны – Лидера нации.

Ключевые слова: *Мир, духовные ценности, национальная идентичность, социальная стабильность, глобализация, уникальная роль, социальная реконструкция, безопасность людей, меньшинство, этническая принадлежность, социальная иерархия, построение сообщества, формирование идентичности, изменение, трансформация, связь, благополучие, мирный, национальные традиции, национальные праздники, счастье, свет, арийские народы.*

REVIVAL AND DEVELOPMENT OF THE VALUES OF NATIONAL IDENTITY WITHIN THE FRAMEWORK OF THE CULTURAL POLICY OF THE LEADER OF THE NATION

ZOKIRZODA SUKHROB IBOD,
Associate Professor of the Department of Social Science, Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade.
734033, Tajikistan, Dushanbe city, Borbada Ave. 73a
tell: (+992) 938-60-66-77; e-mail: Sukhrob.Zokirov@bk.ru,

In this article, the author attributes the values of the national identity of the people of Tajikistan, a symbol of peace and stability, primarily to the person of the country's President. This objective view is a realistic assessment of the fateful stage our nation has passed on the path to building a national state. Therefore, based on the above, it must be said that the exchange of opinions among a number of people's representatives on the need to establish the institution of Leader of the Nation was a reflection of the public consciousness that has

developed in recent years, which was reflected in the public experience during the President's meetings with the public. The people greeted the President on these occasions with endless congratulations, expressions of gratitude, recitations of poems composed by each of those present, joy and laughter, often accompanied by involuntary cries of "our leader," "our king," and so on, emanating from the crowd and from lips. These social experiences gradually shaped the idea of the need to award the President the title of Leader of the Nation as a sign of appreciation for his efforts to ensure peace and stability in the country. In other words, these are values relevant not only in the context of the initial events of independence, but also at the current stage of societal development.

The author emphasizes that the determinant of each value's place in society is linked to the degree to which people turn to them to establish relationships with others and better organize their individual and collective lives. In today's conditions, the priority of values associated with peace and stability in the people's value rankings testifies to their importance in ensuring the desired social conditions of society. In the public consciousness, the source and guarantee of the sustainability of these processes is seen as the constructive socializing activities of the head of state—the Leader of the Nation.

Keywords: *Peace, spiritual values, national identity, social stability, globalization, unique role, social reconstruction, human security, minority, ethnicity, social hierarchy, community building, identity formation, change, transformation, connection, well-being, peaceful, national traditions, national holidays, happiness, light, Aryan peoples.*

УДК 331.556.4(575.3):327

РАВАНДҲОИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ ДАР ЗАМИНАИ ВОҚЕИЯТИ НАВИ ГЕОПОЛИТИКӢ: ЧОЛИШҲО ВА ДУРНАМО (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

САЙДАЛИЕВ ДОДАРБЕК МАДАЛИЕВИЧ,
номзади илмҳои сиёсӣ, кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҷ. Расулов 51;
тел: (+992)934-44-05-05; e-mail: csscshahrvand@gmail.com

Мақола ба таҳлили масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии вазъияти геополитикӣ ва иқтисодии солҳои 2024–2026 бахшида шудааст. Дар мақола вобастагии шадиди маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар аз интиқоли маблағҳо, чолишҳои демографӣ дар маҳалҳои деҳот ва таъсири сиёсати маҳдудкунандаи Федератсияи Русия ба вазъи муҳоҷирон баррасӣ мегардад. Муаллиф бо такя ба асарҳои олимон, зарурати ислоҳоти сохторӣ, диверсификатсияи бозорҳои кор ва таҳияи стратегияи нави танзими давлатиро асоснок мекунад.

Калидвожаҳо: *муҳоҷирати меҳнатӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, интиқоли маблағҳо, Федератсияи Русия, бозори меҳнат, дурнамои иқтисодӣ, сиёсати муҳоҷират, деҳот, ҷавонон.*

Муҳоҷирати аҳолӣ ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ дар таърихи башарият нақши калидӣ дорад. Барои минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳаракати қувваи корӣ бо мақсади дарёфти ризқу рӯзӣ падидаи нав набуда, дар тули қарнҳо боиси табодули фарҳангӣ ва ҳамгироии тамаддунҳо гардидааст. Бо вуҷуди он ки дар гузашта муҳоҷират сохтори куллии зиндагии мардуми бумиро тағйир намедод, имрӯз он ба як ҷузъи ҷудонашавандаи рушди ҷомеаҳои осиёӣ табдил ёфтааст.

Заминаҳои таърихӣ ва иқтисодии муҳоҷират дар Тоҷикистон

Муҳоҷирати корӣ натанҳо ҷанбаҳои манфӣ дорад. Дар бисёр ҳолат, бо танзиму мудирияти зарурӣ муҳоҷиратро метавон ба як омили муҳиму муассири таҳкимбахшандаи иқтисоди кишвар табдил дод. Таҳлили таърихии динамикаи аҳолӣ собит месозад, ки ҳатто кишварҳои дорои иқтисоди устувор аз равандҳои муҳоҷиратиро ҳамчун захира барои инкишофи иқтисодиёти худ васеъ истифода мебаранд. Дар асоси қонунгузориҳои ба равандҳои содироти қувваҳои корӣ мутобиқ гардонидашуда муҳоҷират дар ин давлатҳо ҳамчун механизми «худтанзимкунии бозори меҳнат» хизмат мекунад.

Агар таҷрибаи кишварҳои Наздибалтик: Литва, Латвия ва Эстонияро, ки баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, бо мақсади таъмини амнияти худ аз таҳдидҳои Русия саросемавор ба НАТО ва Иттиҳоди Аврупо ворид шуданд, дар қиёс бо кишварҳои Осиёи Миёна дида бароем, дар радифи шабоҳати зиёд, як қатор хусусиятҳои фарқкунандаро метавон мушоҳида кард:

Дар кишварҳои Наздибалтик танҳо тақрибан аз се як ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба хешовандони боқимондаи худ мунтазам кумаки моддӣ мерасонанд. Ин дар ҳолест, ки кулли маблағҳои ба Тоҷикистон воридшавандаи муҳоҷирони корӣ ба кумаки оилаҳо нигаронида шудааст.

Динамика (ҳаракат). Қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат аз ин кишварҳо ба Британияи Кабир, Ирландия ва Скандинавия кӯчиданд. Масалан, Литва дар давоми бист сол қариб 25 дарсади аҳолии худро аз ҳисоби муҳоҷират аз даст дод.

Фарқи стратегӣ. Бархурди ин кишварҳо ба муҳоҷират аз "фирори мағзҳо" ба "эҷоди диаспораҳои иқтисодӣ" табдил ёфт. Маблағҳои интиқолии муҳоҷирони кишварҳои наздибалтикӣ на барои истеъмоли рӯзмарра (чунонки дар Тоҷикистон мушоҳида мешавад), балки барои сармоягузорӣ ба соҳаи амволи ғайриманқул ва технологияҳои нав дар ватанашон истифода шудаанд. Ҳисоботҳои Бонки ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки ҳамасола муҳоҷироне, ки Латвияро тарк кардаанд, ба ватан наздики 1,5 миллиард доллари амрикоӣ ё 3,7%-и ММД, Литва наздики 1,4 миллиард доллар (2,6%-и ММД) ва Эстония зиёда аз 500 миллион доллар (1,8%-и ММД) равон мекунанд.

Чи тавре қаблан ишора карда будем, содироти қувваи корӣ дар кишварҳои рушдёфтаи Аврупо зуҳуроти муқаррарӣ буда, ба яке аз қисмҳои таркибӣ, агар муайянкунанда ҳам набошад, муассири иқтисоди дохилӣ гаштааст. Дар кишварҳои "Панҷгонаи тиллоӣ аз рӯи ММД" (Олмон, Фаронса, Британия, Испания ва Италия) муҳоҷират хусусияти дуҷониба дорад:

Содироти зеҳнӣ. Мутахассисони сатҳи баланди ин кишварҳо (духтурон, муҳандисон) ба ИМА ва Австралия муҳоҷират мекунанд, ки ин равандро "муҳоҷирати нухбагон" меноманд. Тоҷикистон аввалин давлат дар Осиёи Марказӣ мебошад, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Стратегияи миллии зеҳни сунъӣ"-ро таҳия ва қабул намуд.

Воридоти қувваи корӣ. Барои ҷуброни норасоии кадрӣ ин давлатҳо аз кишварҳои рӯ ба рушд муҳоҷиронро қабул мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки муҳоҷират як занҷираи глобалии ба ҳам пайваст аст.

Тибқи назарияи илми муосири сиёсатшиносӣ ва иқтисод, ки муҳоҷиратро на аз рӯйи теъдоди одамон, балки аз рӯйи «сифати сармояи

инсонӣ» арзёбӣ мекунад, таҳлили муқоисавии моделҳои муҳоҷирати кории Тоҷикистон ва Аврупоро барои солҳои 2025-2026 дида баромада, чунин тафовутро метавон муайян кард:

1. Модели Тоҷикистон: барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳоҷирати кории беруна таърихан воситаи асосии мусоидат намудан ба коҳиши шиддати иҷтимоӣ дар деҳот ва таъмини зиндагии рӯзмарра ба шумор меравад.

Нишондиҳандаи калидӣ. Иқтисодиёти Тоҷикистон аз нигоҳи такя ба маблағҳои интиқолии муҳоҷирон дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавқеи пешсафро ишғол намуда, вобастагии стратегии суботи молиявии кишварро аз равандҳои муҳоҷиратӣ тасдиқ мекунад.

Хусусият. Вобастагии зиёд аз як кишвари қабулкунанда–Русия, имконоти содирот ва истифодаи қувваи кориро дар хориҷ маҳдуд ва ба баланд бардоштани сатҳи тахассусии муҳоҷирон монеа эҷод мекунад.

2. Модели кишварҳои Наздибалтик (Латвия, Литва, Эстония): Муҳоҷирати корӣ хусусияти сохторӣ дорад. Ин кишварҳо намунаи давлатҳое мебошанд, ки муҳоҷирати меҳнатии берунаро ба захираи бузурги рушди инноватсионӣ дар дохил истифода бурда истодаанд.

Нишондиҳанда. Гарчанде дар соли 2025 интиқоли маблағҳо дар ин кишварҳо таъсири ҷиддие ба иқтисодиёти маҳаллӣ нарасонда бошад ҳам, вале ин маблағҳо на ба қонеъ гардонидани талаботи истеъмолӣ, балки ба бахши тиҷорат ва стартапҳо равона мешаванд.

Хусусият. Барои «муҳоҷирати баргашта» давлат тавассути барномаҳо ва имтиёзҳои андозию гумрукӣ шароит фароҳам меорад, ки мутахассисони дар Аврупо таҷрибаомӯхта ба ватан баргашта, корхонаҳои технологӣ таъсис диҳанд.

Дар кишварҳои Наздибалтик, махсусан дар Эстония ва Латвия, шароити мусоид барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мутахассисони баландихтисос тавассути стартапҳо фароҳам оварда шудааст. Муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ имкон доранд дар сурати доштани лоиҳаи инноватсионӣ, ки сармоягузории маблағҳои шахсиро барои рушди ширкат пешбинӣ мекунад, иҷозати иқомат гиранд. Дар Тоҷикистон танҳо дар соли 2025 аз ҳисоби маблағҳои муҳоҷирон ва ҳамватанони бурунмарзӣ ҳудуди 300 иншооти иҷтимоию иқтисодӣ (мактабҳо, кӯдакистонҳо, роҳҳо) ба маблағи қариб 400 миллион сомонӣ сохта шудаанд.

Ҷанбаҳои асосии истифодаи маблағҳои муҳоҷирон дар стартапҳо:

Визаҳои стартапӣ. Дар сурати тасдиқи мавҷудияти маблағ барои зиндагӣ ва рушди тиҷорат, Латвия ба монанди дигар кишварҳои Аврупо барномаҳои иҷозати иқоматро барои асосгузорони стартапҳо фаъолона истифода мебарад.

Бақайдгирии тиҷорат. Барои ба расмият даровардани иҷозати иқомат муҳоҷиронро зарур аст, ки ширкатҳои худро ба қайд гирифта, сармояи оинномавиро тасдиқ кунанд ва бо ин роҳ давлат маблағҳои шахсии онҳоро ба иқтисодиёти кишвар равона месозад.

Ҷалби истеъдодҳо. Эстония ба қатори кишварҳое дохил мешавад, ки шумораи зиёди муҳоҷиронеро, ки лоиҳаҳои онҳо ба технологияҳои инноватсионӣ нигаронида шудаанд, ҷалб мекунад. Ҳарчанд кишварҳои Наздибалтик муҳоҷирони дорои тахассуси баландро ба бахши технологӣ ҷалб мекунанд, ҳиссаи онҳо дар рушди умумии технологӣ нисбат ба саҳми мутахассисони маҳаллӣ ва мутахассисоне, ки аз дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо баргаштаанд, камтар боқӣ мемонад.

Гарчанде омору маълумоти мустақим дар бораи он ки ҳамаи маблағҳои муҳоҷирон ба стартапҳо сарф мешаванд, мавҷуд нест, сармоягузорӣ тавассути барномаҳои стартапӣ механизми калидии ҷалби кадрҳои баландихтисос ва сармоя дар кишварҳои Наздибалтик маҳсуб меёбад.

3. Модели кишварҳои "Панҷгонаи бузург": Олмон, Фаронса, Британия, Италия, Испания: Дар кишварҳои рушдёфтаи Аврупо муҳоҷирати корӣ хусусияти стратегӣ касб кардааст. Интизор меравад, ки ин давлатҳо дар соли 2026 низ ҳамчун «қувваи ҷозиба» барои мағзҳои ҷаҳонӣ боқӣ мемонанд.

Нишондиҳанда. Рушди иқтисодии ин кишварҳо ба таври мустақим танҳо аз ҷалби 0.5-1.2 миллион муҳоҷири баландихтисос дар як сол вобастагӣ дорад.

Хусусият. Муҳоҷират ҳамчун афзори ҷуброни пиршавии босуръати аҳолӣ, ки хосси аксари кишварҳои Аврупо гаштааст, истифода мегардад. Авзоиши теъдоди пиронсолон дар кишварҳои пешрафтаи Аврупо, ки дар соли 2015 ҳамагӣ 18% дарсадро ташкил медод, вале тибқи иттилои Дабири кулли СММ то соли 2050-ум 28 дарсадро ташкил хоҳад дод [21], рушди иқтисодиро суст намуда, бори буҷетро зиёд мекунад ва боиси номутаносибии қувваи корӣ гашта, дигаргунсозии низомҳои нафақаро тақозо менамояд. Муҳоҷирати меҳнатӣ инчунин, дар таъмини рушди технологии соҳаҳои тиб ва ТИ (IT) васеъ истифода мешавад.

Дар давраи шуравӣ муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти мавсимӣ ва дохилиминтақавӣ дошт. Масалан, талаботи рӯзафзун ба қувваи меҳнатӣ дар мавсими ғунучини пахта дар корхонаҳои коркарди пахтаи Узбекистон аҳолии ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистонро ба корҳои мавсимӣ ҷалб менамуд. Ин раванд то солҳои 90-уми асри гузашта, то кушода шудани масири нав–Федератсия Русия идома ёфт. Дар вақти рухсатии меҳнатӣ теъдоди зиёди муаллимони мактабҳои миёна ба корхонаҳои азими

коркарди пахтаи Узбекистон ва Туркманистон рафта, то оғози таҳсил мардикорӣ мекарданд.

Дар шароити истиқлоли давлатӣ бошад, ин зуҳурот шакли дигар гирифт. Айни ҳол дар равандҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии фазои пасошуравӣ муҳоҷирати берунии меҳнатӣ ба омили асосии муайянкунандаи вазъи сиёсӣ табдил ёфтааст. Вобастагии иқтисодии кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ аз маблағҳои интиқолии муҳоҷирон сол то сол шиддат мегирад.

«Дар маҳалҳои деҳот 73%-и аҳолии кишвар истиқомат мекунад ва шумораи афроди ниёзманд ба кор нисбат ба шаҳр ба маротиб зиёдтар аст, вале эҳтимолияти бо кор таъмин шудан дар деҳот бинобар маҳдудияти соҳаҳои татбиқи меҳнат хеле паст мебошад. Соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон надорад, ки теъдоди босуръат афзояндаи аҳолии деҳотро, ки қисми зиёди онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд, бо меҳнати самарабахш таъмин намояд» [5, 33]. Тавре аз ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ бармеояд: «Талаботи дохилӣ тавассути воридоти назарраси интиқоли маблағҳо, ки дар соли 2024 ба авҷи худ, яъне 45,4%-и ММД (маҷмуи маҳсулоти дохилӣ) нисбат ба 39% дар соли 2023 расид ва афзоиши музди меҳнат дар бахши давлатӣ дастгирӣ ёфт. Динамикаи мусбати устувор дар соли 2025 низ боқӣ монд ва дар баробари ин, суръати рушд дар семоҳаи аввали сол ба 8,2% расид»[14]. Новобаста аз ин, муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун афзалияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Барои Тоҷикистон муҳоҷирати корӣ натанҳо заминаи беҳтар намудани некуаҳволии аҳолӣ, балки диверсификатсияи он афзалияти миллӣ маҳсуб меёбад. Ин ҳадаф дар “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030” низ инъикос ёфтааст [6,14]. Барномаи диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ мақсад дорад, ки вобастагии Тоҷикистон ба як бозори меҳнатиро коҳиш дода, имкониятҳои муҳоҷират ба дигар кишварҳои мувофиқро васеъ намояд.

Агар дар солҳои 90-уми қарни гузашта ва ибтидои ҳазораи нав вобастагии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз муҳоҷират чандон эҳсос намешуд, имрӯз ин падида ба як омили детерминистӣ (муайянкунанда) дар муносибатҳои байнидавлатӣ табдил ёфтааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар посух ба тағйирёбии доимии қонунгузории кишварҳои қабулкунанда, чораҳои муносиб андешида истодааст, вале,мутассифона, сатҳи пасти донишҳои ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ ва сари вақт огоҳ нашудани аз тағйироти сиёсат ва қонунгузории кишвари қабулкунанда боиси ба вуҷуд омадани мушкилоти зиёде, аз қабили манъи вуруд ва ихроҷи шаҳрвандон, гашта истодааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бинобар сабаби маҳдудияти захираҳои молиявӣ

ва имкониятҳои техникӣ на ҳамеша иҷрои пурраи ин тадбирҳоро дар сатҳи зарурӣ таъмин карда метавонад.

Таҳаввулоти сохтории танзими давлатии муҳоҷират

«Мутаассифона, дар Тоҷикистон на таҳлили илмию воқеии вазъияти бамиёномадаи муҳоҷират мавҷуд аст ва на сохтори воҳиди давлатие, ки қодир ва вазифадор ба танзими он бошад. Дар айни замон, мушкилот дар масъалаҳои танзими муҳоҷирати корӣ хеле шадид боқӣ мемонад. Таҳлили маълумот дар бораи рафтори муҳоҷирон дар марҳалаҳои мухталифи муҳоҷират гувоҳи он аст, ки дар амалисозии он каналҳо ва робитаҳои ғайрирасмӣ, аз ҷумла ҳам дар усулҳои дарёфти иттилоот дар бораи ҷойҳои меҳнатӣ ва ҳам дар тарзҳои ба кор таъмин шудан, бартарӣ доранд». [11, 4].

Зарурати танзими давлатии равандҳои муҳоҷират боиси чанд марҳалаи ислоҳоти сохторӣ гардид:

То соли 2007. Масъалаҳои муҳоҷират дар салоҳияти Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд.

Солҳои 2007–2011. Ин вазифаҳо ба ихтиёри Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шуданд.

Соли 2011. Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди мустақил таъсис ёфт.

Марҳалаи муосир. Таъсиси Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи он муттаҳид кардани бозори кор бо равандҳои муҳоҷират мебошад.

Тибқи гузоришҳои байналмилалӣ, «Дар дурнамои миёнамӯҳлат сустшавии суръати рушди иқтисодӣ дар назар аст, вале он устувор боқӣ мемонад. Пешгӯйӣ мешавад, ки суръати рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2025 то 7,0%, дар соли 2026 то 4,9% ва дар соли 2027 то 4,7% коҳиш меёбад, ки ин асосан ба эътидоли интизории ҷараёни нтиқоли маблағҳо вобаста мебошад» [14].

Таҳлили хатарҳо ва зарурати барномаҳои давлатӣ

Чи хеле, ки дар боло ишора шуда буд, дар радифи паҳлуҳои мусбӣ муҳоҷирати меҳнатӣ, ки аллакай ба абзори муҳиму муассири маркетинги сиёсӣ барои кишварҳои қабулкунанда табдил ёфтааст. Бар хилофу теъдоди зиёди қарордоду ҳусни тафоҳумҳои байндавлатӣ ва эълом доштани шарикии стратегӣ, борҳо таъкид карда будем, ки Тоҷикистон барои дигар кишварҳо, махсусан, барои абарқудратони ҷаҳон: Русия, Чин ва ИМА, дар ҳама ҳолат баъди манфиатҳои миллии онҳо меистад. Дар заминаи муносибатҳои геополитикӣ, шумораи зиёди муҳоҷирони кории тоҷик дар хориҷа натанҳо захираи неруи корӣ, балки як василаи муҳимми фишори ғайримустақим ба ҳисоб мераванд, ки идоракунии хатарҳои марбут ба онҳо барои амнияти иҷтимоию иқтисодии кишвар аҳаммияти ҳаётӣ дорад. Бинобар ин, аз назари мо, дар радифи чолишҳои берунае, ки ба Тоҷикистон

таҳдид мекунанд, муҳоҷирати меҳнатӣ ба хилофи ҳама бартариҳо барои Тоҷикистон аз рӯйи авлавият (приоритет) мақоми аввалро ишғол мекунад.

Вобаста ба Русия хатари ҷиддиеро, ки аз худи муҳоҷирини корӣ бармеояд, ба инобат нагирифтан барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад иштибоҳи сахте шавад. Агар теъдоди муҳоҷирини кориро аз назари синнусолӣ таҳлил кунем, бамало бармеояд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ "ҷавон" шуда истодааст. Мо тайи чанд сол аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили "Фейсбук" ва "Одноклассники"-ро таҳлил карда истодаем. Аллакай метавон гуфт, ки як зуҳуроти номатлуб–ташаккули тафаккури исломи иртиҷоӣ дар байни ҷавонони муҳоҷир мушоҳида мешавад. Ҷавонон аз барномаҳои тарбиявию таблиғотии давлатию ҷамъиятӣ ва аз оила дур монда, фирефтаи даъватҳои иртиҷоӣ мегарданд.

Имрӯз зарурати таҳияи барномаҳои мукаммали давлатӣ, ки натанҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ, балки ҷанбаҳои сиёсӣ ва амниятии муҳоҷиратро ба назар мегиранд, ба миён омадааст. Самтҳои асосии ин барномаҳо бояд иборат бошанд аз:

–Муайян кардани ҷанбаҳои мусбат ва манфии муҳоҷирати шаҳрвандон ба хориҷи кишвар;

–Пешгирӣ кардани хатарҳои ифротгароӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон.

–Омодагии касбӣ ва забонии муҳоҷирон пеш аз сафар.

Дар сурати набудани назорати қатъӣ ва идоракунии стратегӣ, раванди муҳоҷират метавонад аз зери назорат берун шуда, ба сохти давлатдорӣ ва амнияти миллӣ таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод кунад. Тавре дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" омадааст: «Сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо вобастагии зич дорад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввалро (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ) ишғол мекунад. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст». [5, 43].

Мушкилоти геополитикӣ ва воқеияти муносибатҳои Тоҷикистону Русия дар соҳаи муҳоҷират

Яке аз паҳлуҳои калидии масъалаи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон, муносибатҳои дуҷониба бо шарики асосии стратегӣ–Федератсияи Русия мебошад. Таҳлили вазъи имрӯза нишон медиҳад, ки дар ин самт тафовут (диссонанс) байни заминаҳои ҳуқуқии коғазӣ ва воқеияти амалӣ аз байн бардошта шуда истодааст. Байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия теъдоди зиёди шартномаву ҳусни тафоҳумҳои дуҷониба ва бисёрҷониба имзо шуда истодааст, ки умед

аст вазъи муҳоҷиронро ба таври воқеӣ сабук хоҳад кард. Аммо, мутаассифона, бар хилофи ин мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳамарӯза дар ҷаласаҳои Ҳукумат ва Думаи давлатии Федератсияи Русия пешниҳодоте садо медиҳанд, ки ҳузури шаҳрвандони хориҷиро дар қаламрави ин кишвар мураккабтар мегардонанд. «Дурнамои Тоҷикистон бо як қатор хатарҳои манфӣ алоқамандааст, ки онҳо аз сиёсати Русия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, ноустувории сиёсии глобалӣ ва муноқишаҳои давомдори минтақавӣ бармеоянд» [13].

Ин равандро метавон дар нуктаҳои зерин хулоса кард:

Шиддат ёфтани фишори қонунгузорӣ. Тағйироти марбут ба масоили муҳоҷирати меҳнатӣ, ки тайи ду соли охир ба қонунгузории ҷории Федарсияи Русия ворид карда шудаанд, вазъи бе ин ҳам мураккаби муҳоҷирони кориро сангинтар карда истодаанд. Ин тағйирот натанҳо ҷанбаҳои иқтисодӣ (ба монанди баланд шудани нархи патент), балки маҳдудиятҳои маъмурӣ ва назорати полисиро низ дар бар мегиранд. Аз 5 феврали соли 2025 дар Федератсияи Русия меъёрҳои нави қонунгузорӣ эътибор пайдо мекунанд, ки ба пулис ҳуқуқи мустақилона ихроҷ кардани муҳоҷиронро медиҳанд ва барои шахсони дар реҷаи ихроҷбуда маҳдудиятҳои шадид, аз ҷумла манъи издивоҷ, тиҷорат, хариди амвол ва истифодаи хидматҳои бонкиро ҷорӣ менамоянд. Ҳамзамон, талабот нисбати фаъолияти корӣ танҳо дар доираи минтақа ва касби муайяншуда сахттар шуда, муҳлати зарурӣ барои гирифтани иҷозати иқомат (РВП) дар асоси издивоҷ бо шаҳрванди Русия то се сол зиёд карда мешавад.

Яке аз роҳҳои таъмини амният ва шароити сифати хуби зиндагиро муҳоҷорони меҳнатӣ дар соҳиб шудан ба шаҳрвандии Русия медиданд. Тибқи иттилои Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия, агар соли 2017-ум теъдоди шаҳрвандони Тоҷикистон, ки шаҳрвандии Русияро соҳиб шуда буданд, 29 ҳазор нафарро ташкил медод, соли 2022 ин рақам наздик ба 174 ҳазор нафар расид [22]. Гарчанде омори дақиқи расмӣ вуҷуд надорад, дар маҷмуъ, теъдоди шаҳрвандони мо, ки дар як вақт соҳиби шаҳрвандии Тоҷикистон ва Русия гаштаанд, зиёда аз 1 миллионро ташкил мекунад

Вале таҷрибаи якчанд соли охир нишон дод, ки ҳатто шаҳрвандони собиқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки даҳсолаҳо соҳиби шиносномаи Русия буданд, қурбони бегонаситезӣ аз ҷониби сокинони маҳаллӣ гаштанд. Дар чанд ҳолат ин равандҳо бо ба маҳкама кашидани зодагони Тоҷикистон, ки душаҳрвандӣ доштанд, анҷомидааст. Ҷиддияти ин масъаларо даъвати ашхоси расмӣ доир ба ҷалб кардани шаҳрвандони Тоҷикистон ба амалиёти ҳарбӣ дар Украина мураккабтар гардонидааст. Ба унвони мисол, Раиси Кумитаи тафтишотии Федератсияи Русия Александр Бастрикин дар яке аз суҳбатҳояш бо хабарнигорон афзоиши сатҳи ҷиноякориро ба муҳоҷирини

меҳнатӣ рабт дода, рӯйирост қайд карда буд: "...дар ҳоле ки русҳо дар сафи пеш ҳастанд, муҳоҷирон ба қафои мо ҳамла мекунанд... Мардум пешниҳод мекунанд, ки агар онҳо шаҳрванди Русия бошанд ва шаҳрвандӣ гирифта бошанд, бояд ба сафи пеш раванд. Агар шумо ба сафи пеш нарафта бошед, шумо вазифаи шаҳрвандии худро иҷро намекунед; онҳо бояд ба ватани шумо баргарданд" [23]. Вакили Думаи давлатӣ аз Ҳизби Коммунист Михаил Матвеев тақлиф дорад, ки қонунгузориро барои сафарбар кардани тоҷиконе, ки шаҳрвандии Русияро гирифтаанд, ислоҳ кунад. Ӯ ҳатто ташкили "баталиёни тоҷикон"-ро аз ҳисоби тоҷиконе, ки шаҳрвандии Русияро соҳиб шудаанд, рӯйирост пешниҳод кардааст.

Дурнамои низоми раводид (виза). Агар раванд ба ҳамин шакл идома ёбад, интизор меравад, ки таклифҳои ба ҷорӣ намудани низоми раводидӣ байни Тоҷикистон ва Русия равонашуда дар солҳои наздик зиёд мешаванд. Ин метавонад боиси тағйири куллии харитаи муҳоҷирати минтақа гардад. Бо вуҷуди он ки шаҳрвандони Тоҷикистон тибқи реҷаи бидуни раводид ба Русия имкони сафар доранд, қоидаҳои будубош сол то сол сахттар шуда истодаанд: аз соли 2025 муҳлати будубоши қонунии бидуни раводид кам карда шуд, огоҳиномаҳои ҳатмии вуруди рақамӣ тавассути барномаи ruID ҷорӣ карда шуданд ва вуруд танҳо бо шиносномаи хориҷӣ имконпазир аст.

Тағйироти асосие, ки ба шаҳрвандони Тоҷикистон дар Федератсияи Русия таъсир мерасонанд, ҳангоми вуруд ба Федератсияи Русия раводид талаб карда намешавад, аммо муҳлат будубош маҳдуд карда шудааст (одатан дар маҷмуъ, 90 рӯз дар як сол). Аз нимаи соли 2025 ҳангоми вуруд бояд вараҡа дар барномаи ruID (ё дар Gosuslugi) пур карда шавад. Ҳамарӯза чораҳои бақайдгирии муҳоҷират ва санҷиши қонунии будубош сахттар карда шуданд.

Муқовимати иттилоотӣ ва амнияти равонии муҳоҷирон

Таҳлилҳои навтарини соли 2025 нишон медиҳанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ аз соҳаи иқтисодӣ ба соҳаи амнияти иттилоотӣ гузаштааст. Ҳангомасозӣ дар ВАО-и Федератсияи Русия натанҳо бегонаситезиро рушд медиҳад, балки ҳамчун воситаи "фишори нарм" барои маҷбур кардани Тоҷикистон ба гузаштҳои геополитикӣ истифода мешавад. Ин равванд боиси он гаштааст, ки муҳоҷирон дар ҳолати стресси доимии ҳуқуқӣ қарор гиранд, ки ин ба сифати сармояи инсонӣ ва ҳаҷми интиқоли маблағҳо таъсири манфӣ мерасонад.

«Муносибат ба муҳоҷирони меҳнатии Осиёи Марказӣ дар Русия бо назокати стратегӣ ва сиёсӣ фарқ намекунад. Равшан аст, ки ба сари муҳоҷирон мисли борони сели санҷишҳо, рейдҳо ва депортатсияҳои оммавӣ рехтанд. Боз ҳам бештар аз он, ки баъзе ашхоси манфиатдор, ки нақшаҳои муайяни сиёсиро дар сар мепарваранд, бо далелҳои марбут ба

муҳоҷират бозӣ карда, кӯшиш менамоянд, ки эҳсосоти шаҳрвандонро идора кунанд ва бо ҳамин роҳ ба афкори умум таъсир расонанд» [10].

Васоити ахбори омма (ВАО) дар ташаккули афкори ҷомеа аз рӯйи кулли масоил нақши боризро мебозад. Дар муносиботи байни миллатҳо ва гурӯҳҳои дигари одамон бошад, ВАО омили муайянкунанда ва таъминкунандаи низом ва тафоҳум ба шумор меравад. Аз тарафи дигар бошад, маҳз ВАО метавонад ба ин робитаҳои байниинсонӣ таъсири манфӣ ва ё ҳатто харобиовар расонад. Дар тули чанд сол мушоҳида мешавад, ки дар афкори ҷамъиятии Русия атрофи мафҳуми "муҳоҷир" ташаккули стереотипҳои устувор, дар аксар ҳолат манфӣ, сурат гирифта истодааст. Воситаҳои ахбори омма дар сохтани образии манфии муҳоҷири меҳнатӣ нақши калидӣ мебозанд. Гарчанде норасоии қувваи корӣ дар сатҳи давлатӣ расман эътироф шуда бошад ҳам, раванди муҳоҷирати меҳнатӣ, ки ба ҳалли бисёре аз мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ ва демографӣ мусоидат мекунад, дар аксар вақт ҳамчун заминае барои афзоиши сатҳи ҷиноятқорӣ арзёбӣ мегардад. Ин дар ҳолест, ки тибқи натиҷаи пажуҳишҳо “...дар даҳ соли охир, шаҳрвандони хориҷӣ 1,7–2 дарсад аз тамоми ҷиноятҳои бақайдгирифташуда ва 3,3–3,9 дарсад аз тамоми ҷиноятҳои ошкоршударо содир кардаанд” [3,1] Ин раванд, яъне ташаккули образи манфии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ВАО, бо дастгирии ашхоси баланмақоми сохторҳои давлатии Федератсияи Русия идома ёфтан гирад, ба табдили стереотипҳо, аз мулоҳизаҳои алоҳида ба нуқтаи назари расмӣ оварда мерасонад.

Муҳоҷирати корӣ барои Тоҷикистон ҳам имкон ва ҳам масъулияти бузург аст. Барои табдил додани "фирори мағзҳо" ба "гардиши сармоя ва дониш", зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар ин самт аз шакли пассивӣ (танҳо бақайдгирӣ) ба шакли активӣ (омодасозии мутахассисон барои бозорҳои ҷаҳонӣ) гузарад. Фақат бо ҳамин роҳ метавон амнияти иҷтимоию сиёсии кишварро дар дарозмуддат таъмин намуд.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта чунин пешниҳод шудааст: «Дар самти диверсификатсияи муҳоҷирати берунаи меҳнатӣ:

–таъсис додани низоми тайёрии пешакии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, бо дарназардошти таъминоти ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, омӯзиши кӯтоҳмуҳлати касбӣ ва забон дар заминаи марказҳои захиравӣ;

–рушди барномаҳои муҳоҷирати меҳнатии қонунӣ ва аз нигоҳи иҷтимоӣ ҳифзшуда» [6, 14].

Дар самти таъсис додани низоми тайёрии пешакии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд корҳои зиёди назаррасро ба анҷом расонида истодааст. Таъсиси марказҳои машваратӣ ва касбомӯзӣ қадами ҷиддиест

барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта. Вале, мутассифода, набудани механизмҳои фаврии дифои ҳуқуқӣ дар хориҷа ва вобастагии зиёд аз як бозори меҳнат имкон намедиҳад, ки манфиатҳои миллии мо дар сатҳи зарурӣ ҳифз карда шаванд. Дар радифи чораҳои иқтисодию иҷтимоӣ тасмимҳои сиёсии зерин дар ин самт метавонанд ба раванди муҳоҷирати меҳнатӣ таъсири мусбат расонанд:

–Коркарди системаи илмию мониторингие, ки таъсири қонунҳои навро дар хориҷа фавран таҳлил карда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон диҳад, ки пеш аз ба вуҷуд омадани буҳрон чора андешад (проактив бошад, на реактив);

–Таъсиси марказҳои боварӣ ва ёрии ҳуқуқии мустақим ва шабонарӯзӣ дар шаҳрҳои калони кишварҳои қабулкунанда, ки натанҳо машварат диҳанд, балки дар судҳо аз ҳуқуқи шаҳрвандони мо ҳамчун адвокати давлатӣ дифоъ кунанд

–Таҳияи барномаҳо ва механизмҳое, ки муҳофизати фаврии ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистонро дар хориҷа таъмин мекунад;

–таблиғи сиёсати фарҳангӣ ва симои мусбати тоҷикон дар расонаҳои кишварҳои қабулкунанда. Сиёсати давлат бояд натанҳо бо ҳуҷҷатҳо, балки бо корҳои идеологӣ дар фазои иттилоотии хориҷа роҳандозӣ шавад, то бегонаситезӣ (ксенофобия) ва бадбинии этникӣ коҳиш дода шавад;

–табдили муҳоҷират аз механизми маркетинги сиёсӣ ба воситаи иқтисодӣ. Бастани шартномаҳои байнидавлатии содакардашуда бо кишварҳои Халиҷ, Аврупо ва Осиёи Шарқӣ (Корея, Ҷопон).

Барномаҳои дастгирии инклюзивӣ (фарогир) ва мақсадноки равандҳои муҳоҷират ба коҳиш додани хавф ва рискҳои муҳоҷират, алалхусус миёни ҷавонон мусоидат намуда бояд хизматрасониҳои зеринро дар бар гиранд:

–Барномаи нави самтгирии (ориентатсионӣ) қабл аз сафар;

–Барномаҳои забономӯзӣ (бо истифода аз маводи таълимӣ оид ба фарҳанг ва таърихи кишварҳои қабулкунанда;

–Барномаи гендерӣ;

–Барномаи саводнокии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК). Ин ҷо метавон зербарномаи беҳдошти рақамиро низ илова кард (цифровая гигиена), ки муқовимат ба иттилооти бардурӯғро (фейк) тақвият медиҳад;

–Лоиҳаи озмоишӣ (пилотӣ) ҷиҳати тағйири рафтори муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо дар ҷамоаҳои бегона;

–Хизматрасониҳои машваратӣ доир ба корёбӣ барои муҳоҷирони кории баватанбаргашта. Ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбҳои бозоргир: таъмири лифтҳо, эскалаторҳо ва мошинҳои барқӣ;

–Барномаи саводнокии молиявӣ: истифодаи дурусти маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ғайра.

АДАБИЁТ

1. Амирзода Р. Муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. – Душанбе: Ирфон, 2021.

2. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Гузориши солона. – Душанбе, 2024.

3. Сердюков К. Преступность иностранных мигрантов в России: факты и домыслы. Демографическое обозрение / Demographic Review 2024; 11(3). –С. 88-101.

4. Мирзоев С. Бозори меҳнат ва дурнамои демографӣ.–Душанбе: Дониш, 2022.

5. Олимова С., Олимов, М. Трудовая миграция из Таджикистана.– Душанбе: Ирфон, 2003. – 120 с.

6. “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”. –Душанбе, 2016. – 145 с.

7. Султанов З. Социально-экономическое значение и проблемы внешней трудовой миграции // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2014. – №2 (127). – С.126-133.

8. Трудовая миграция в Таджикистане: социальные и экономические аспекты. – Душанбе, 2011. – 152 с.

9. Умаров Х., Ульмасов Р. Внешняя трудовая миграция в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 2005.

10. Умаров Ҳ. Чолишҳои иқтисодӣ ва муҳоҷират. – Душанбе, 2023.

11. Улмасов Р. Все люди на земле–мигранты.–Душанбе: Ирфон, 2016. – 260 с.

12. Улмасов Р. Развитие государственного регулирования временной трудовой эмиграции из Таджикистана в РФ (автореф. докт. дис.). – Москва, 2010.

13. Улмасов Р. Миграция: вчера, сегодня и завтра. https://russiancouncil.ru/blogs/rahmon-ulmasov/migratsiya-vchera-segodnya-i-zavtra/

14. Улмасов Р., Василенко В. Глобализация и трудовая миграция. – Душанбе: РТСУ, 2012.

15. Улмасов Р. Трансформация на российском рынке труда.– Душанбе, 2024.

НАУЧНЫЙ АНАЛИЗ ПРОЦЕССОВ ТРУДОВОЙ МИГРАЦИИ: ПРОБЛЕМЫ, ВЫЗОВЫ И ГЕОПОЛИТИЧЕСКАЯ РЕАЛЬНОСТЬ

САЙДАЛИЕВ ДОДАРБЕК МАДАЛИЕВИЧ,
кандидат политических наук, кафедра философии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки
735360, Таджикистан, город Куляб, ул. Дж. Расулова 51;
тел: (+992) 934-44-05-05: e-mail: csscshahrvand@gmail.com

Статья посвящена анализу актуальных проблем трудовой миграции из Таджикистана в условиях изменения геополитической и экономической ситуации 2024-2026 годов. В работе рассматриваются критическая зависимость ВВП страны от денежных переводов, демографические вызовы в сельской местности и влияние ограничительной политики Российской Федерации на положение мигрантов. Автор, опираясь на труды ученых, обосновывает необходимость структурных реформ, диверсификации рынков труда и разработки новой стратегии государственного регулирования.

Ключевые слова: *трудовая миграция, ВВП, денежные переводы, Российская Федерация, рынок труда, экономический прогноз, миграционная политика, сельская местность, молодежь.*

SCIENTIFIC ANALYSIS OF LABOR MIGRATION PROCESSES: ISSUES, CHALLENGES, AND GEOPOLITICAL REALITY

SAYDALIEV DODARBEK MADALIEVICH,
PhD in Political Science, Department of Philosophy,
Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob city, J. Rasulov st. 51;
tell: (+992) 934-44-05-05; e-mail: csscshahrvand@gmail.com

The article is devoted to the analysis of urgent problems of labor migration from Tajikistan in the context of changing geopolitical and economic situations in 2024-2026. The paper examines the critical dependence of the country's GDP on remittances, demographic challenges in rural areas, and the impact of the restrictive policies of the Russian Federation on the situation of migrants. Relying on the findings of scientists, the author substantiates the need for structural reforms, diversification of labor markets, and the development of a new state regulation strategy.

Keywords: *labor migration, GDP, remittances, Russian Federation, labor market, economic forecast, migration policy, rural areas, youth.*

БА МАЪЛУМОТИ МУАЛИФОН

Дар маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният»** мақолаҳо дар соҳаи илмҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалсафа нашр мегарданд, ки натиҷаи тадқиқоти илмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳо мебошанд. Ҳайати таҳририяи маҷалла ба муаллифон тавсия медиҳад, ки ҳангоми ирсоли мақола ба ҳайати таҳририя талаботи зеринро қатъиян риоя намоянд:

1. Мақолаҳо бо тавсияи сармуҳаррири маҷалла ё муовинони ӯ қабул карда мешаванд.

2. Матни мақола бояд дар барномаи **MS Word** бо ҳуруфи **Times New Roman 12 пт** барои мақолаҳои забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода гардида, дар шакли файли электронӣ (дар диск) ва нусхаи чопӣ пешниҳод карда шавад. Барои компютерҳо бо **Windows XP** ва ҳар гуна версияи **MS Office** истифодаи муҳаррири клавиатурии **Keyman** тавсия дода мешавад. Фосилаи байни сатрҳо – **1,15.** Ҳамаи саҳифаҳои дастхат бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

3. Ҳаҷми мақола набояд аз 10 саҳифаи матни компютерӣ зиёд бошад, ба инобат гирифтани матн, ҷадвалҳо, рӯйхатти адабиёт (на бештар аз 15 манбаъ), расмҳо, ки шумораашон на бештар аз 6 адад бошанд.

4. Расмҳо, диаграммаҳо ва аксҳо бояд дар формати ҳамон барномае, ки дар он омода шудаанд, пешниҳод гарданд. Диаграммаҳо дар формати **Excel**, расмҳо ва аксҳо дар формати **JPEG** пешниҳод карда шаванд.

Таҳияи мақола:

1. Саҳифаи аввал бояд дорои маълумоти зерин бошад: Рамзи УДК, ному насаби пурраи муаллиф(он), дараҷа ва (ё) унвони илмӣ, мансаб, номи муассиса(ҳо), ки мақолаи пешниҳодшуда дар он(ҳо) таҳия гардидааст, нишонӣ (почтавӣ ва электронӣ), рақамҳои телефон, номгӯйи пурраи ихтисос.

2. Ихтисоркунии калимаҳо, номҳо ва истилоҳот иҷозат дода намешавад, ба истиснои воҳидҳои ченак, бузургиҳои физикӣ, химиявӣ ва математикӣ, истилоҳот ва ғайра.

3. Иқтибосҳо ба адабиёти истифодашуда дар дохили матни мақола дар қавсҳои мураббаъ (квадратӣ) ишора карда мешаванд, масалан: [1], [1, 3–5]. Рӯйхатти адабиёт (бо унвони "Адабиёт") бо тартиби алифбо таҳия гардида, чунин тарз бояд риоя карда шавад:

– барои китобҳо: ному насаби муаллиф, номи пурраи китоб, ҷилд ё шумора, ҷойи нашр, ношир, соли нашр, шумораи саҳифа ё шумораи умумии саҳифаҳо.

– барои маҷаллаҳо: ному насаби муаллиф, унвони мақола, номи маҷалла, сол ва шумораи маҷалла, рақами саҳифа ё саҳифаи аввал ва охири мақола.

НАМУНА:

1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство).–Душанбе: Авесто, 2009.–С.8.*

2. *Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.*

Ба мақола бояд хулосаи мухтасар (резюме) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ (на камтар аз 5 сатр) ва калидвожаҳо (аз 3 то 10) замима гардад.

Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки тасҳеҳ ва кӯтоҳсозии матни мақолаҳо, инчунин, , тавсия барои депонатсияи онҳо (нигоҳдории расмӣ) диҳад.

Мақолаҳое, ки ба ин талабот ҷавобгӯй нестанд, қабул карда намешаванд.

Матни ирсолшудаи мақола ниҳоӣ буда, бояд дақиқ таҳия, санҷида, бидуни ислоҳот ва бо имзои муаллиф(он) пешниҳод карда шавад. Маълумоти муфассалро доир ба талаботи таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо дар вебсайти (http://m.vestnik.mts.tj/.) дастрас кардан мумкин аст.

Эзоҳ. Назари муаллифон ва ҳайати таҳририя метавонад фарқ кунад. Масъулияти истифодаи дурусти манбаъ, далел ва рақамҳо бар зиммаи муаллифон мебошад.

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В журнале Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан **«Международные отношения и безопасность»** печатаются статьи в области политологии, экономики и философии, которые являются результатами научно–исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе **MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт** для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с **Windows XP** и любой версией **МС Офис** необходимо использовать клавиатурный редактор **Keyman**. Интервал между строками – **1,15.** Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса(почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в алфавитном порядке и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и

инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

НАПРИМЕР:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее5 строк) и ключевые слова (3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию.

Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте (http://m.vestnik.mts.tj/).

Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.

TO THE AUTHORS

The journal of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan "International Relations and Security" publishes articles in the field of political science, economics and philosophy, which are the results of research works of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan and other institutions. The editorial board of the journal draws the attention of the authors to the necessity to strictly observe the following rules when sending an article to the editorial board:

1. Articles are accepted upon the recommendation of the chief editor of the Herald or his deputies.

2. The article must be submitted to the editorial board in both electronic format (on a removable disk) and a printed copy. It should be prepared using MS Word, with the font Times New Roman 12 pt. for articles in Russian, Tajik, and English. For computers running Windows XP and any version of MS Office, the Keyman keyboard editor should be used. The line spacing must be 1.15, and all pages of the manuscript must be numbered.

3. The size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including text, tables, list of references (not more than 15 sources), figures, the number of which should not exceed 6.

4. Figures, diagrams, and photographs must be submitted separately in the format of the program in which they were created. Diagrams should be in Excel format, and figures and photographs should be in JPEG format.

Article formatting:

1. The title page must include the following information: UDC code, full name(s) of the author(s), scientific degree and (or) title, position, name of the institution(s) where the submitted article was prepared, postal and email addresses, phone numbers, and the full name of the specialty.

2. Abbreviations of words, names, titles are not allowed, except for generally accepted abbreviations of measures, physical, chemical and mathematical quantities, terms, etc.

3. References to the cited literature are given in the text of the article in square brackets, for example: [1], [1, 3-5]. The list of references is given in a general list (under the heading "Literature") in alphabetical order and is arranged as follows:

– For books: author's surname and initials, full title of the book, volume or issue, place of publication, publisher, year of publication, page number, or total number of pages.

– For periodicals: author's surname and initials, title of the article, name of the journal, year and issue number, page number, or the first and last pages of the article.

EXAMPLE:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.

2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. –С.3–5.

Each article must be accompanied by a summary in Russian, English, and Tajik (at least 5 lines) and keywords (from 3 to 10).

The editorial board reserves the right to shorten and edit articles, as well as to recommend their deposition.

Articles that do not comply with these requirements will not be accepted.

The text of the submitted article is final, should be carefully prepared, proofread, without corrections and signed by the author(s). Detailed instructions on the formatting of articles can be downloaded from the website (http://m.vestnik.mts.tj/).

Note: The views of the authors and the editorial board may differ. Authors are responsible for the correct use of sources, facts, and figures.

Адрес редакции: 734025, город Душанбе, улица Шотемура 27;
тел.: (+992 37) 221–11–00; (+992 37) 221–32–36
e–mail: vestnik@mts.tj
Сайт: m.vestnik.mts.tj

Ба матбаа 19.03.2025 таҳвил гардид. Чопаш 18.04.2026
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 37. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 7. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Ҳаёт – 69» ба табъ расидааст.